мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
E-mail: dinorshoev@gmail.com

**Саъдизода Ҷ.**,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: jahon_1967@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

***Фишурда:*** Рушди андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон таърихи хеле куҳан дорад. Он бо бавуҷудоии давлатҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобастагӣ дорад. Нақши бузургро дар рушди ҳуқуқи инсон давлатҳои Тоҳириён ва Сомониён гузоштаанд. Дар мақола муаллифон инкишофи ҳуқуқҳои инсонро дар давлатҳои номбаршуда таҳлил намудаанд.

***Калидвожаҳо:*** Ҳуқуқи инсон, сарзамини таърихии тоҷикон, давлат, асрҳои миёна.

## ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕЙ О ПРАВАХ ЧЕЛОВЕКА В ИСТОРИЧЕСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (7 - НАЧАЛО 20 ВЕКА)

**Диноршоев А.М.,**
заведующий кафедрой конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор
E-mail: dinorshoev@gmail.com

**Саъдизода Дж.,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: jahon_1967@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

***Аннотация.*** Формирование идей о надлежащей защите прав человека в Таджикистане имеет долгую и богатую историю, и данный процесс связан с тем, что на территории Таджикистана в различные периоды существовали различные государства. Заметный вклад в становление и развитие идей прав человека принадлежит первым Таджикским государствам – государству Тахиридов и государству Саманидов. Первоначально идеи прав человека фор-

мировались не как совокупность правовых норм, а как учения о справедливости, равенстве, мудрости, разуме, гуманизме и т.д. В данной статье предпринята попытка проследить тенденции формирования идей прав человека в указанных государствах.

***Ключевые слова:*** Права человека, исторический Таджикистан, государство, средневековье.

## FORMATION OF IDEAS ON HUMAN RIGHTS IN HISTORICAL TAJIKISTAN IN THE MIDDLE AGE (7 - BEGINNING OF THE 20TH CENTURY)

**Dinorsoev A.M.**,
Head of the Department of Constitutional Law of the Law Faculty, Tajik National University, Doctor of Legal Sciences, Professor
E-mail: dinorshoev@gmail.com

**Sadizoda J.,**
Junior lecturer of the Department of human rights and comparative law of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: jahon_1967@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

***Annotation.*** The formation of the ideas of human rights in Tajikistan has a long and rich history, and this process is related to the fact that the territory of Tajikistan in different periods, there were various states. Significant contribution to the development of ideas of human rights belongs to the first Tajik state - the State of Tahirids and Samanids state. Initially, the idea of human rights is not formed as a body of law, and as a doctrine of justice, equality, wisdom, reason, humanism, etc. Also the formation of ideas of human rights in the territory of the historic Tajikistan strongly influenced by religious teachings, in particular, Zoroastrianism and Islam. This article attempts to trace the trends shaping the ideas of human rights in these countries. The formation of the ideas of human rights in Tajikistan has a long and rich history, and this process is related to the fact that the territory of Tajikistan in different periods, there were various states. Significant contribution to the development of ideas of human rights belongs to the first Tajik state - the State of Tahirids and Samanids state. Initially, the idea of human rights is not formed as a body of law, and as a doctrine of justice, equality, wisdom, reason, humanism, etc. This article attempts to trace the trends shaping the ideas of human rights in these countries.

***Keywords:*** Human rights, historical Tajikistan, the state, the Middle Ages.

Яке аз давраҳои рушди андешаи ҳуқуқи инсон асрҳои миёна ба ҳисоб меравад, ки бо пайдоиши давлатҳои феодалӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон пайвандӣ дорад. Ин марҳила ба давраи ташкилёбии давлатҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Ғуриён рост меояд. Ҳамзамон, дар ин давра чунин давлатҳо ба монанди Қарахониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Манғитиён арзи ҳастӣ намудаанд. Новобаста аз оне, ки оид ба марҳилаи мазкур олимони ватанӣ, ба монанди Тоҳиров Ф.Т., Холиқов А.Ғ., Насриддинзода Э.С., Буриев И.Б., Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Саъдизода Ҷ. тадқиқот бурдаанд, аммо дар онҳо самти ҳуқуқи инсон ба таври комил мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст [9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16].

Дар асрҳои VII-VIII ҳудуди таърихии тоҷикон аз ҷониби арабҳо ишғол гардида, паҳн кардани дини Ислом аз ҷониби онҳо дар минтақаҳои тасарруфкарда идома меёбад. Онҳо тарзи нави идоракуниро дар минтақаҳои ишғолкардаашонро ҷорӣ менамоянд.

Дар охири асри VIII ва аввали асри IX Хилофати Араб буҳрони бузурги сиёсиро аз сар мегузаронад. Ин буҳрон бо мушкилшавии идора кардани ҳудудҳои ишғолкардааш алоқаманд буд. Бо ин сабаб дар ин минтақаҳо зуд-зуд хуруҷ (инқилоб)-ҳои халқӣ сар мезаданд, ки ин ба заифшавии хилофати Араб ва пайдоиши давлатҳои мустақил дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ оварданд.

Барои нигоҳ доштани ҳокимияти худ халифаҳои араб ба ашрофзодагони маҳаллӣ такя мекарданд. Нақши онҳо махсусан дар давраи ҳукмронии халифа Маъмун назаррас буд. Ба давраи ҳукмронии ӯ ва ворисонаш пайдоиши давлатҳои тоҷикон – Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён рост меояд.

Арабҳо ба онҳо мустақилият дода, бар ивази он уҳдадории таъмини пайвастаи хилофатро бо андоз аз минтақаҳое, ки дар зери ҳокимияти ислом буданд, нигоҳ доштанд [4, с. 316-317].

Аввалин давлате, ки бо ин тарз ташкил гардид, давлати Тоҳириён буд. Асосгузори он Тоҳир ибни Ҳусайн мебошад. Давраи шукуфоӣ ва пешравии ин давлат ба замони ҳукмронии Абдулло ибни Тоҳир (солҳои 828-844) рост меояд.

Чи тавре, ки А.Э. Шмидт қайд мекунад, барои дар мамлакат ноил шудан ба тартибот ва таъмини ҳокимияти устувор Абдулло ибни Тоҳир бештар ба аҳолии маҳаллӣ – заминдорон аҳамият медод. Ғамхорӣ нисбат ба ин гурӯҳи аҳолӣ дар он ифода меёфт, ки Абдулло ибни Тоҳир ба қонунгузорони замон фармон дода буд, то ба «Китоб дар бораи обанборҳо (ҷӯйҳо)» тағйирот ворид созанд ва ба ин табақа имтиёз пешбинӣ намоянд. «Китоб дар бораи обанборҳо (ҷӯйҳо)» ҳимояи деҳқононро аз ҷониби кормандони Абдулло ибни Тоҳир ва имтиёзҳои онҳоро пешбинӣ менамуд [8, с. 130].

Ҳангоми тасвири ҳаёт ва фаъолияти Абдулло ибни Тоҳир В.В. Бартолд қайд мекунад, ки маҳз хайрхоҳӣ нисбат ба табақаи поёнӣ ва пайваста аз ҳоли онҳо бохабар будан ӯро водор намуд, ки таҳсил ва илмро барои ҳама дастрас созад [3].

Дар давлати Тоҳириён ба сифати низоми асосии ҳуқуқ, ҳуқуқи мусулмонӣ хизмат мекард. Аммо дар баробари ин шакли позитивии ҳуқуқ ба мисли фармонҳои шоҳ ва ҳокимон паҳн шуда буд. Шакли дигари паҳншудаи ҳуқуқэҷодкунӣ миръоти шоҳӣ ё насиҳатҳои шоҳӣ буд. Яке аз машҳуртарин намунаи он насиҳатномаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдулло ибни Тоҳир мебошад. Насиҳатномаи мазкур як қатор васиятҳоро дар бар мегирад, ки Абдулло ибни Тоҳир ҳангоми идора кардани давлат бояд истифода мебурд. Дар насиҳатнома ба таъмини баробарӣ, адолат ва инсондӯстӣ диққати махсус дода шуда буд.

«Дар ҳақиқат, – Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш муроҷиат мекунад, – Худо ба ту баракат дода, уҳдадории бо ғуломони худ фурутан буданро лутф кард, ғуломоне, ки туро ба онҳо гумошта сохт, то дар муносибат бо онон боадолат бошӣ, танҳо ҳақиқат ва муқаррароти Худоро пайравӣ намоӣ, ғуломонро ҳимоягар бошиву занону духтарони онҳоро соябон, аз рехтани хуни онҳо бипарҳез, роҳи онҳоро бехатар гардон ва ба онҳо ҳаёти ормонаро таъмин соз» [8, с. 130].

Ӯ гуфтаҳои худро давом дода мегӯяд: «Ба беморон аз хазинаи давлат нафақа бидеҳ; дар навбати аввал ба онҳое нафақа деҳ, ки аз Қуръон огоҳ бошанд, умуман ба онҳое, ки қисматҳои зиёди онро дар хотир доранд. Барои мусулмонони бемор хонаҳои махсус ташкил кун, ки дар он ҷо паноҳгоҳ ёбанд; одамонеро таъин намо то онҳоро нигоҳубин кунанд, табибон онҳоро табобат ва тамоми хоҳишҳои онҳоро амалӣ намоянд ва ин наметавонад боиси сарфаи воситаҳои давлатӣ гардад» [8, с. 130].

Дар насиҳатномаи мазкур падар Абдуллоро ба амалӣ кардани ормони шоҳи хирадманд ва роҳбари боадолат даъват мекунад: «Чунин шароите

фароҳам намо, ки одамон ба ту дастрасии озод дошта бошанд, бигузор онҳо рӯи туро бинанд, посбонҳои худро маҷбур кун то бо онҳо хуб муомила кунанд, бо онҳо меҳрубон ва самимӣ бош, дар сухангӯӣ ва саволҳоят бо онҳо ҳалимона рафтор намо ва саховату лутфи худро ба онҳо равона кун» [8, с. 130].

Бояд қайд кард, ки насиҳатномаи мазкур ҳуҷҷати аҷиби давлатдории хирадмандонаи мардуми мусулмони Шарқ дар асри IX мебошад. Ҳамаи ин далели ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъминоти иҷтимоӣ, баробарӣ ва адолат ҳангоми идора кардани давлат дар давлатдории тоҷикон буда, ба сифати ҷузъи хурди анъанаи давлатдории ниёгон қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар адабиёти вобаста ба таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дуруст қайд карда мешвад, ки аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва маънавии насиҳатнома то ба он дараҷа муҳим мебошад, ки метавон онро дар замони муосир низ ба сифати дастури хубе оид ба идоракунии давлат барои сиёсатмадорон ва роҳбарон истифода намуд [6, с. 595].

Пас аз барҳам хӯрдани давлати Тоҳириён давлати Сомониён ба миён омад. Пайдоиши давлати Сомониён дар таърихи халқи тоҷик ва рушди андешаи ҳуқуқи инсон нақши бориз ва нишонаи неке боқӣ гузошт. Давлати Сомониён, ки дар як давраи парокандагӣ ва ҳассос пайдо шуд, зери роҳбарии Исмоили Сомонӣ дар мудати кӯтоҳ тавонист ба давлати абарқудрату мустақил ва дорои иқтисодиёти пешрафта мубаддал гардад. Ба чунин пешравиҳо гузаронидани як қатор ислоҳот ва андешидани чораҳо мусоидат намуданд, ки дар натиҷаи онҳо низоми идоракунии марказии давлат ба танзим дароварда шуд. Моҳияти ин ислоҳот дар низоми соддакардашудаи идоракунии давлат нисбат ба давраи Сосониён ва Аббосиён ифода меёфт. Дар асоси ин низом Сомониён ҳокимияти давлатиро ба пуррагӣ зери тобеияти худ нигоҳ медоштанд ва вазифаҳои идоракуниро байни ду сохтори муҳимми дастгоҳи давлатӣ: даргоҳ ва девонҳо, тақсим мекарданд [2, с. 45].

Ҳамин тариқ, дар давлати Сомониён тақсими мушаххаси вазифаҳо дар байни мақомот ҷой дошт.

Яке аз мақомоти муҳимми идоракунӣ дар давлат девони қозӣ буд, ки онро қозии бузург роҳбарӣ мекард ва вазифаи амалӣ кардани адолати судиро ба зимма дошт. Дастгоҳи қозӣ аз ноибон-ҷонишинҳо, мирзоҳо-котибон, котибони мурофиаи судӣ, судиҷрочиён, дарбонон ва муллозимон-қосидон иборат буд [4, с. 350-351]. Ҳамзамон зинаи олии судӣ амир – сардори давлат ба ҳисоб мерафт.

Чи тавре, ки Р.С. Одинаев қайд мекунад, дар давлати Сомониён амир дар баробари роҳбари давлат буданаш, инчунин, ҳокимияти олии судиро амалӣ мекард. Ҳангоми дар сӯистифода гумонбар шудани қозиҳо ва ҳокимони ин ё он вилоят, амир аз болои онҳо адолати судиро ба анҷом мерасонид. Дар натиҷаи омӯзиши сохтор ва шакли фаъолияти падидаи мазолим Р.С. Одинаев ба хулосае меояд, ки вобаста ба навъи фаъолият ва вазифаи худ он шабеҳи падидаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – «омбудсмен» аст.

Механизми адолати судии мазолимро шикоятҳои шахсони алоҳида ба кор медаровард. Лекин, ваколатҳои ӯ бо ин ба анҷом намерасид. Мазолим ҳуқуқ дошт бо ихтиёри худ ё дар натиҷаи амалӣ кардани фаъолияти назоратии худ тафтишоти судии хешро нисбати мансабдорон оғоз кунад [5, с. 26-27].

Сарчашмаи муҳимми дигаре, ки дар ташаккули низоми ҳуқуқӣ ва сохтори давлатии Тоҷикистони таърихӣ нақши бузурги худро гузоштааст, «Темурнома» («Тузукӣ» -и Темур) мебошад.

Охири асри XIV Байнаннаҳрайн, ки ба он ҳудуди таърихии тоҷикон низ шомил буд, ба яке аз минтақаҳое мубадал гардида буд, ки дар он шӯришу задухурдҳои мурдумӣ тез-тез рух медод. Дар ҳамин маврид солҳои 70-уми асри XIV дар улуси Чағатай Темур ба сари ҳокимият меояд, ки тахти ҷангҳои истилогарона дар ин ҳудуд империяи худро таъсис медиҳад.

Барои ба тартиб даровардани идоракунии давлат ӯ «Темурнома» («Тузукӣ»-и Темур)-ро қабул менамояд. Тавре Г.С. Азизқулова қайд мекунад: «Темурнома» («Тузукӣ»-и Темур) таҷассумгари як навъ кодекси ҳуқуқӣ, ҳарбӣ-маъмурии марҳилаи феодализм мебошад [1, с. 87].

Ӯ дар «Темурнома» («Тузукӣ»-и Темур) тартиби амалигардонии ҳокимиятро муқаррар намуда буд. Он ҳокимияти номаҳдуди давлатро ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаҳо пешбинӣ мекард. Аммо масъалаҳои муҳим мувофиқи он дар Шӯро ҳал мешуданд. Шӯро аз шоҳзода ва сарлашкарони ҳарбӣ иборат буд. Бояд қайд кард, ки дар фарқият аз давлати Сомониён дар давлати Темуриён ҳокимияти судӣ аз ҷониби қозиҳо вобаста ба дараҷаи парванда, ки ба онҳо тобеият дошт, амалӣ мегардид.

Темур барои барқарор ва корам кардани «заминҳои бикр» бештар ташаббус нишон медод. Шахсоне, ки ба ин кори мушкил ва бошараф даст мезаданд, дар давлати Темур ба онҳо имтиёзҳои муайян дода шуда буд. Чунончи, соли аввал аз онҳо ягон навъи пардохт рӯёнида намешуд, дар соли дуввум ҳар чизе, ки худи онҳо медоданд, давлат қаноат мекард ва танҳо дар соли сеюм аз онҳо хироҷ мувофиқи муқаррароти умумӣ рӯёнида мешуд [1, с. 87].

Бояд қайд намуд, ки таъсири низоми идоракунии давлатҳои Сомониён ва Темуриён ба тарзи давлатдории давлатҳои баъди онҳо таъсисёфтаи Осиёи Миёна бисёр бузург ва бориз будааст ва он то забти ин минтақа аз ҷониби Россия идома ёфтааст.

Истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Россия дар охири асри XIX ба ташаккули ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон таъсири бузург расонид. Дар ин давра низоми идоракунӣ, сохтори маъмурию ҳудудӣ ва низоми ҳуқуқии ин минтақа иваз гардид. Тағйироти куллӣ махсусан низоми судӣ ва андозро фаро гирифт.

Ҳамон тавре, ки Ф.Т. Тухтаметов қайд мекунад, давраи ишғоли Туркистон аз тарафи Россия ба давраи оғози равандҳои бебозгаште, ки дар худи империя рӯй медоданд – бекор кардани ҳуқуқи крепостноӣ дар соли 1861 ва оғози ислоҳоте, ки моҳияти он бо воридшавӣ ба ҳуқуқи империявӣ, мустаҳкам кардани мутлақияти ҳокимият алоқаманд буд, рост меомад [7, с. 42]. 6-уми августи соли 1865 аввалин «Низомномаи муваққатӣ оид ба идоракунии вилояти Туркистон» қабул карда шуд. Мақсади асосии ин санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз «… барқарор кардани оромӣ ва бехатарӣ дар қаламравҳои нави русҳо бо роҳи муайян кардани асосҳои умумии идоракунӣ» иборат буд. Бар дӯши маъмурияти вилоят танҳо назорати умумӣ аз болои аҳолии маҳаллӣ вогузор шуда буд. Низомнома ваколатҳои ҳокимиятиро ба роҳбарияти ҳарбӣ дода буд. Ҳамин тавр, нисбат ба Туркистон «муқаррароти истисноӣ» муайян карда шуд, акнун ҳокимият пурра дар тобеияти муассисаҳои ҳарбӣ қарор дошта, нисбат ба аҳолии таҳҷоӣ меъёрҳои ҳарбӣ-маъмурӣ татбиқ карда мешуд. Ҳокимият барои робита бо аҳолии таҳҷоӣ ва ҳалли масъалаҳо хироҷро ҳамчун ҳисоботи маъмурияти «бегона» дар симои идораҳои волостҳо ва деҳаҳо нигоҳ медошт.

Губернатори ҳарбӣ М.Г. Черняев ҷазоҳои асримиёнагии ҳукми қатли оммавӣ, нигоҳ доштани маҳкумшудагон дар зиндонҳо, буридани дасту пойро бекор намуда, ҳамчунин андоз барои ғайримусулмонҳоро, ки барои Русия муфид набуд, аз байн бурд. Хироҷҳои асосие, ки маъмурияти «маҳаллӣ» ғун мекард – хироҷ аз ҳосил ва боҷ аз хариду фурӯш боқӣ монданд [7, с. 42].

Минбаъд вазъи ҳуқуқии генерал-губернатории Туркистон тавассути «Низомнома дар бораи идораи кишвари Туркистон» (аз соли 1886) ба танзим дароварда мешуд [1, с. 103].

Ф.Т. Тухтаметов низоми ҳуқуқии генерал-губернатории Туркистонро таҳлил намуда, санадҳои ҳуқуқии дар он ҳудуд амалкунандаро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: 1) санадҳои умумӣ-империявӣ ва 2) санадҳои махсус (ки танҳо дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон қувваи ҳуқуқӣ доштанд).

Ба санадҳои умумӣ-империявӣ ӯ ҳамаи санадҳои қонунгузории Россияро, ки дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон бо як қатор истисноҳо татбиқ мешуданд, мансуб медонад. Ба гурӯҳи махсуси санадҳои меъёрӣ бошад, «Низомнома дар бораи идораи вилоятҳои Акмолинск, Семипалатинск, Семиречинск, Урал ва Тургайск» (аз соли 1891), «Низомномаи муваққатӣ дар бораи идораи вилояти Закаспий» (аз соли 1892)-ро дохил мекунад. Ҳамчун санадҳои махсус, инчунин низомномаҳо доир ба ҳалли масъалаҳои шаҳрвандӣ, ҳоҷагидорӣ, андоз, масъалаҳои истифодаи замин ва ташкили андози замини аҳолии кӯчманчӣ ва ғайра низ дохил мешуданд [7, с. 42].

Ташаккули низоми судӣ бошад, се давраро аз сар гузаронида аст. Даври аввал ба соли 1867 рост меояд, ки судҳои империявӣ таъсис ёфта буданд ва ба онҳо судҳои уездҳо, идораҳои вилоятӣ (онҳо дар баробари ваколатҳои маъмурӣ, ҳокимияти судиро ҳамчун судҳои ҳакамӣ ва палатаи судҳои ҷиноятию шаҳрвандӣ низ амалӣ мекарданд), комиссияҳои ҳарбии судӣ шомил буданд.

Ислоҳоти минбаъда бо қабули «Низомнома дар бораи идораи кишвари Туркистон» (аз соли 1886) алоқаманд буд. Мувофиқи ин санад сохтори ҳокимияти судӣ тағйир ёфт ва акнун он аз судҳои ҳакамӣ, судҳои вилоятӣ ва шуъбаи Шӯрои ҳукмрон, ки дар Низомнома ҳамчун зинаи болоии шикоятӣ муайян гардида буд, ташкил ёфт.

Дар кишвари Туркистон ислоҳоти судӣ танҳо дар охири асри XIX ба анҷом расид. Бо қабули Қонун «Дар бораи ислоҳоти қисмати судӣ дар Туркистон ва вилоятҳои Саҳроӣ» (аз 2-юми июли соли 1898) низоми судии империявӣ дар асоси «Низомномаи судӣ»-и соли 1864 ба амал бароварда мешуд, ки баъдан судҳои ҳакамӣ, судҳои округӣ (ба ҷойи вилоятӣ) ва палатаҳои судӣ ташкил карда шуданд [7, с. 42].

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ташаккули низоми нави ҳуқуқӣ, сохтори судӣ ва тағйири низоми ҷазо маҳз дар ҳамин давра сурат мегирад. Ин дигаргуниҳо ҳамчун заминаи устувори ташаккули низоми ҳуқуқии Шӯравӣ ва оғози канораҷӯӣ аз меъёрҳои динӣ гардиданд.

**Адабиёт**


1. Азизкулова Г.С. История государства и права Таджикистана. – Душанбе, 1995. – С. 87.
2. Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе, 1999. – С. 45.
3. Бартольд В.В. Сочинения. Работы по истории ислама и Арабского халифата. – М., 1966.
4. Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. История государства и права Таджикистана. Қисми 1. – Душанбе, 2013. – С. 316-317.
5. Одинаев Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане: Дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – С. 26-27.
6. Рахмон Эмомали. Таджики в зеркале истории. – Душанбе, 2012. – С. 595.
7. Тухтаметов Ф.Т. Правовое положение Туркестана в Российской империи. Вторая половина XIX века: историко-правовое исследование: Автореф. дис. … д-ра юрид. наук. - М., 2003. – 42 с.
8. Шмидт А.Э. Идеал мусульманского правителя-наместника IX века (III века хиджры): Послание Тахира ибн-ал-Хусейна к сыну своему Абдаллах Ибн-Тахиру//Бюллетень Средне-Азиатского государственного университета. Вып. 8. – С. 130.
9. Тахиров, Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.

10. Халиков А. Г. Хадис как источник мусульманского права (суннитское направление) / А.Г. Халиков. – Душанбе, 1998. – 215 с.; Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе, 2007. – 92 с.; Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / А.Ғ Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
11. Насурдинов, Э.С. Правовая культура: монография / Э.С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.
12. Буриев, И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII - начало XX вв.) / И.Б. Буриев. – Душанбе, 1999. – 199 с.
13. Диноршоев, А.М. Права человека в истории общественной мысли / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 190 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон: монография / А.М. Диноршоев, Ҷ. Саъдизода, З.Б. Имомова. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.
14. Сафаров, Б.А. Формирование раннего исламского государства / Б.А. Сафаров. – Душанбе, 2011. – 200 с.
15. Сафаров, Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры / Д.С. Сафаров. – Душанбе, 2014. – 227 с.
16. Саъдизода Дж. Некрузи Ф. Декларация Кира Великого и Великая Хартия Вольностей: сходства и различия. (на тадж. яз.) // Правовая жизнь. Издательства юридического факультета ТНУ. №2 (10). Душанбе, 2015. – С. 71-85; Саъдизода Дж. Идеи прав человека в трудах Саади Ширази. // Права человека в международном и национальном праве. Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека Юридического института МГПУ / Под общ. ред. Е.М. Павленко. – М.: Права человека, 2015. С.46-52; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. 164 саҳ.; Саъдизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқи инсон дар осори Ҷомӣ. // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» (15-16-уми июни соли 2017) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 120-121; Саъдизода Ҷ. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар замони зардуштия // Паёми ДМТ. (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №2/4. Қисми II. Душанбе, 2017. – С. 204-211.

# ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ТАМАДДУНИ ЗАРДУШТӢ

**Мизробов Ш.Ш.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: dahkat_1988@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Фишурда.*** Дар мақолаи мазкур масъалаи эътирофу эҳтироми ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар тамаддуни зардуштӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қобилияти ҳуқуқдорӣ, яъне соҳиби ҳуқуқ, озодӣ ва ухдадорӣ будани кӯдакро аз замонҳои хеле қадим – аз давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ таҳлил намуда, андешаҳои худро боманбаҳо ва далелҳои муътамади илмӣ асоснок намудааст.

***Калидвожаҳо:*** кӯдак, ҳуқуқи кӯдак, ҳимояи кӯдак, эътирофи ҳуқуқи кӯдак, эҳтироми ҳуқуқи кӯдак, тамаддуни зардуштӣ.

# РАЗВИТИЕ ПРАВ РЕБЁНКА В ЗОРОАСТРИЙСКОЙ ЭПОХЕ

**Мизробов Ш.Ш.,**
ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: dahkat_1988@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Сафарзода Б.А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Азизов У.А., доктор юридических наук, профессор

***Аннотация.*** В данной статье рассматриваются вопросы признания и защиты прав и интересов ребенка в зороастрийской цивилизации. Автор анализирует правособность, т.е. права, свободы и обязанности ребенка с давних времен – периода зороастрийской правовой системы – и обосновывает свои мнение и выводы научными источниками и надежными доказательствами.

***Ключевые слова*:** ребенок, право ребенка, защита ребенка, признание прав ребенка, уважение прав ребенка, зороастрийская эпоха.

# DEVELOPMENT OF RIGHTS OF CHILD IN ZOROASTIAN ERA

**Mizrobov SH.SH.,**
the Assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
E-mail: dahkat_1988@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor:** Safarzoda B.A., doctor of law, professor
**Research supervisor:** Azizov U.A., doctor of law, professor

***Annotation.*** The article deals with the issues of recognition and protection of the rights and interests of the child in the Zoroastrian civilization. The author analyzes the legal capacity, ie. rights, interests and freedoms of a child from the very ancient time – the period of the Zoroastrian legal system – and substantiates his opinion and conclusions with scientific sources and reliable evidence.

***Keywords*:** Child, Right of Child, Protection of Child, Recognition of Rights of Child, Respect of the Rights of Child, Zoroastian Era.

Дар ҷаҳон кам миллатҳое вуҷуд доранд, ки дорои таъриху тамаддуни куҳан бошанд. Хушбахтона, миллати тоҷик аз ҷумлаи миллатҳоест, ки дорои таърих, фарҳанг ва забони қадим буда, аз дастовардҳои нодираш, ки дар тули таърих ба даст овардааст, ифтихор менамояд. Тоҷикон дар саромади кишварҳое қарор доранд, ки ба инсоният ҳуқуқ, озодӣ ва адолатро инъом намудаанд. Ҳуқуқ, озодӣ ва адолатро онҳо ҳанӯз дар Авасто – китоби муқаддаси зардуштиён ва Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир мустаҳкам намуда буданд, ки аз таҷрибаи ғании онҳо баъдан ҷомеаи инсонӣ истифода намудааст [9, с. 94-104].

Тамаддуни зардуштӣ, ки таърихи беш аз 3500-4000-соларо дорост, фарогири на танҳо масъалаҳои умдаи замони худ, балки фарогири мавзӯъҳоест, ки дар замони муосир ба мушкилоти аввалиндараҷаи халқу миллатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тоҷикон аз қабили халқияту миллатҳои бофазлу хирадманде будаанд, ки ба масъалаҳои гуногун аз нуқтаи назари ақл ва адл нигариста, натиҷаи одилонаро ба дигарон тавсия менамудаанд. Аз ин ҷост, ки дар замонҳои гуногун халқияту миллатҳои алоҳида дастовардҳо ва тамаддуни ин миллатро омӯхта дар инкишофи соҳаҳои гуногуни худ онҳоро татбиқ намудаанд, ки баъдан онҳо на танҳо ба як е ду миллат, балки ба ҷомеаи башарӣ хизмат намудаанд. Дар ин росто Пешвои миллат бисёр хуб таъкид намудааст: «Тамаддуни ориеӣ бо арзишҳои фарҳангиву ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва робитаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо нақши бисёр муҳим бозидааст, ки осори таърихии бадастомада дар сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва дигар кишварҳо далели он мебошад. Арзишҳои мерос ва фарҳанги ориёӣ на танҳо ифтихори ворисони он, балки ифтихори тамоми башарият ва мероси таърихии башарӣ дониста мешаванд» [15, с. 5].

Ҳангоми таҳлили китоби Авасто ва дигар сарчашмаҳои нодир, ки қисман ва е пурра то замони мо расидаанд, метавон ба масъалаҳои зиёди замони муосир посух пайдо кард ва ба хиради волои тоҷикон таҳсин хонд. Сарчашмаҳои мазкур дорои баландтарин афкори ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буда, фарогири масъалаҳои зиёдеанд, ки яке аз онҳо эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқҳои кӯдак, дуруст тарбия намудану ба воя расонидани фарзанд, инчунин тарзи дурусти барпо намудани оила маҳсуб меёбад.

Авасто чун аввалин китоби динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон кӯдаконро қишри эҳтиёҷманд дарҷ намуда, нисбат ба онҳо ғамхориро раво дидааст, ки инро метавон дар ҷо-ҷои он дарёфт. Масалан, дар Геуш Йашт[3], кардаи якум, банди 1 чунин омадааст:

[3] Авасто бисту як йашт дорад ва номи йашти нуҳуми он Геуш йашт аст, ки дар он ситоишу ниёиши изадбонуи нигоҳбони кӯдакон, чорпоён ва сутурон (Геуш ё Геушташан ё Дрвасп) оварда шудааст.

«Дрваспи[4] тавонои маздоофаридаи ашаванро меситоем, ки сутурони хурдро тандуруст нигоҳ медорад, ки сутурони бузургро тандуруст нигоҳ медорад, ки дӯстонро тандуруст нигоҳ медорад, ки кӯдаконро тандуруст нигоҳ медорад…» [1, с. 219].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки барои нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон фариштае бо номи Дрвасп (бо номҳои Геуш, Геушташан ё Гаушурван низ вомехӯрад) вуҷуд доштааст, ки ӯ онҳоро аз ҳар гуна хатарҳо эмин ва ҳангоми зарурият ба табобаташон машғул мешудааст. Дар тафаккури мардуми Ғарб андешае вуҷуд дорад, ки гӯё барои муҳофизати кӯдакон махсус фариштае мавҷуд аст. Фариштаи мазкур кӯдаконро аз ҳама гуна бадиҳо муҳофизат мекунад. Дар тафаккури мардуми машриқзамин, аз ҷумла қисмати бузурги он, яъне тамаддуни тоҷикон барои муҳофизат, тандурустӣ ва нигаҳбонии кӯдакон чунин фаришта мавҷуд будааст, ки номи он Дрвасп (Геуш, Геушташан ё Гаушурван) мебошад. Мавҷуд будани чунин рамз ё фаришта гувоҳ аз он аст, ки пешиниёни мо ба кӯдакон ҳамчун табақаи махсус ва муҳтоҷ ба ҳимоя муносибат менамудаанд.

Зардуштиён ба чор унсур (оташ, бод, об, хок) эҳтироми хос қоил буданд. Бинобар ин барои тозагӣ, озодагӣ ва ниёиши мепардохтанд. Ҳатто аз ин чор унсур имдод металабиданд. Чуночи дар йаснаи 65 Зардушт аз обҳо чунин хостааст: «Эй обҳо! Хоҳиши бузург аз шумо дорам; онро ба ман арзонӣ доред! Он бахшиши бузурге, ки дар партави он аз фиребу чирагии душман бар канор тавон буд. Эй обҳо! Аз шумо чанд гуна бахшиш хосторам: Неру ва фарзандони нек (ончунон, ки бисёре аз касон орзу доранд) ба-д-он сон ки касе дар пайи зиён расонидан ва ситам варзидан ба-д-онон ва задану рабудану куштани онон набошад» [1, с. 178]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар аҳди қадим кӯдакон ҳамчун табақаи муҳтоҷ ба ҳимоя ва осебпазир ҳисобида мешуданд. Дар замони Зардушт низ инсонҳо хостори фарзандони солеҳ ва ҷасур будаанд, ки тавонанд волидайни худро кӯмак намуда, эҳтиромашонро ба ҷо биёранд. Фарзандоне бошанд, ки нагузоранд то дигарон ба сарзамини онҳо қадам ниҳодаву бо зӯрӣ ба рабудани молу мулки шаҳрвандон машғул гарданд ва онҳоро асиру ғулом, инчунин ба қатл расонанд. Яъне орзуи ҳар як оилаи зардуштӣ аз он иборат будааст, ки фарзанди онҳо баҳри ҳимояи сарзамини худ ҳамеша тайёр ва баҳри он ҷони худро дареғ надоранд. Ҳамзамон аз йаснаи мазкур бармеояд, ки дар аҳди бостон ҳуқуқ ба ҳаёт, озоди аз зулму ситам ва ҳифзи саломатии кӯдак ҳифз мешудааст. Махсусан аз ҷониби чор унсур.

Аз сарчашмаҳои хаттии дигари даврони зардуштия низ аён мегардад, ки гузаштагони мо дар аҳди қадим ба масъалаи тарбияву ба камол расонидани фарзандон диққати хосса зоҳир менамудаанд. Яке аз сарчашмаҳо, ки «Дар бораи оини номанависӣ» ном гирифтааст[5], фарзандро дар баробари падар, бародар ва шахсоне, ки ба онҳо баробаранд бо меҳру шафқат ва гиромитарин афрод дар замин ҳисобидааст: «Ба номи Яздон. Акнун навишта мешавад (бо) навиштае(е) басазо номае ба якояки фармонравоён, ба подшоҳон ва меҳон ва ашроф ҳаме перӯзгар, ба ҳама коргузорони фаррухтар, ба онон, ки нисбати ҳар офарине арзанда (лоиқ) ҳастанд, яздонпаноҳ ва ёридиҳандаи кишвар ба фурӯдастони анӯш ёди ҳазор анӯш, ба бандагон ва фурӯдастон ҳазор анӯш ёд (ба онон ки) аз анӯша ёди (он) андак фароз дошта шудаанд, боозармтарин (ва) гиромитарин (афрод) ба падар ё бародарон ё фарзандон ё ба онон, ки ҳаммонанди падар ва бародар ва фарзанд ҳастанд» [12, с. 204].

Ин гувоҳи он аст, ки оила дар аҳди Зардушт ҷузъи асосии ҷомеаро ташкил дода, ба ҳар як аъзои он эҳтироми хосса зоҳир мегардидааст ва

[4] Дрвасп: (Дар Авасто Дрваспа ва дар паҳлавӣ Дарвасп ба маънии «дорандаи аспи дуруст»), номи изадбонуи нигаҳбони чорпоёну сутурон аст, ки рамаҳои говону кӯдаконро тандурустӣ мебахшад.

[5] Дар бораи оини номанависӣ – яке аз намунаҳои насри мурасилоти адабиёти паҳлавӣ аст, ки дар онҳо одоб ва суннати нигориши номаҳо, шеваҳои нигориши мактубҳои мухталиф зикр шудаанд.

зиндагии пайваста талқин мешудааст. Чунончи дар сарчашмаи мазкур чунин омадааст: «(Бошад, ки) шумо умри тӯлонӣ кунед ва дуруст (солим) зиндагӣ кунед, хурсандӣ ёбед ва хотир осуда доред ва равони хешро таолӣ бахшед ва бо пазириши хурсандӣ[6] шикаста ва нобуд ва вайрон кунед, гуноги мину ва девонро, равони он анӯшаравонро бо ситоиш ва ниёиш дархур (ва низ) зикри офарингори деҳмон хушнуд кунед» [12, с. 205]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки соҳибмансабон ва насли нисбатан калонсол ба насли хурд эҳтироми дучанд доштаанд ва нисбат ба онҳо ҳамеша ғамхор будаанд, зеро хостори бардавомии умр, тансиҳатӣ, хушнудӣ, пирӯзии онҳо будаву намегузоштаанд то онҳо аз ҷиҳати равонӣ низ азобе дошта бошанд.

Дар «Андарзи парйуткешон» [3, с. 86-89], ки яке аз муҳимтарин андарзномаҳои паҳлавӣ маҳсуб меёбад, дар самти барпо намудани оила ва дуруст тарбия намудани фарзанд андарзҳои арзишманде дида мешаванд. Дар он зикр гардидааст, ки ҳар кас бо баробари расидан ба синни понздаҳсолагӣ бояд донад, ки барои чӣ ба дунё омадааст? Вазифааш дар ҷаҳон аз чӣ иборат аст? Аз кӣ некиву аз кӣ бадӣ ва аз кӣ рӯшноиву аз кӣ торикӣ ва аз кӣ хушбӯиву аз кӣ бадбӯӣ ва аз кӣ доду адл, аз кӣ бедодӣ ва аз кӣ бахшояндагиву аз кӣ нобахшояндагӣ мебинад? [13, с. 212]. Яъне, ҳар инсонро лозим будааст дар ин синну сол хубро аз бад, рӯшноиро аз торикӣ, адлро аз беадолатӣ донад ва ба масъалаҳое, ки асоси бунёди ҳаёт ва оиладориро ташкил мекунанд, ошно бошад. Чунончи: «Ба номи Яздон. Парйуткешони нахустдонишон ба пайдоӣ аз дин гуфтаанд, ки ҳар мардум, ки ба синни понздаҳсолагӣ расад, он гоҳ ин чанд чизро бояд донад, ки кистам ва ба кӣ пайванд дорам ва аз куҷо омадаам ва боз ба куҷо шавам ва аз кадом пайванду гуҳарам ва дар ҷаҳон вазифаам чист? Ва музди менуии ман чист? Ва аз мену омадаам ё дар гетӣ будам? Аз Ҳурмуздам ё аз Аҳриман, аз Яздон ё аз Девон, аз неконам ё бадон, мардумам ё дев, роҳам чанду динам кадом ва судам чию зиёнам чӣ ва дӯстам киву душманам кӣ? Бунёдам як ва ё ду? Аз кӣ некиву аз кӣ бадӣ ва аз кӣ рӯшноиву аз кӣ торикӣ ва аз кӣ хушбӯиву аз кӣ бадбӯӣ ва аз кӣ доду адл, аз кӣ бедодӣ ва аз кӣ бахшояндагиву аз кӣ нобахшояндагӣ» [13, с. 212]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар синни понздаҳсолагӣ аллакай шахс пурра соҳибақл мегардад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо номи мукаллафӣ маълум аст. Ҳамзамон хулоса баровардан мумкин аст, ки қобилияти амалкунии шаҳрвандон дар аҳди зардуштия синни понздаҳсолагӣ будааст.

Дар аҳди қадим мардум ба дин эътиқоди зиёд доштанд ва онро ҳамеша дар мадди аввал қарор медоданд. Дар андарзномаи мазкур пас аз устуворӣ дар дин барпо намудани оила қарор гирифтааст ва ҳар як шахсе, ки ба синну соли барпонамоии оила расидааст, бояд ҳатман оила барпо кунад, чунончи: «Ба гетӣ нахуст дар дин устувор будан, онро пуштибону ситоишгару бегумон будан, бовар ба дини беҳини маздиснон доштан. Суд аз зиёну гуноҳ аз савоб, некӣ аз бадиву рӯшноӣ аз торикӣ ва маздопарастӣ аз девпарастӣ баргузидан. Ду дигар – зан кардану пайванд дар ҷаҳон ба бор овардан, бад-ин кӯшо будан ва бовар доштан…» [13, с. 212-213]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳанӯз дар аҳди қадим барпо намудани оила шарти асосии зиндагӣ намудан маҳсуб ёфта, ба дуне овардани фарзандони нек ва дуруст тарбияи намудани онҳо асоси оиладориро ташкил медодааст. Дар ҷойи дигар чунин омадааст: «Падару модар бояд ин кору кирдори некро ба фарзанди хеш пеш аз понздаҳсолагӣ биомӯзанд. Чун вай ин чантои онро биомӯхт, ҳар кору кирдори нек, ки фарзанд кунад, падару модарро низ расад ва чун вай наомӯзад ва фарзанд ба меҳтарӣ гуноҳ кунад, падару модар дар бунёди ин кор бувад» [13, с. 213-214]. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, масъулияти бисер бузурге бар дӯши волидайн, яъне дуруст тарбия ва ба камол расонидани фарзанд гузошта шуда будааст, ки ба ҳар амали неку бади онҳо то як давраи муайян онҳо ҷавоб мегуфтаанд ва ҳар кори неку баде,

[6] Пазириши хурсандӣ – тасаллӣ ёфтан.

ки фарзандон анҷом медодаанд ба волидайн низ тааллуқ доштааст. Албатта, падару модарон имрӯз низ чунин масъулияти бузургро бар дӯш доранд, ки он аз анъанаҳо ва таҷрибаи аҷдодони хирадманди мо маншаъ мегирад. Ҳангоми дуруст тарбия намудани фарзанд ӯ метавонад номбардори падару модар бошад ва марзу буми аҷдодиашро ҳимоя намояд, зеро дар байни мардуми тоҷик бисёр сухани хубе ҳам вуҷуд дорад, ки мегӯянд: «Фарзанди нағз – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар». Дар баробари падару модар бар дӯши фарзандон низ масъулияти муҳим гузошта шудааст, ки ин эҳтироми падару модар, насли калонсол ва сардор маҳсуб меёбад: «Аз озори падару модар ва сардор сахт бипарҳезед, то тан бешукӯҳу равон гунаҳгор набувад» [13, с. 214].

Яке аз андарзҳои қадима «Дар бораи панҷ хими осрунон»[7] мебошад, ки аз панҷ хими осрунон ва даҳ андарз иборат аст. Аз ҷумла аз даҳ андарз андарзи якум ва сеюмаш ба кӯдакон бахшида шудааст: «…нахуст барои риояти хусрави солор ва омӯзгор ва рад ва падари хеш ба хусравӣ рафтан[8]… Се дигар, барои назадани омӯзгори хеш бо чӯби дарозтар (аз чӯби омӯзгор) ва наёзурдани (ӯ он) чи аз омӯзгори хеш нашунуд, ба номи ӯ гузориш[9] накунад» [12, с. 219].

Ё ин ки дар «Андарзи пешиниён»[10] насиҳатҳо бобати наозурдани падару модар, муносибати хуб барқарор кардан бо бародарону дӯстон ва хешону наздикон, мададгори онҳо будан махсус таъкид шудааст [2, с. 223]. Дасти ёри дароз кардан ба шахсони эҳтиёҷманд яке аз амалҳои неки инсонӣ ва кори гузаштагони мо мебошад, ки дар санади мазкур ба таври возеҳ баён гаштааст. Метавон гуфт, ки гуфтаҳои қабл имрӯз таҷассуми бевоситаи худро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан моддаи 34-и Конститутсияи ҶТ дарёфтаанд: «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд» [6, с. 19]. Ва ё бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзандон ва дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ тарбия намудани онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [7, с. 9]. қабул гардид, ки имрӯз натиҷаи судмандро дода истодааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки аҷдодони мо ҳар як рӯзро бо хусусиятҳои худаш мешинохтанд ва вобаста ба он амалеро анҷом медоданд. Дар «Рисолаи рӯзҳо» рӯзи Хвар рӯзе интихоб гардидааст, ки бояд кӯдакро ба мактаб дод, то ӯ дабиру фарзона шавад [9, с. 221]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аҷдодони мо на танҳо ба тарбия, балки ба таълими кӯдакони худ низ диққати махсус зоҳир мекарданд ва дар рӯзи махсус фарзандро ба мактаб медодаанд то ӯ номвару донишманд гардад. Яъне ҳуқуқ ба таҳсили кӯдакон низ дар аҳди қадим кафолат дода шуда буд ва рӯзи махсусе барои аввалин бор ба мактаб додани кӯдакон вуҷуд дошт. Дар замони муосир чунин рӯз 1-уми сентябр – рӯзи дониш аст. Маълум мегардад, ки ин анъана нахустин маротиба дар тамаддуни тоҷику форс пайдо шуда, сипас ба дигар тамаддунҳо интиқол ёфтааст. Илова бар ин, дар сӣ рӯзи моҳ чор рӯзе вуҷуд дорад, ки бояд мард зан интихоб кунад ва оила барпо намояд, аз ҷумла дар рӯзҳои Ром, Дай, Маҳраспанд ва Анерон. Ва ин ҳар яке хосияти ба худ хосро доштааст. Масалан, агар дар рӯзи Анерон мард зан гирад фарзанди ӯ номвар шавад ва агар дар рӯзи Маҳраспанд мард зан ба хона оварад он зан фарзандонеро ба дунё оварад, ки

[7] Дар бораи панҷ хими осрунон – яке аз намунаҳои хуби андарзҳои паҳлавӣ аст, ки масъалаҳои муҳимми ахлоқии ҷомеаро дар бар мегирад.
[8] Ба хусравӣ рафтан – рафтор кардан.
[9] Ба номи ӯ гузориш накунад – суханеро ба дурӯғ ба омӯзгори хеш нисбат додан дар ҳукми задании ӯ бо чубе бузургтар аз чӯби худи ӯ аст.
[10] Андарзи пешиниён – яке аз намунаҳои кӯчаки насри паҳлавӣ, ки ба китоби «Матнҳои паҳлавӣ» ворид шудааст. Вижагиҳои забонии андарзи мазкур дар тадқиқоти забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ зикр шудааст. Нашр ва тарҷумаи онро Дҳабҳар, Навобӣ, Чунакова, Саймиддинов анҷом додаанд.

дорои ақланду ҳуш ва некрӯянд [9, с. 221-222], чунончи: «Рӯзи Ром зан бихоҳ ва кору хуррамӣ кун ва пеши доварон рав, то ба пирӯзӣ ва наҷот бозоӣӣ... Рӯзи Дай бад-ин ҳар коре хоҳи кардан, бикун ва зан ба хона овар, мӯй ва нохун биорой ва ҷомаи [нав] пӯш... Рӯзи Маҳраспанд ҷома сӯзанкорӣ кун ва бидӯзу бипӯш; зан ба занӣ гир, то ки фарзанди тезхӯши некӯ зояд... Рӯзи Анерон мӯй ва нохун ороста кун, зан ба занӣ гир, то ки фарзанди номвар зояд» [9, с. 222].

Дар андарзномаи дигаре, ки «Андарзи марди доно ба писари хеш» ном дорад, марди оқил ба писари худ насиҳат намудаву одобу ахлоқ ва фарҳанги инсонро омӯзондааст. Ӯ чунин таъкид мекунад: «Писарам, бегуноҳ бош, то бебим бошӣ; сипосдор бош, то ба некӣ арҷманд бошӣ; ... ба хештан ба айбу ҳунар нигар; ... бо дӯстон ягонагӣ кун; бо дастури хеш зан гир; бо солорону подшоҳон яке бо ду макун; ... на ба гуфтори дурӯғ ва на ба хоҳиши рост савганд махӯр; ... зану фарзанд чандон ки метавон нек ба оромиш дор, ба вижа ба додгоҳ ва ба андарзу фарҳанг дор; пеши зани руспӣ (фоҳиша) марав. Агар ҳар гуноҳ, ки он руспӣ кунад, ба равони ту расад» [2, с. 225-226]. Нуқтаи аз ҳама муҳим, ки дар ин андарзнома зикр шудааст, бо хоҳиши худ оиладор шудани ҷавон мебошад, ки он марди оқил чунин гуфтааст: «Ба дастури хеш зан гир» [9, с. 225]. Яке аз шартҳои муҳими барпо намудани оила дар замони муосир розигии тарафҳо, яъне ихтиёрӣ будани ақди никоҳ аст. Яъне мард ва зане, ки ба синну соли никоҳӣ расидаанд, метавонанд бо розигии хеш, ба таври озод оила барпо намоянд, ки ин яке аз нишонаҳои ба таври демократӣ ташкил намудани оила ба ҳисоб меравад. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки тоҷикон ҳанӯз ҳазорсолаҳо қабл барпо намудани оиларо ба ихтиёрӣ худи никоҳшавандагон гузоштаву бо ин тарз ба принсипи ихтиёрӣ ва озодона бунёд намудани оила асос гузоштаанд. Ҳамзамон мавҷуд будани санади «Андарзи марди доно ба писари хеш» гувоҳи он аст, ки гузаштагони тоҷику форс ба насли худ ва кӯдакон ботаваҷҷуҳ будаанд ва нисбат ба тақдири ояндаи онҳо бетараф набудаанд.

Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ташкил намудани давлати миллӣ роҳи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифт. Бо ин мақсад ҳуқуқҳои инсонро арзиши олӣ эълон сохта, аъзои созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гардида, як қатор санадҳои байналмилалиро тасдиқ намуда, дар асоси онҳо ба худ уҳдадориҳои байналмилалиро гирифт.

Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон яке аз масъалаҳое мебошад, ки на танҳо диққати Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Кӯдакон қишри аз ҳама осебпазири ҷомеа ба шумор рафта, бештар ба ҳимоя ниёз доранд. Аз ҷумла дар замони муосир, ки сайёраро таҳдидҳои гурӯҳиву муборизаҳои сиёсӣ фаро гирифтааст, ин табақаи аҳолӣ бештар ниёз ба дастгириву ҳимоя ва ғамхорӣ пайдо намудаанд. Чуноне, ки аз таҳлилҳои боло ба мо айён гардид тоҷикон ҳанӯз дар аҳди Зардушт кӯдаконро қишри эҳтиёҷманди аҳолӣ шуморида, нисбаташон ғамхорӣ менамуданд, аммо аз чи сабаб бошад, ки имрӯз аз дасти гурӯҳҳои ифротгарову террорист ҳазорҳо кӯдакон бо омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ бехонаву дар мондаву аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасанд. Ҳамарӯза аз дасти гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ садҳо кӯдакони бегуноҳ ба ҳалокат расидаву ҷомеаи ҷаҳонӣ дар хоби ғафлат қарор гирифтааст ва дар ин самт коре муҳим ва самарабахш анҷом намедиҳад, ки ин метавонад на танҳо ба ояндаи як ё ду миллат, балки ба ояндаи насли инсонӣ хатари ҷиддӣ дошта бошад.

Мақсад аз ибрози андешаҳои боло омӯхтани гузашта ва дар амал татбиқ намудани онҳо дар замони муосир маҳсуб меебад. Зеро аз таҳлилҳои илмӣ маълум мегардад, ки аҷдодони хирадпешаи мо дар роҳи таъмини сулҳу субот, эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, ҳимояи онҳо, эҳтиром

ба оила, тарбияи дурусти насли солим ва ватандӯст пайваста талош намудаанд ва онҳоро асоси ҷомеаи инсонӣ арзёбӣ намудаву бо ин амалҳои неки худ аз халқиятҳои олам тафовут менамоянд.

Тоҷикистони муосир кӯдаконро қишри аз ҳама осебпазири ҷомеа мепиндорад ва баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо бо дарназардошти таҷрибаи гузаштагон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои судмандро амалӣ менамояд. Масалан, агар имрӯз яке аз роҳҳои ҳимоя аз ҳуқуқҳои кӯдакон дар асоси таҷрибаи ҷаҳони муосир таъсис додани падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак маҳсуб ёбад[11] тоҷикон чунин падидаро ҳанӯз дар давраи тамаддуни зардуштӣ дар мисоли олиҳа Дрвасп соҳиб буданд ва ин бори дигар аз ҳиради боло, адолатпеша ва азалии ин мардум гувоҳӣ медиҳад.

Умед аст, ки мо бо омӯзиши таҷрибаи аҷдодони худ дари ҳама мушкилиҳоро кушода, онро бо дарназардошти шароити муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар сатҳи олӣ амалӣ менамоем, зеро дар асоси Дебочаи Конститутсия «мо худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда» масъул ва вазифадор шуморидаем. Масъулият ва вазифаи мо дар он зоҳир мегардад, ки аз гузашта биомӯзем, имрӯз онро дар амал татбиқ намоем ва ба фардо миллати ободу озод ва побарҷоро ба мерос гузорем ва ҷомеаи ҷаҳониро бори дигар водор намоем то аз таҷрибаи тоҷикон истифода намояд ва барои оромии ҷомеаи инсонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак амали шоистаеро анҷом диҳанд [11, с. 71-85].

Баъд аз баррасӣ ва таҳлили масъала ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) Дар тамаддуни зардуштӣ ба кӯдакон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ муносибат мекарданд. Эҳтироми кӯдакон, таълиму тарбияи онҳо дар маркази диққати зардуштиён қарор дошт;

2) Дар ин тамаддун барои муҳофизат, нигоҳубин, тарбия ва тансиҳатии кӯдакон фариштае бо номи Дрвасп (бо номҳои Геуш, Геушташан ё Гаушурван низ вомехӯрад) вуҷуд доштааст, ки ӯ онҳоро аз ҳар гуна хатарҳо эмин ва ҳангоми зарурият ба табобаташон машғул мешудааст.

3) Қобилияти амалкунии шахсон дар зардуштия аз синни понздаҳсолагӣ ба миён меомадааст.

4) Низоми ҳуқуқии зардуштия чунин ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро кафолат дода буд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳифзи саломатӣ, озоди аз зулму ситам, ҳуқуқ ба гирифтани таълиму тарбия – вазифаи падару модар; ҳуқуқ ба эҳтироми кӯдакон ва шаъну шарафи онҳо аз ҷониби калонсолон; озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ; барпо намудани оила (бо розигии худ); ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ (огоҳ будан аз адлу дод ва бедодӣ) ва ғ.;

5) Миёни ҳамаи ҳуқуқҳои мазкур масъалаи таълиму тарбия аввалиндараҷа маҳсуб меёфт, ки ин асоси воқеӣ дошт. Ин аст, ки рӯзи махсус бо номи Хвар мавҷуд буд, ки дар ин рӯз падару модар кӯдакони худро ба дабиристон медоданд, то онҳо дабиру фарзона шаванд.

6) Дар зардуштия барои кӯдакон на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳои муайяне пешбинӣ шуда буд, чунончи: эҳтироми падару модар, подшоҳон, сардор ва калонсолон, наозурдани онҳо; даст задан ба амалҳои нек ва даст кашидан аз бад; даст кашидан аз гуноҳ; сипосдор будан; ба хештан ба айбу ҳунар нигаристан; бо дӯстон иттифоқ будан; аз дурӯғ бозистодан; нахӯрдани савганд; муносибати хуб бо зану фарзанд; даст кашидан аз зино (нарафтан пеши зани руспӣ (фоҳиша) ва ғ.

[11] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 15-уми марти соли 2016 падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд.

**Адабиёт:**


1. Авасто // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 1. Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С.219.
2. Андарзҳои пешиниен // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). / Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби 2. Мабонии ҳуқуқ дар адабиети паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С. 223.
Қайд кардан зарур аст, ки ҳифзи саломатии инсон яке аз вазифаҳои асосии хизматрасонии байторӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки хизматраоснии байторӣ дар ҳифзи саломатии инсон чунин нақш дошта метавонад:

Бемориҳое, ки аз инсон ба ҳайвонот мегузаранд пешгирӣ менамояд;

Ҳайвоноти бемор, ки имконияти гузаштани бемориҳои онҳо ба инсон ҷой дорад, табобат менамоянд;

Баҳри ҳифзи саломатии инсон маҳсулоти аз ҷиҳати беҳдошти байторӣ хушсифати ҳайвонотро пешниҳод менамояд;

Ҳолати ташвишовар ин аст, ки на дар ҳама маврид талаботҳои муқарарнамудаӣ қонунгузории байтории ҶТ иҷро мешавад, ки омилҳои ба вуҷудоиашон гуногун аст. Масалан, нарасидани мутахассисони соҳаи байторӣ, мавҷуд набудани ташхисгоҳои маҳсулоти ҳайвонот дар нуктаҳои фурӯши маҳсулоти ҳайвонот ва ғ. Аксар маврид бо нарасидани мутахассисони байторӣ дар шароити деҳот, ки қисми зиёди

аҳолӣ ба чорводори машғуланд дар бисёр маврид ҳайвоноте, ки ба бемори гирифтор мешаванд худи соҳибони ҳайвонот табобат менамоянд, ки барои саломатии онҳо зарари калон дорад ва дар бисёр маврид ба беморӣ гирифтор мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло маълум шуд, ки вазифаи аввалиндараҷаи хизматрасонии байторӣ на танҳо пешгирии бемории ҳайвонот, ташхис ва табобати ҳайвонотӣ бемор, инчунин ҳифзи саломатии инсон аз бемориҳои ҳайвонот мебошад. Инчунин хизматрасонии байторӣ дар ҳифзи саломатии инсон аҳамияти калон дошта, воситаи пешгирикунандаи бисёр бемориҳо мебошад. Ё ба қавли академик И.П. Павлов гуем: «духтури инсон танҳо инсонро табобат менамояд ва духтури ҳайвон бошад башариятро» [1].

**Адабиёт:**


1. Арнаутова, Р. Медицина лечит человека, а ветеринария лечит человечество. // http: www.denresp.ru. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
2. Аҳмадов, А.А. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саломатии аҳолӣ ва тандурустӣ // Материалҳои конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Иҷлосияи XVl Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди давлатдорӣ (24 майи соли 2002. ш. Душанбе)». – Душанбе, 2002. – С. 35-37; Furthermore Бобоҷонов, И.Ҳ. Инкишофи қонунгузорӣ дар бораи ҳаёт ва саломатӣ дар даврои истиқлолият // Инкишофи қонунгузории ҶТ дар даврони истиқлолият. // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҶТ, ш. Душанбе, 26-29 августи соли 2011; Саидов, И.Р. Рушди қонунгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикисон дар 20 соли истиқлолият. // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқолияти давлатии ҶТ, ш. Душанбе, 26-29 августи соли 2011. - С. 241-250.
3. Аз беморииҳои соле 55 ҳазор нафар ба ҳалокат мерасад // http://navid.tj. (рӯзи дастрасӣ ба он 20.11.2017 с.).
4. Устав Всемирной организации здравоохранения 22 июля 1946 года // http: docs.cntd.ru/document/901977493 (дата обращения: 20.11.2017 г.).
5. Закон Кыргызской Республикиот 30 декабря 2014 года № 175 «О ветеринарии». // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
6. Закон Республики Беларусь от 02.07.2010. № 161-З «О ветеринарной деятельности» // http: base. spinform. ru/show_doc. fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
7. Закон Республики Казахстан от 10 июля 2002 года № 339-II «О ветеринарии» // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
8. Закон Республики Молдова № 1538-XII от 23 июня 1993 г. «О ветеринарной деятельности» // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
9. Закон Туркменистана от 8 ноября 2014 года № 143-V. года «О ветеринарном деле» // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г).
10. Закон Республики Армения от 30 декабря 1999 года №зр-16 «О ветеринарии» // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).
11. Закон Украины от 25 июня 1992 года № 2498- XII «О ветеринарной медицине» // http: base.spinform.ru/show_doc.fwx?Rgn=11701. (дата обращения: 20.11.2017 г.).

12. Каликова Г.А. Проблемы гражданско-правового регулирования медицинского страхования и медицинских услуг: Автореф. дис... канд. юрид. наук. – Алма-Ата, 1992. – С. 17.
13. Кодекс здоровья наземных животных. Том 1. Общие положение. Двадцать четвертое издание. – М.: МЭБ, 2015. – См.: www: http: // www.oie.int (дата обращения: 20.11.2017 г.).
14. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 12, қ.1, мод. 127.
15. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, дар ръайпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, бо тағйиру иловаҳои соли 26 сентябри 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи 2016 // http: base. spinform. ru/show_doc.2213. (рӯзи дастрасӣ ба он: 20.11.2017с.).
16. Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, №7, мод. 704; Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 с., № 1364.
17. Малеин, Н.С. Охрана прав личности советским законодательством. – М.: Наука, 1985. – С. 62.
18. Малеина, М.Н. Человек и медицина в современном, праве. – М.: БЕК, 1995. – С. 32.
19. Маҳмудов, М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум). – Душанбе, 2010. – С. 451.
20. Популярная медицинская энциклопедия // Гл. ред. Б.Б. Петровский. – М.: Сов. энциклопедия, 1979. – С. 225.
21. Савицкая, А.Н. Возмещение ущерба, причиненного ненадлежащим врачеванием. – Львов: Высщая школа, 1982. – С. 33-47.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 // Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – С. 199.

# НАҚШИ САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИЛЛӢ ДАР АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА ОБИ НӮШОКӢ

**Саидов Ҳ.М.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: hsaidov88@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ**: Ғаюров Ш.К., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Муқарриз:** Қурбонов Қ.Б., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

***Фишурда.*** Дар мақола нақши санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ таҳлил шудааст. Санадҳои байналмилалӣ фарогири меъерҳои зиеде мебошанд, ки ба ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ бахшида шудаанд ва дар асоси онҳо қонунгузории миллӣ такмили худро ефтааст. Муаллиф санадҳои миллӣ ва байналмилалиро дар ин бахш таҳлил намуда, ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокиро ҳамчун ҳуқуқи шахсӣ меҳисобад.

***Калидвожаҳо:*** санади байналмилалӣ, санади миллӣ, оби нӯшокӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ, ҳуқуқи шахсӣ.

# РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ И НАЦИОНАЛЬНЫХ АКТОВ В ОСУЩЕСТВЛЕНИИ ПРАВ ГРАЖДАН НА ПИТЬЕВУЮ ВОДУ

**Саидов Х.М.,**
ассистент кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: hsaidov88@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.03 – гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право

**Научный руководитель**: Гаюров Ш.К., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Курбонов К.Б., кандидат юридических наук, доцент

***Аннотация.*** В статье рассматривается роль международных и национальных актов в осуществлении прав граждан на питьевую воду. В международных актах содержатся нормы, действующие в области прав граждан на питьевую воду, и на основе этих норм было совершенствовано национальное законодательство. Автор, в соответствии с положениями международных и национальных актов, относит право граждан на питьевую воду к субъективным правам.

***Ключевые слова:*** международный акт, национальный акт, питьевая вода, право граждан на питьевую воду, субъективное право.

# THE ROLE OF INTERNATIONAL AND NATIONAL ACTS IN THE REALIZATION OF THE RIGHT OF CITIZENS TO DRINKING WATER

**Saidov H.M.,**
Assistant of the Departament of Civil law
of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: hsaidov88@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.03 – civil law; entrepreneurial law; family law; international private law

**Research supervisor:** Gayurov Sh.K., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Kurbonov K.B., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

***Annotation.*** This article considers the role of international and national acts in the realization right of citizens to drinking water. The international acts contain norms that apply to the right of citizens to drinking water, and on the basis of these norms, national legislation has been improved. The author, in accordance with the provisions of international and national acts, refers the right of citizens to drinking water to subjective rights.

***Keywords:*** International Act, national Act, Drinking Water, the Right of Citizens to Drinking Water, Subjective Right.

Тағйирёбии иқлим масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обиро яке аз масъалаи мубрами сатҳи ҷаҳонӣ гардонидааст. Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ бисёр назаррас мебошанд. Чунки дар заминаи ҳамин ташаббусҳо соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза, Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт 2005-2015» эълон гардиданд. Ҳамзамон ташаббуси навбатии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт ва нақшу нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боз баланд бардошт. Санаи 21-уми декабри соли 2016 зимни баргузории ҷаласаи Пленарии 71-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, Қатъномa таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаммуаллифии 177 кишвари аъзои СММ пешбарӣ шуда буд, бо райъи 193 давлати аъзои созмони мазкур, тасдиқ гардид. Соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва мавқеи мустақили он дар сатҳи байналмилалӣ буд, ки аз ҷониби СММ чунин ташаббус пазируфта шуд. Ин иқдоми хосаи Тоҷикистон бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки боз ба ҷомеаи ҷаҳонӣ иттилои бештарро ворид намуд. Тоҷикистон, ки худ яке аз кишварҳои аз ҷиҳати масоҳат кучак, вале аз ҷиҳати дороии захираҳои обӣ ғанӣ дониста мешавад, дар масъалаи истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ бетараф нест. Аз соли 1999 инҷониб пайваста ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба об аз ҷониби СММ пазируфта мешаванд. Ин ташаббусҳои пешакардаи Тоҷикистон на танҳо ба худи мардуми тоҷик, балки ба ҳама аҳолии ҷаҳон равона гардидаанд. Хатари муҳими мушкилгардии дастрасии аҳолии ҷаҳон ба оби тоза ин баландшавии ҳарорат дар сайёра, камшавии захираҳои обӣ (пиряххо, барфҳо) ва умуман тағйирёбии иқлим ба шумор меравад.

Вобаста ба ҳамин ҳолат нақши санадҳои байналмилалиро дар ҷодаи амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ муайян кардан ба маврид аст.

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба истифодаи оби нӯшокӣ – ин ҳуқуқи субъективии гражданӣ ба оби нӯшокӣ мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботҳои гуногун тавассути воситаҳои умумӣ ва

махсусе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, амалӣ карда мешавад.

Ин ҳуқуқ на танҳо дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардидааст. Он дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф карда шудааст. Мутобиқи қонуни байналмилалӣ ҳар як инсон ҳуқуқи ягона дар асоси принсипи баробарӣ дорад. Дараҷаи дастрасии ҳар як инсон ба оби нӯшокӣ дар аксари мавридҳо аз муносибати чунин ҳуқуқ вобаста аст. Дар таълимоти ҳуқуқи байналмилалӣ, ду назарияи дастрасӣ ба оби нӯшокӣ вуҷуд дорад:

1) ҳуқуқи дастрасӣ ба об, ки ба таъмини истифодаи он нигаронида шудааст. Аз он ҷумла, таъмин намудани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ барои эҳтиёҷоти шахсии шаҳрвандон.

2) Ин ҳуқуқ бо дигар ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқаманд аст.

Ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба оби нӯшокӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ бо санадҳои сершумори меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ якчанд санадҳои универсиалӣ амал мекунанд, ки оид ба масъалаи ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба оби нӯшокӣ заминаи асосӣ гузошта, бештари онҳо аз ҷониби ҶТ тасдиқ карда шудаанд, аз ҷумла: Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948; Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соли 1966; Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ соли 1966; Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дарёҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ (Ҳелсинки, 1992); Протокол дар бораи об ва саломатӣ ба Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дарёҳои байнисарҳадӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ (Лондон, 1992); Протокол дар бораи ҷавобгарии гражданӣ ва ҷубронпулӣ барои зарар аз таъсири зиёноварии садамаҳои саноатӣ ба обҳои байнисарҳадӣ ба Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дарёҳои байнисарҳадӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ, Хартияи Африкоии ҳуқуқи инсон ва халқҳо соли 1981 ва ғайра.

Мувофиқи моддаи 25-и Эъломияи ҳуқуқи башар ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад [2]. Дар ин ҳолат ҳуқуқ ба оби нӯшокии мувофиқ ба сифати унсури муҳиме, ки сатҳи ҳассос ва бехатарии ҳаёти инсониро муайян мекунад, ҳисобида мешавад.

Дар моддаҳои 1, 11 ва 12-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чунин меъёрҳои муқаррар гардидаанд, аз ҷумла: «Ҳамаи халқҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ метавонан сарват ва захираҳои табиии худро бидуни расонидани зарар ба ягон навъ уҳдадориҳое, ки аз ҳамкории байналхалқии иқтисодии бар пояи фоидаи тарафайн асосёфта ва ҳуқуқи байналхалқӣ бармеоянд, ихтиёрдорӣ намоянд. Ҳеҷ як халкро ба ҳеҷ ваҷҳ аз воситаҳои зисте, ки ба вай таалluқ доранд, маҳрум кардан мумкин нест». «Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар як фардро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилаи ӯ, ки хӯроки кофӣ, либос ва манзилро дар бар мегирад ва ҳуқуқ ба беҳбуди мунтазами шароити зистро эътироф мекунанд». «Ҳуқуқи ҳар як инсонро басатҳи олитарини дастраси саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ эътироф мекунанд» [3].

Моддаи 11-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 муқаррар мекунад: «Ҳамаи халқҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ метавонанд сарват ва захираҳои табиии худро бидуни расонидани зарар ба ягон навъ уҳдадориҳое, ки аз ҳамкории байналхалқии иқтисодии бар пояи фоидаи тарафайн асосёфта ва ҳуқуқи байналхалқӣ бармеоянд, ихтиёрдорӣ намоянд» [4].

Дар Протокол оид ба масъалаҳои об ва саломатии Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дарёҳои байнисарҳадӣ ва кӯлҳои байналмилалии соли 1992 [5] пешбинӣ шудааст, ки «оби нӯшокӣ – обест, ки барои истеъмоли аҳолӣ ҳамчун оби нӯшокӣ, коркард ва тайёр кардани хурок, барои гигиенаи шахсӣ ва ё мақсадҳои монанд истифода бурда мешавад». Бо дарназардошти фаҳмиши ягонаи категорияи калидии ҳуқуқи байналмилалии обӣ ҳамин мафҳум дар сархати 21, қ. 1 м. 2 Кодекси оби ҶТ [11] ва сархати 1 қ. 1 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» аз 29.12.2010 с., № 670 [12] истифода гардидааст.

Иштирокчиёни Конвенсияи мазкур чораҳои мувофиқро бо мақсади ба қадри кофӣ таъмини намудани оби нӯшокӣ, ки ҳеҷ гуна микроорганизмҳо, паразитҳо ва моддаҳоро дар бар намегирад, ки миқдори онҳо ба саломатии инсон зарар мерасонанд, меандешанд. Ин ҳама ба ҳифзи захираҳои об, ки ҳамчун сарчашмаи оби нӯшокӣ, тоза кардани об ва бунёд, беҳбуд ва нигоҳдории системаҳои коллективӣ истифода мешаванд. "Об дорои арзиши иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ мебошад ва бинобар ин, идоракунии захираҳои об бояд ба таври зарурӣ таъмин карда шавад" [5].

Хартияи Африкоии ҳуқуқи инсон ва халқҳо соли 1981 [8] муқаррар менамояд: «Ҳар як инсон ба эҳтироми шаъну шараф, шахсияти инсонӣ ва ба эътирофи субъектҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад» (м. 5).

«Ҳар як инсон ба сатҳи олитарини дастрасии саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ ҳуқуқ дорад (м. 16)».

«Ҳамаи халқҳо озодона сарватҳои миллӣ ва захираҳои табиии худро истифода мебаранд. Ин ҳуқуқ танҳо ба манфиати халқ истифода мешавад. Дар ҳеҷ маврид халқ аз ин ҳуқуқ маҳрум карда намешавад» (м. 21).

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки ҳуқуқи субъективии ҳар як шаҳрванд ба истифодаи оби нӯшокӣ, дар баробар бо дигар ҳуқуқҳои субъективии инсон аҳамияти муҳим дар таъмини бехатарии худи ӯ дорад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи шаҳрвандон ба истифодаи оби нӯшокӣ – ин ҳуқуқи субъективии гражданӣ ба об мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботҳои гуногун тавассути воситаҳои умумӣ ва махсусе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, амалӣ карда мешавад.

Дар асоси ин таъриф, чунин таснифоти истифодаи об пешниҳод карда мешавад. Аз рӯйи мақсади истифодаи об намудҳои алоҳида тасниф карда мешаванд: барои мақсадҳои нӯшокӣ ва маишӣ; мақсадҳои саноатӣ ва энергетикӣ; мақсадҳои кишоварзӣ; мақсадҳои саломатӣ ва дигар мақсадҳо.

Бо ишора ба тарзҳои истифодаи об, истифодаи умумӣ ва махсуси об фарқ гузошта мешавад: истифодаи умумии об бидуни ба кор бурдани иншоот ё дастгоҳҳои техникие, ки ба ҳолати обҳо таъсир мерасонанд, истифодаи махсуси об бошад бо истифодаи чунин иншоот ё дастгоҳҳои техникӣ амалӣ гардонида мешавад.

Ба истиснои муайян кардани муқарраротҳои санадҳои байналмилалӣ, тартиби амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокиро зарур аст, ки ба хонандаи азиз пешниҳод кард. Сарфи назар аз он, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуди инсон ба миён меояд, танҳо бо ин сифат наметавон дар муносибатҳои истифодабарии об иштирок кард, ҳарчанд қобилияти ҳуқуқдорӣ дар имкониятҳои баробар ба субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ ифода меёбад. Дар ин маънӣ дуруст қайд кардааст Р.Ш. Сотиволдиев: «қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ барои ҳамаи одамон ба андозаи баробар эътироф мешавад, яъне қобилияти ҳуқуқдории иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ баробар аст». [14; 654]

Барои амалӣ намудани ҳолати мазкур дар ҳаёт зарур аст, ки қобилияти амалкунӣ дошт, ки дар ҳолатҳои пешбининамудани қонун ба вуҷуд меояд (масалан, ба синни 18-солагӣ расидан, эмансипатсия ва м.и.). Шаҳрванди қобилияти амалкунӣ дошта ҳуқуқ дорад

ба ташкилоти таъминкунандаи оби нӯшокӣ барои бастани шартномаи мувофиқ муроҷиат кунад.

Ҳолати муҳими субъектҳуқуқии шаҳрвандон дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муқаррар гардидааст. Моддаи 16-и ҳуҷҷати мазкур пешбинӣ менамояд, ки: «Ҳар як инсон, дар ҳар куҷое, ки қарор дошта бошад, ба эътирофи ӯ ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ ҳақ дорад». Ин меъёр асосест, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии инсон ва шаҳрванд бояд дар ҳама кишварҳои ҷаҳон эътироф карда шавад. Дар робита ба ин, масъалаи таъмини оби нӯшокӣ ба шаҳрвандон дар биноҳои бисёрошёна аҳамияти муҳим касб кардааст. Ба таври дахлдор таъмин намудани об на танҳо унсури муҳими ҳаёти осоишта ва бехатар дар хона аст. Он ҳамчунин ба нархи фурӯши хона таъсир мерасонад.

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дорои хусусияти конститутсионӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], ки аҳамияти махсуси ин ҳуқуқи инсонро эътироф мекунад, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба манзил муайян кардааст. Илова ба Конститутсия, ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дар моддаи 1-и Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] эълон гардидааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба манзил ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ҳисобида мешавад. Мисол, П.В. Крашенинников мегӯяд, ки ҳуқуқ ба манзил – ин ҳуқуқи субъективии шаҳрванд барои ба даст овардани манзили истиқоматӣ ва истифодаи он мебошад [15; 413]. Ҳуқуқ ба манзил ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ - соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории манзилро фаро мегирад. Аммо ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил бе маҳдудият буда наметавонад. Яъне шаҳрванд дар ҳолатҳои амалӣ намудани ҳуқуқи худ ба манзил на бояд ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои дигаронро поймол намояд. Маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба манзил танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони дигар, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ иҷозат дода мешавад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло бар меояд, ки ҳуқуқи субъективии ҳар як шаҳрванд ба истифодаи оби нӯшокӣ баробари дигар ҳуқуқҳои ӯ аҳамияти муҳим дар таъмини манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дорад.

Дар асоси муқарраротҳои санадҳои байналмилалӣ қонунгузории миллӣ низ такмил ёфт ва масъалаи ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокиро танзим намуд. Дар сатҳи қонунгузории миллӣ низ масъалаи ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба оби нӯшокӣ баррасӣ гардидааст.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «давлат истифодаи самараноки обро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Ҳамзамон дастрасии шаҳрвандон ба истифодаи оби тозаи нӯшокӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии алоҳида дар сатҳи дигар қонунгузориҳо муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон [11], Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини об» аз 29 декабри соли 2010, № 670, Қоидаҳои истифодаи системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [13] ва монанди инҳо.

Мазмуни меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи шаҳрванд ба дастрасӣ ба оби нӯшокиро муқаррар менамоянд. Мисол, дар моддаи 5-уми Конститутсияи ҶТ омадааст, «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Дар моддаи 14 омадааст, ки «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд». Ин ҳама оғоз барои эътирофи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ мебошад. Баробари ин дигар меъёрҳои

Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи шаҳрванд ба дастрасӣ ба истифодаи сарвати табиӣ «об»-ро кафолат медиҳанд. Моддаи 38 «ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Давлат барои солимгардонии муҳити зист,…тадбирҳо меандешад». Моддаи 44 «Ҳифзи табиат, … вазифаи ҳар як шахс аст». Меъёрҳои қайдгардида мазмунан ҳуқуқ ба истифодаи об ва уҳдадорӣ оид ба ҳифзи онро ифода менамоянд.

Дар қисмати амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ зарурияти такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Чунки дар сатҳи дигар қонунгузориҳо ба мубрамияти ҳуқуқи субъективии обистифодабарии шаҳрванд ба таври дахлдор диққат дода нашудааст. Ин камбудиҳо рӯякӣ набуда, барои дуруст ва безарар амалӣ намудани ин ҳукуқ монеаҳо эҷод менамоянд. Яке аз усулҳои фаъоли дастрасии шаҳрвандон ба истифодаи оби нӯшокӣ, ки аз амалишавии ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ дарак медиҳад – ин бастани «Шартномаи таъмини оби нӯшокӣ» мебошад. Имконияти бастани шартномаи мазкурро қ. 2 м. 579 Кодекси граждании ҶТ [9] додааст. Ин имконият дар намуди бастани шартномаи мустақили гражданӣ-ҳуқуқии таъмини оби нӯшокӣ амалӣ мегардад, ки нисбати танзими табиати ҳуқуқии он модели шартномаи таъмини барқ, ки КГ ҶТ дар боби 29 параграфи 5 (м.м. 569-579) муқаррар намудааст, истифода мегардад. Вале мубрамияти шартномаи таъмини оби нӯшокӣ ифодакунандаи мавқеи мустақили шартномаи мазкур дар низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, аммо то ба ҳол ин мустақили эътироф ва муқаррар нагардидааст. Агар сабаби аввалини мустақилии шартнома дар мавҷудияти мавзӯъ (предмет)-и хос бошад, дуввумаш дар хусусияти дутаркибагии шартнома (ҳам таъмини оби нӯшокӣ ва ҳам қабули оби партов дар як маврид) дида мешавад. Вобаста ба ин ҳолат танзими шартномаи таъмини оби нӯшокӣ дар меъёрҳои алоҳидаи Кодекси гражданӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Яке аз асосҳои муҳими пешгирии камшавии дастрасии шаҳрвандон ба оби тоза дар шароити кунунӣ ин истифодаи муътадили обҳисобкунак аз ҷониби сокинон мебошад. Аз моҳи марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе ҷараёни насби обҳисобкунакҳо оғоз гардида, то моҳи декабри соли 2015 идома ёфт. Иқдоми мазкур барои дастрасии оби тоза ба сокинони ошёнаҳои баланд шароит муҳайё менамояд. Чунончи: «Баъд аз насби обҳисобкунакҳо бисёре аз истиқоматкунандагон иброз доштанд, ки баъд аз насби обҳисобкунак дар ошёнаҳои 4-ум ва 5-ум фишори об баланд шуда, дар ошёнаҳои 7-ум ва 8-ум бе истифода аз насоси обкашӣ, об бо фишори хуб баромада истодааст» (сарчашма: http://dastbadast.tj/khabar/75-nasbi-ob-isobkunak-o-dar-sharidushanbe-idoma-dorad.html). Ҳаҷми маблағи харҷгардида оид ба насби обҳисобкунакҳо 19 миллион долларро ташкил медиҳад, ки аз он 16 миллион долларашро ҳамчун грант «Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд», ҷудо карда додааст. Ин иқдоми наку дар ҷодаи пешгирии масрафи ғайридахлдори оби тоза мебошад. Чунончи, тибқи маълумоти Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корезӣ шаҳри Душанбе», имрӯз дар пойтахт дар якшабонарӯз 1 млн. кубометр об сарф карда мешавад, вале ба гуфти мутахассисон баъд аз насби обҳисобкунакҳо муносибат ба об тағйир ёфта, ин нишондод то 500 ҳазор кубометр дар якшабонарӯз расиданаш имкон дорад (сарчашма: http://dastbadast.tj/khabar/75-nasbi-ob-isobkunak-o-dar-sha-ri-dushanbe-idoma-dorad.html).

Дигар усулҳое, ки метавонанд барои дастрасии шаҳрвандон ба истифодаи оби тозаи ошомиданӣ мусоидат намояд – ин андешидани чорабиниҳо, ба монандӣ: баргузории нишастҳо бо аҳолӣ оид ба тарзи муносибат бо ин сарвати бебаҳои табиӣ, ҳифз ва истифодаи самараноки он, пешбарии маълумотҳо оид ба ҳолати об дар шароити кунунӣ дар сатҳи ҷаҳон ва минтақа тавассути васоити ахбори омма (ВАО), зиёд намудани манбаъҳои

ҷамъоварии ин захираи табиӣ ва ғ. ҳисобида мешаванд.

Дар хулоса бояд гуфт, ки санадҳои байналмилалӣ дар ҷодаи ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ меъёрҳои мукаммал муқаррар намудаанд ва дар асоси онҳо қонунгузории имрӯза такмил ёфтааст. Дар вобастагӣ бо муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокиро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ унвон додан имконпазир аст. Чунки ин ҳуқуқ иштирокчии муносибати ҳуқуқии мушаххас будани шаҳрвандро ифода мекунад ва аз ҷониби давлат барои амалишавии он шароит фароҳам оварда мешавад. Амалишавии ин ҳуқуқ аз ирода ва изҳори иродаи озоди ҳар як шаҳрванд вобаста аст.

Ҳамчунин амалишавии ин ҳуқуқ муносибатҳои ҳуқуқии нисбиро ба миён меорад. Яъне сухан дар мавриди муносибатҳои тарафҳои шартномаи таъмини оби нӯшокӣ меравад, ки дар чунин мавриди хислати нисбии ҳуқуқи мазкур мушоҳида мегардад. Яъне ҳуқуқ ва уҳдадориҳо байни ду тарафи мушаххас (обтаъминкунанда ва истеъмолкунанда) ба миён меоянд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Таҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 / http://mmk.tj/international-legal-documents/multifeature/ (рӯзи дастрасӣ: 21.11.2017с.).
3. Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 / http://mmk.tj/international-legal-documents/multifeature/ (рӯзи дастрасӣ: 21.11.2017 с.).
4. Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиесӣ аз 16 декабри соли 1966 / http://mmk.tj/international-legal-documents/multifeature/ (рӯзи дастрасӣ: 21.11.2017с).
5. Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дареҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ (Ҳелсинки, 1992) аз 17 марти соли 1992 / http://www.un.org/ru/documents-/decl_conv/conventions/watercourses_lakes.shtml (рӯзи дастрасӣ: 22.11.2017с.).
6. Протокол дар бораи об ва саломатӣ ба Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи оби дареҳои байнисарҳадӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ соли 1992 /http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/water_protection.shtml (рӯзи дастрасӣ: 22.11.2017с.).
7. Протокол дар бораи ҷавобгарии граждани ва ҷуброннамоӣ барои зарар аз таъсири зиеноварии садамаҳои саноатӣ ба обҳои байнисарҳадӣ ба Конвенсия аз соли 1992 дар бораи ҳифз ва истифодаи оби дареҳои байнисарҳадӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ ва ба Конвенсия аз соли 1992 дар бораи таъсири садамаҳои саноатии байнисарҳадӣ соли 1992 / file:///C:/Users/pc/Desktop-/ОБИ%20НУШОКИ/27_16r.pdf (рӯзи дастрасӣ: 22.11.2017с.).
8. Хартияи Африкоии ҳуқуқи инсон ва халқҳо аз 26 июни соли 1981 / http://hrlibrary.umn.edu/russian/instree/Rz1afchar.html (рӯзи дастрасӣ: 22.11.2017с.).
9. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми дуюм) / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, № 4, мод. 194; соли 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 с., № 849; ҚҶТ аз 22.07.2013 с. № 977.
10. Кодекси манзили Ҷумҳурии Таҷикистон аз 12 декабри соли 1997, № 506.
11. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000, № 34 (Ахбори МаҷлисиОлии ҶумҳурииТоҷикистон, соли 2000, № 11, мод.510; соли 2006, № 3, мод. 164; соли 2008, № 3, мод.200; соли 2009, № 12, мод. 824; Қонуни ҶТ аз 28.06.11с., № 744; аз 16.04.2012с., № 821).

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини об» аз 29 декабри соли 2010, № 670.
13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 234 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои истифодаи системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар ҶТ».
14. Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – 654 с.
15. Крашенинников, П.В. Жилищное право. 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Статут, 2010. – 413 с.

## ДАХЛНОПАЗИРИИ ҶИНСӢ ВА ОЗОДИИ ҶИНСӢ ЧУН ҲУҚУҚҲОИ БУНЕДИИ ИНСОН: МУШКИЛОТИ МАРБУТ БА ТАЪМИНИ АМАЛИИ ОНҲО

**Рауфов Ф.Х.,**
Муовини сардори Раесати Прокуратураи-генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи милли Тоҷикистон
E-mail: farruh_raufov@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Роҳбари илмӣ:** ШариповТ.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Фишурда*.** Дар мақолаи мазкур ҳуқуқҳои бунедии инсон, ба монанди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф бо тадқиқи ақидаҳои гуногуни олимон, амалияи тафтишотӣ-судӣ ва қонунгузории амалкунанда ҷиҳати таъмини самараноки инҳуқуқҳои умдаи инсон, ки дар маҷмӯъ мақоми ҳуқуқии ҷинсии шахсро ташкил медиҳад, таклифҳои мушаххас пешниҳод намудааст.

***Калидвожаҳо:*** таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ҷимои зан бо зан, бачабозӣ, дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, озодии ҷинсӣ.

## ПОЛОВАЯ НЕПРИКОСНОВЕННОСТЬ И ПОЛОВАЯ СВОБОДА КАК ОСНОВОПОЛАГАЮЩИЕ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА: ПРОБЛЕМЫ ИХ ПРАКТИЧЕСКОГО ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ

**Рауфов Ф.Х.,**
заместитель начальника Управления Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан по надзору за предварительным следствием в органах прокуратуры, соискатель кафедры уголовного права Таджикского национального университета
E-mail: farruh_raufov@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**Научный руководитель**: Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

***Аннотация*.** В данной статье рассмотрены такие основополагающие права человека, как половая неприкосновенность и половая свобода. Автор, исследовав различные мнения ученых, следственно-судебную практику и действующее законодательство, выдвигает ряд предложений по эффективному обеспечению половой неприкосновенности и половой свободы личности, которые в совокупности составляют его правовой половой статус.
***Ключевые слова:*** изнасилование, насильственные действия сексуального характера, лесбиянство, мужеложство, иные действия сексуального характера, половая неприкосновенность, половая свобода.

# SEXUAL INVIOLABILITY AND SEXUAL FREEDOM AS FUNDAMENTAL HUMAN RIGHTS: PROBLEMS OF IT'S PRACTICAL IMPLEMENTATION

**Raufov F.Kh.,**
Deputy Head of the Department of the Supervision of the Preliminary Investigation of the Prosecutors General Office of the Republic of Tajikistan, Postgraduate Degree Seeker of the Criminal Law Department of the Tajik National University
E-mail: farruh_raufov@mail.ru

**Scientific Specialty**: 12.00.08 – criminal law and criminology; criminally-executive law

**Research supervisor:** Sharipov T.Sh., Doctor of Legal Sciences, Professor

***Annotation.*** This article examines such fundamental human rights as sexual inviolability and sexual freedom. The author, examining various opinions of scientists, investigative and judicial practices and the current legislation, puts forward a number of proposals for the effective provision of sexual inviolability and sexual freedom of the individual, which together constitute it's legal sexual status.

***Keywords:*** Rape, Violent Acts of a Sexual Nature, Lesbianism, Sodomy, Other Acts of a Sexual Nature, Sexual Inviolability, Sexual Freedom.

Дар моддаи 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон омадааст, ки ҳар инсон ба ҳаёт, ба озодӣ ва ба дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад [39, с. 6].

Дахлнопазирии шахсӣ дар мазмуни васеъ – ин манъ будани ҳама гуна дахолати беруна ба фаъолияти ҳаётии инсон мебошад ва он аз дахлнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ иборат аст.

Дахлнопазирии шахсӣ дар мазмуни нисбатан маҳдуд маънии онро дорад, ки шахсро ғайриқонунӣ дастгир намудан, бе асоси қонунӣ ва бе иҷозати суд ҳабс кардан, ғайриқонунӣ ё бе иҷозати суд дар муассисаҳои тиббӣ ё тарбиявӣ нигоҳ доштан, мавриди шиканҷа, азобу уқубат, ҷазо, муносибати ғайриинсонӣ қарор додан мумкин нест. Дахлнопазирии шахсӣ, бо ҳуқуқи шахс ба озодӣ тавъам мебошад.

Дахлнопазирии шахсӣ чун яке аз ҳуқуқҳои фитрии инсон таҳкими худро дар моддаи 18-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ), инчунин як қатор санадҳои дигари ҳуқуқии байналмилалӣ, чун Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва ғайра пайдо намудааст.

Яке аз ҷанбаҳои дахлнопазирии шахсӣ, ё як шакли ифодаи он –ин дахлнопазирии ҷинсӣ ва чун ҷузъи озодии шахс-ин озодии ҷинсӣ мебошад. Дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ дар маҷмӯъ мақоми ҳуқуқии ҷинсии шахсро ташкил медиҳанд.

Сарчашмаҳои аввалини ҳуқуқии миллати тоҷик аз мавҷудияти институти дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ дар он давраҳо гувоҳӣ медиҳанд. Чунончи, китоби муқаддаси зардуштиҳо-Авасто озодии ҷинсии шахсро чун яке аз самтҳои афзалиятноки озодии инсон мешуморад. Ҳама гуна таҷовуз ба он бо меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии зардуштия ҷазо дода мешуд. Авасто якчанд ҷиноятҳои категорияҳои мазкурро медонад: таҷовуз ба номус, бачабозӣ (кунмарзӣ), муносибатҳои ғайриқонунии маҳрамона ва ғайра [35, с. 340].

Дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ ба муносибатҳои ҷинсӣ иртибот доранд. Профессор Шарипов Т.Ш. ва Насриддинов М. чунин мешуморанд, ки муносибатҳои ҷинсӣ намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, миёни одамон оид ба қонеъ гардонидани талаботи шаҳвонии онҳо ба вуҷуд меоянд [38, с. 62].

Я.М. Яковлев таҳти мафҳуми сохти муносибатҳои ҷинсӣ маҷмӯи шаклҳои муоширати ҷинсии байни одамонро, ки дар форматсияи мазкури ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, ҳам аз ҷониби меъёрҳои ахлоқ ва ҳам аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқ ҳифз мешаванд, мефаҳмад [40, с. 11].

Истилоҳоти «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» қаблан инъикоси худро дар қонунгузорӣ надоштанд. Аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии РСС Ӯзбекистон соли 1926, ки то 15 июни соли 1935 дар ҳудуди РСС Тоҷикистон амал намуд, инчунин дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1935 ва Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 истилоҳоти «дахлнопазирии ҷинсӣ» ва «озодии ҷинсӣ» мавҷуд набуданд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чун объекти таҷовузи ҷиноятҳои ҷинсӣ - муносибатҳои шаҳвонӣ (КҶ солҳои 1926 ва 1935), тандурустӣ ва қадру қимати шахс (КҶ соли 1961)-ро меҳисобиданд [32, 31, 7].Танҳо бо қабули Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 (минбаъд КҶ ҶТ) ва чун «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» номгузорӣ шудани боби 18-и он, истилоҳоти «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» ба муомилоти қонунгузорӣ ворид гардиданд [8].

Мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ низ кам тадқиқ гардидаанд.Аз ҷумла олимони тоҷик Муллаев М., Сафаров Х.С. ва дигарон, ки дар тадқиқотҳои худ ҷиноятҳои ҷинсиро тафсир намудаанд, инчунин дарҚарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ»истилоҳоти мазкур инъикоси худро наёфтаанд [18, 27, 14]. Танҳо Солиев К.Х. ҳангоми тафсир намудани ҷинояти таҷовуз ба номус изҳор доштааст, ки озодии ҷинсӣ маънои онро дорад, ки алоқаи ҷинсӣ метавонад танҳо бо розигии тарафҳо (мард ва зан) ҷой дошта бошад, яъне дар ҳолати таҷовуз ба номус он бидуни иродаи ҷабрдида амалӣ карда мешавад. Дахлнопазирии ҷинсӣ маънои онро дорад, ки дар ҳар ҳолат, новобаста аз розигии ҷинси зан, ба амал баровардани алоқаи ҷинсӣ манъ аст (мисол, нисбат ба духтароне, ки ба синни 16-солагӣ нарасидаанд) [30, с. 285].

Албатта, таърифи мафҳуми озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ки аз ҷониби Солиев К.Ҳ. дода шудааст, маҳдуд буда, он ҳамаи ҷанбаҳои ин ҳуқуқҳои бунёдии инсонро фаро гирифта наметавонад, вале онро дар мазмуни умумӣ ба ҳама гуна робитаҳои дигари шаҳвонӣ, аз ҷумла робитаҳои шаҳвонии байни ҳамҷинсгароён низ корбаст намудан мумкин аст.

Мафҳуми «озодии ҷинсӣ», ки аз ҷониби Ю.К. Сущенко дода шудааст, ба мафҳуми зикрнамудаи К.Х. Солиев наздик буда, он имконияти инсонро ҷиҳати роҳ додан ё роҳ надодан ба қонеъ гардонидани эҳсоси ҷинсӣ нисбати шахсияти худ дарбар мегирад [29, с. 23].

Чунин мафҳумҳои нисбатан маҳдуд аз ҷониби А.В. Бриллиантов ва Е.В. Пейсикова низ пешниҳод шудааст. Номбурдагон таҳти мафҳуми озодии ҷинсӣ – озодии шахсро ҷиҳати интихоби шарики муносибатҳои ҷинсии худ ва таҳти мафҳуми дахлнопазирии ҷинсӣ – манъ будани муносибатҳои ҷинсиро бо шахси ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида мефаҳманд [10, с. 473].

Л.А. Андреева бошад чунин меҳисобад, ки озодии ҷинсиро танҳо аз доштани имконияти роҳ додан ё

надодани қонеъгардонии эҳсоси ҷинсии шахси дигар нисбати худ ҳисобидан мумкин нест [1]. Н.А. Озова ин андешаро инкишоф дода, илова менамояд, ки озодии ҷинсӣ на танҳо озодӣ аз маҷбуркунӣ, балки озодӣ ҷиҳати худмуайянкунӣ дар муошırати шаҳвонӣ мебошад. Ҳамчунин ӯ озодии ҷинсиро мухтасар ҳамчун ҳуқуқи шахс ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳо дар соҳаи муносибатҳои шаҳвонӣ меҳисобад [19, с. 46].

И.Я. Козаченко ва Г.П. Новоселов фарохтар рафта, чунин меҳисобанд, ки озодии ҷинсӣ – ин имконияти (ҳуқуқи) аз ҷониби ҷамъият эътирофшудаи шахси болиғ ҷиҳати аз рӯи салоҳдиди худ, бе ягон маҷбуркунӣ ҳал намудани масъалаи иштирок дар муносибатҳои шаҳвонӣ ва интихоби шарики ҷинсӣ мебошад. Дахлнопазирии ҷинсӣ бошад ин манъ будани анҷом додани муносибатҳои шаҳвонӣ бо шахсе мебошад, ки ҳанӯз ба синне, ки бо он фаро расидани озодии ҷинсӣ вобаста аст, нарасидааст [9, с. 126].

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Конститутсияи кишвар асос ёфтааст, синни фаро расидани озодии ҷинсӣ 16-солагӣ мебошад. Яъне, шаҳрвандон, пас аз расидан ба ин синну сол барои озодии интихоби шарики ҷинсӣ ва анҷом додани амалҳои ҷинсӣ ҳуқуқ пайдо мекунанд. Ҳама амалҳои шаҳвонӣ, ки нисбати ин гуна шахсон, новобаста аз ҷинсашон, то расидан ба синни шонздаҳсолагӣ содир мешаванд, хоҳ маҷбурӣ бошанд, хоҳ ихтиёрӣ, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Яъне, онҳо то расидан ба синни шонздаҳсолагӣ дорои дахлнопазирии ҷинсӣ мебошанд ва бо фаро расидани ин син соҳиби озодии ҷинсӣ, яъне озодии интихоби шарики ҷинсӣ ва тарзу усулҳои қонеъ намудани талаботи шаҳвонӣ мегарданд [26, с. 28-34].

Аммо ин ҷо мебояд як нуктаро зикр намуд: на ҳамеша фаро расидани озодии ҷинсӣ ба унсури синну сол вобаста аст. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Н.А. Озова мебошад. Мавсуф гирифторони бемории рӯҳиро, ки хусусияти амалҳои шаҳвонии нисбати онҳо содиршавандаро дарк намуда наметавонанд, инчунин шахсонеро, ки дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, на дорои озодии ҷинсӣ, балки ҳомили дахлнопазирии ҷинсӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ, чунин шахсон дорандаи озодии ҷинсӣ намебошанд ва мустақилона масъалаи қонеъ гардонидан ё нагардонидани эҳсоси ҷинсии бегонаро ҳал карда наметавонанд [19, с. 47]. Мо низ ин андешаро ҷонибдорӣ менамоем.

Чунончи, сокини ноҳияи Вахши вилояти Хатлон Меҳроб Ч. ҳангоми чаронидани чорво духтари аз синни 16-сола болои рӯҳан бемор С.Д.-ро вомехӯрад, ки ӯ низ ба чаронидани чорво машғул буд. Меҳроб Ч. бо истифода аз вазъияти оҷизонаи С.Д., ки моҳияти амалҳои шаҳвонии ӯро намефаҳмид, бо кумаки шарики худ Холназар Ч., бо С.Д. ду маротиба алоқаи ҷинсӣ мекунад. Мутобиқи хулосаи экспертизаи судӣ-равонпизишкӣ таҳти № 219 аз 30.08.2016 сол ҷабрдида С.Д. «гирифтори бемории рӯҳии доимӣ дар шакли "Бемории органикии майнаи сар бо камақлии дараҷаи миёна" буда, ҳангоми нисбаташ содир гардидани ҷиноят худро бошуурона ҳимоя карда наметавонист. Вобаста ба ҳолати рӯҳияш С.Д. наметавонад амалеро бошуурона иҷро намояд ва ҳамчун шахси мубталои камақлии дараҷаи миёна ғайри қобили амал мебошад». Бо ҳукми суд Меҳроб Ч. ба муҳлати 8 сол ва шарики ӯ Холназар Ч. ба муҳлати 7 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт маҳкум гардиданд [3]. Дар ҳолати зикршуда на озодии ҷинсии ҷабрдида С.Д., балки дахлнопазирии ҷинсии ӯ чун объекти амалҳои шаҳвонии Меҳроб Ч. ва Холназар Ч. қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло, метавон мафҳуми озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро чунин муайян намуд:

**Озодии ҷинсӣ** – ин ҳуқуқи шахси ба синни шонздаҳсолагӣ расидаи дорои қобили амал ҷиҳати мустақилона интихоб намудани шарики ҷинсӣ, вакт, ҷой, тарз ва усулҳои қонеъ гардонидани талаботи шаҳвонии худ ва шарики ҷинсии худ, инчунин бо салоҳдиди худ ҳал намудани ҳама гуна масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷинсии худ ва имконияти иштироки озод дар муносибатҳои шаҳвонӣ мебошад.

**Дахлнопазирии ҷинсӣ** бошад, манъ будани содир намудани ҳама гуна амалҳои шаҳвонӣ нисбати шахси ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида, ё шахси ба синни шонздаҳсолагӣ расидаи гирифтори бемории рӯҳӣ, ки хусусияти амалҳои шаҳвонии нисбати ӯ содиршавандаро дарк намуда наметавонад, инчунин шахсе, ки дар ҳолати беҳушӣ қарор дорад ва масунияти онҳо аз ҳама гуна робитаҳои шаҳвонӣ мебошад.

Дар моддаҳои 139-142[1] КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Содиршавии ин ҷиноятҳо дар соли 2016 дар таносуб бо соли 2015 дар ҷадвал чунин тасвир дорад:

| т/р | Номгӯи ҷиноятҳо | 2016 | 2015 | Каму зиёд | Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Моддаи 138 (Таҷовуз ба номус) | 49 | 41 | +8 | +16,3 % |
| 2. | Моддаи 139 (Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ) | 47 | 36 | + 11 | +23,4 % |
| 3. | Моддаи 140 (Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ) | 15 | 11 | + 4 | +26,6 % |
| 4. | Моддаи 141 (Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бошахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст) | 105 | 110 | - 5 | -4,5 % |
| 5. | Моддаи 142 (Ҳаракати бадахлоқона) | 60 | 28 | + 32 | +114 % |
| 6. | Моддаи 142[1] (Алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвони дошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суи истифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ) | 1 | - | + 1 | +100% |
| **Ҷамъ** | **-** | **277** | **226** | **+ 51** | **+18,4%** [16]. |

Дар соли 2016 – 2 ҷинояти таҷовуз ба номус ва 1 ҷинояти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣнокушода мебошанд.Аз рақамҳои болоӣ бармеояд, ки дар соли 2016 содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар маҷмӯъ **18,4 %** афзудааст. Алалхусус болоравии содиршавии ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ, аз ҷумла **16,3 %** афзудани ҷинояти таҷовуз ба номус, **23,4 %** зиёдтар содир гардидани ҷинояти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, инчунин **1,14 маротиба** боло рафтани ҷинояти ҳаракати бадахлоқона, инчунин нокушода мондани се ҷинояти зӯроваронаи ҷинсии зикршудаандешидани чораҳои зарурӣро тақозо менамояд.

Содиршавии ҷиноятҳои категорияи таҳлилӣ дар 9 моҳи соли 2017 дар ҷадвал чунин тасвир дорад:

| т/р | Номгӯи ҷиноятҳо | 9 моҳи соли 2017 | 9 моҳи соли 2016 | Каму зиёд | Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Моддаи 138 | 44 | 33 | +11 | + 25 |
| 2. | Моддаи 139 | 40 | 39 | + 1 | + 2,5 % |
| 3. | Моддаи 140 | 4 | 8 | - 4 | - 1 маротиба |
| 4. | Моддаи 141 | 70 | 84 | - 14 | - 16,6 % |
| 5. | Моддаи 142 | 35 | 53 | - 18 | - 33,9 % |
| 6. | Моддаи 142[1] | 1 | 1 | = | = |
| **Ҷамъ** | **-** | **194** | **218** | **- 24** | **- 11 %** [17]. |

Аз таҳлилҳои болоӣ бармеояд, ки ҳарчанд дар 9 моҳи соли 2017 содиршавии умумии ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ 11 % кам шуда бошанд ҳам, ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ, аз ҷумла таҷовуз ба номус – 25 % ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ – 2,5 % афзоиш ёфтаанд. Аз ин шумора 2 ҷинояти таҷовуз ба номусдар ин давра нокушода мебошанд.

Дар идомаи мавзӯъ баъзе таклифҳо, ки бо мушкилоти амалӣ намудани дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ дар амалияи тафтишотӣ-судӣ робита доранд, баён карда мешаванд.

Азбаски дахлнопазирии ҷинсӣ аз таваллуд ба шахс мансуб буда, минбаъд асосан бо расидан ба синни пешбининамудаи қонунгузорӣ (16-солагӣ) он бо озодии ҷинсӣ иваз мегардад, чун «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» номгузорӣ гардидани боби 18-и КҶ ҶТ қобили қабул набуда, он вобаста аз пайдарҳамии фаророрасии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ бояд чун «Ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ» номгузорӣ карда шавад.

Масъалаи дигар. Яке аз мушкилоте, ки имрӯз вобаста ба таъмини озодии ҷинсии шахс ба миён меояд, ба зуҳуроти инсест, яъне иштиёқи таҳрифшудаи шаҳвонӣ нисбат ба хешовандони наздик (ба истиснои ҳамсар) вобастагӣ дорад.КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбат ба хеши наздик ҷазои сахттар пешбинӣ намудааст. Ҳарчанд ки мафҳуми «инсест» иштиёқи шаҳвониро нисбат ба ҳамсар (завҷа ё шавҳар) ифода намекунад, вале Кодекси ҷиноятӣ бо мафҳуми «хеши наздик» ҳамсарро низ дарбар мегирад [8].

Доираи хешовандони наздик дар моддаи 6 КМҶ ҶТ) муайян карда шудааст. Инҳо – падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзанд-хондашудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунинҳамсар [5].

Ин ҷо ба як номувофиқатӣ бояд ишора намуд: дар КМҶ ҶТ барои ифода намудани доираи муайяни шахсон истилоҳи «хешовандони наздик» истифода гардидааст [5] ва шакли танҳои вожаи «хешовандон» дар Фарҳанги забони тоҷикӣ чун «хешованд» (яке аз хешу табор) омадааст [34: с.474]. Ҳамин доираи шахсонро, ки КМҶ ҶТ «хешовандони наздик» номидааст, КҶ ҶТ дар шакли танҳо бо мафҳуми «хеши наздик» ифода кардааст [8], ки ин гуногунфаҳмиро дар татбиқи ин муқарраротиқонун ба вуҷуд меорад, зеро дар шакли танҳо истилоҳи «хешовандони наздик» бояд чун «хешованди наздик» номида мешуд.

Ҳарчанд калимаҳои «хеш» ва «хешованд» мутобиқи Луғати Устод Айнӣ [28, с. 433] ва Фарҳанги забони тоҷикӣ [34, с. 474-475] муродифи якдигар мебошанд, вале истифодаи якҷояи онҳо дар қонунгузорӣ хилофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад. Зеро мутобиқи моддаи 51-и Қонуни мазкур (Талабот ба сабку услуби санади меъёрии ҳуқуқӣ) дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ

истифодаи мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуниҳаммаъноноравост [11].

Истифодаи истилоҳоти гуногуни ҳаммаъно боиси он гардидааст, ки муфаттиши прокуратураи шаҳри Қӯрғонтеппа истилоҳи «хеши наздик»-ро ба таври васеъ маънидод намуда, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвониро, ки 03.02.2007 сол аз тарафи Усмон Х. нисбати духтари тағояш Ҳ.С. содир шуда буд, чун ҷинояти ҷинсие, ки нисбати хеши наздик содир гардидааст (моддаи 139 қисми 3 банди «б» КҶ ҶТ), бандубаст намудааст. Минбаъд ин норасоӣ аз тарафи суд низ бартараф нашуда, бо ҳукми суди шаҳри Қӯрғонтеппа аз 22.06.2007 сол Усмон Х. бо моддаи 139 қисми 3 банди «б» КҶ ҶТ (ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, агар нисбат ба хеши наздик содир шуда бошад), гунаҳкор дониста, бо ҳамин модда ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 11 сол таъин карда шудааст. Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба корҳои ҷиноятии суди вилояти Хатлон аз 31.07.2007 сол ҳукми болоӣ бетағйир гузошта шудааст [20].Қобили зикр аст, ки дар сурати бандубасти дурусти кирдори Усмон Х. ҳаракатҳои ӯ бояд чун таркиби оддии ҷинояти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ бо моддаи 139 қисми 1 КҶ ҶТ бандубаст карда мешуд, ки он ҷазои ҷиноятиро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол пешбинӣ намудааст.

Аз ин рӯ, таклиф менамоем, ки ба моддаи 6 КМҶ ҶТ (Мафҳумҳои асосӣ) тағйирот ворид карда шуда, бо мақсади мутобиқ намудани истилоҳоти он бо истилоҳоти КҶ ҶТ, калимаҳои «хешовандони наздик» ба калимаҳои «хешони наздик» иваз карда шавад.

Таҳлили амалияи тафтишотӣ-судии солҳои амали Кодекси нави ҷиноятӣ (1998-2017) нишон медиҳад, ки амалҳои зӯроваронаи инсест асосан аз тарафи падарон нисбати духтарон ва баъзан писарон, инчунин дар ҳолатҳои камтар аз тарафи бародарон нисбати хоҳарон, бобоҳо нисбати наберагон, хусурҳо нисбати келинҳо, язнаҳо нисбати хоҳарарӯсонва дар ду ҳолат аз ҷониби писарон нисбати модарон содир гардидаанд.

Чунончи, Рустам Ч. дар манзили истиқоматии худ, бо истифодаи зӯрӣ нисбати модараш – Ч.Х. ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ содир намудааст. Бо ҳукми суди шаҳри Турсунзода аз 17.07.2007 сол Рустам Ч. ба муҳлати 15 сол маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт маҳкум гардидааст [21].

Ё худ, сокини ноҳияи Рӯдакӣ Ҳикматулло Ғ. моҳи январи соли 2004 бо истифодаи зӯрӣ як маротиба ба номуси хоҳарарӯсаш А.Ю., ки муваққатан дар хонаи ӯ истиқомат мекардааст, таҷовуз намудааст [22]. Сокини ш. Турсунзода Умеджон Б. бошад 25-уми сентябри соли 2017 суиқасди таҷовуз ба номуси хоҳарарӯси худ – С.Х.-ро содир намудааст [4].

Азбаски хоҳарарӯс мутобиқи моддаи 6 КМҶ ҶТ хеши наздик ҳисобида намешавад, кирдори Ҳикматулло Ғ. ва Умеджон Б.-ромувофиқан чун ҷинояти таҷовуз ба номус ва суиқасди таҷовуз ба номуси хеши наздик бандубаст намудан ғайриимкон мебошад. Яке аз сабабҳои асосии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии вазнинтар барои содир намудани ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати хеши наздик он мебошад, ки ҷабрдида ба айбдоршаванда дастрасии бештар дошта, аксаран айбдоршаванда нисбати ҷабрдида ҳокимияти муайянро соҳиб аст. Омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва мисолҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки чунин дастрасӣ ва ҳокимият мувофиқан хусур нисбати келин ва язна (шавҳари апа) нисбати хоҳарарӯси худ, ки ҳамроҳи онҳо зиндагӣ менамояд, доштааст.

Дар ин ҷанба таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Федеролии Олмон қобили омӯзиш аст. Чунончи, мутобиқи қисми 1 параграфи 11-и Кодекси ҷиноятии ин кишвар ба доираи хешовандон аз рӯйи фаҳмиши ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ғайр аз онҳое, ки

қонунгузории мо хешовандони наздик мешуморад, инчунин ҳамсарони бародарону хоҳарон, ҳамсарони хоҳарони шавҳаронашон, хоҳарон ва бародарони ҳамсарон шомил мебошанд, агарчанде ки никоҳе, ки ба чунин муносибатҳои хешовандӣ асос гузошта буд, аз байн рафта бошад [33].

Ё худ, мафҳуми «хешовандони наздик», ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» зикр гардидааст, ҳарчанд нисбатан васеъ мебошад, вале қобили таваҷҷуҳ аст. Мутобиқи ин Қонун мафҳуми «хешовандони наздик» шахсони зеринро фаро мегирад: зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, келинҳо, домодҳо, ҷиянҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробар кардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд [12].

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо таклиф менамоем, ки бо такмил додани мафҳуми «хешовандони наздик» (шакли нави пешниҳоднамудаи мо- «хешони наздик») ба он инчунин хусур (падари ҳамсар), хушдоман (модари ҳамсар), келин, домод, хоҳарон ва бародарони ҳамсар шомил карда шаванд. Дар ин сурат ҳифзи бештари дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии ин категорияи ҷабрдидагон таъмин карда мешавад.

Вобаста ба зуҳуроти инсест мебояд қайд намуд, ки мавҷудияти зуҳуроти мазкур ва мувофиқан ба он таъмини озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ бо ду гуруҳи маҳдудиятҳо мувоҷеҳ мегардад: аввалан, маҳдудияти ахлоқӣ ва сониян, маҳдудияти ҳуқуқӣ.

Вобаста ба маҳдудияти ахлоқӣ ҷоиз аст қиссаеро аз намунаи беназири насри классикии тоҷик «Ҳазору як шаб» зикр намоем. Ин қисса аз забони гадои нобинои якчашма («Ҳикояти гадои аввал») садо дода, мутобиқи он ҷавоне ба хоҳари худ ошиқ шуда, бо ӯ борҳо амали ҷимоъ анҷом медиҳад. Чун падараш аз ин ҳол воқиф мегардад, ӯро аз ин амал манъ мекунад, вале дар набудани падар писар нақбе канда, дар гӯристон дар зери замин хона месозад ва он ҷо бо хоҳараш ба мубоширату ва айшу нӯш машғул мешавад. Пас аз чанде чун падараш ва он гадои қиссагӯ ин ҷавон ва хоҳарашро дар пинҳонгоҳ пайдо мекунанд, мебинанд, ки дар канори хона тахте воқеъ буда ва дар паси парда он ҷавон ва хоҳараш «дар оғӯши ҳам хуспида ва чунон сӯхта буданд, ки гӯё ба чоҳ андар оташ заданд». Он гадои қиссагӯ, ки писарамаки он ҷавону духтари сӯхта будааст, мегӯяд: «Пас аммам (амакам) ба рӯйи писар туф кард ва лагад бар ӯ бизад ва гуфт: - Эй нопок! Муставҷиби (сазовори) ин ва беш аз инӣ. Ин мукофоти дунёст ва азоби охират бештару шадидтар бошад» [37, с. 56-59].

Ин ҳикояти ғамангез ва ибратомӯз муносибати манфӣ ва маҳкумсози миллати тоҷикро ба муносибатҳои шаҳвонии байни хешовандони наздик (падар бо духтарон, модар бо писарон, байни хоҳарону бародарон ва ғайраро) ифода менамояд.

Дар Ислом бастаниникоҳ ва мувофиқан баон ба роҳ мондани ҳама гуна муносибатҳои ҷинсӣ бо доираи муайяни шахсон, ки маҳрам номида мешаванд,манъ аст. Чунончи, дар ояти 23-и сураи Нисои Қуръони Маҷид омадааст: «Бар шумо ҳаром карда шуданд: модарони шумо ва духтарони шумо ва хоҳарони шумо ва хоҳарони падарони шумо ва хоҳарони модарони шумо ва духтарони бародар ва духтарони хоҳар ва он модарони шумо, ки ба шумо шир додаанд ва хоҳарони шумо аз ҷиҳати ширхорагӣ ва модарони занони шумо ва духтарони занони шумо, ки дар канори шумо парвариш мeёбанд – аз байни он занони шумо, ки бо онҳо омезиш кардед-ва агар бо онҳо омезиш накарда бошед, пас, бар шумо ҳеҷ гуноҳ нест; ва занони писарони шумо, ки аз пушти шумо бошанд; ва он ки

миёни ду хоҳар ҷамъ кунед, лекин он чӣ гузашт, (дар он) авф нест. Ба дурустӣ, ки Худо Омурзандаи Меҳрубон аст» [13, с. 81].

Дар шарҳи ин ояти Қуръони маҷид профессор А.Ғ.Холиқов изҳор намудааст, ки ақди никоҳ бо чунин анвои занҳо манъ гардидааст: -бо модар; - бо духтар; бо хоҳар; - бо амма; бо хола; бо духтари бародар; бо духтари хоҳар; бо модароне, ки шуморо шир додаанд; бо хоҳарони ҳамшир; бо модари зан; бо духтарони зан, ки дар пушти домани шумо тарбият ёфтаанд. Инчунин ақди никоҳ бо занони мӯҳсина (шавҳардор, Сураи «Нисо», ояти 24), бо заноне, ки дар ақди никоҳи падарон буданд (Сураи «Нисо», ояти 22) ва занони мушрик (Сураи Бақара, ояти 21) манъ мебошад [36: с. 200].

Ин муқаррарот қисман таҳкими худро дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО ҶТ) пайдо намуда, он монеаи ҳуқуқии рушди зуҳуроти инсест мебошад. Чунончи, мутобиқи моддаи 14-и КО ҶТ ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст: байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ); – байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай (ки аз як падар ё модаранд); – байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар; – байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян; – байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд ва ғайра [6].

Аммо, ҳама гуна муносибатҳои ҷинсии ихтиёронаи байни ин шахсон, алалхусус робитаҳои шаҳвонии падарону модарон бо фарзандон, хоҳарону бародарон бо ҳамдигар ва ғайра, ки дар асоси розигии ҳарду тараф ва берун аз никоҳ сурат мегиранд, агар шарикони ҷинсӣ ба синни 16-солагӣ расида ва дар вазъияти оҷизии рӯҳӣ (беҳушӣ, бемории рӯҳӣ) қарор надошта бошанд, аз тарафи қонун таъқиб намегардад, ки ин номувофиқатии байни меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ ва қонунгузории оилавӣ, инчунин ҳуввияту арзишҳои маънавии миллати тоҷик мебошад. Танҳо дар соли 2016 ду нафар шаҳрванд – як нафар падари аслӣ – А.А. барои алоқаи ҷинсӣ бо духтари аз 16-сола болои худ ва як нафар падарандар – М.Ғ. барои алоқаи ҷинсӣ бо духтари болиғи ӯгаяш (ҳарду сокинони н. Шаҳринав) аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барканор монданд, чунки тафтишот муайян намудааст, ки муоширати шаҳвонии ин падарону духтарон дар асосии розигии тарафайн сурат гирифтааст [15].

Дар баъзе кишварҳо, масалан дар Ҷумҳурии Федеролии Олмон, мутобиқи параграфи 173 Кодекси ҷиноятии ин кишвар барои мубоширати (ҳамзистии шаҳвонии) ихтиёронаи байни хешовандони наздик ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол ё ҷаримаи пулӣ муқаррар шудааст [33].

Аз ин рӯ, бо мақсади солимгардонии ахлоқи ҷомеа ва пешгирии чунин зуҳуроти ба арзишҳои миллати тоҷик бегона мебояд, ки бо ҷалби доираи васеи олимони соҳа ва кормандони амалияи тафтишотӣ-судӣ зарурати криминализатсияи алоқаҳои ихтиёронаи шаҳвонии байни хешовандони наздик, ки доираи онҳоро моддаи 6 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст (ба истиснои ҳамсар), баррасӣ карда шавад.

Мушкилии дигар дар номувофиқатии байни синни фарорасии озодии ҷинсӣ (16-солагӣ) ва синни никоҳӣ (18-солагӣ) ифода меёбад. Ин номувофиқатӣ боиси он мешавад, ки то расидан ба синни никоҳӣ (аз 16 то 18-солагӣ) ноболиғон ба муносибатҳои ихтиёронаи ҷинсӣ ҷалб карда шуда, ин муносибатҳо боиси ҳамли номатлуб, исқоти ҳамл ва чун натиҷа безурётӣ, таваллуди бармаҳали фарзанд ва ғайра гардида, ба солимии ҷисмонию рӯҳӣ, тарбия ва ояндаи ноболиғон таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, имрӯз мебояд бо ҷалби кормандони тиб, равоншиносон, равонпизишкон, ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон ҳаёти ҷинсии ноболиғони аз 16 то 18-солаи ба ин муносибатҳои ҷинсӣ ҷалбгардида

омӯхта шуда, зарурати баланд бардоштани синни фаророрасии озодии ҷинсӣ ва ба синни никоҳӣ наздик намудани он мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Масъалаи дигари ҳалталаб бо ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии гермофродитҳо (хунсоҳо) ва трансвеститҳои ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудавобаста мебошад.

Голубева И.В. изҳор намудааст, ки «гермафродитизм» он шаклҳои ихтилоли модарзодии инкишофи ҷинсиро, ки мутобиқи он дар сохти узвҳои берунаи ҷинсӣ нишонаҳои дуҷинсият ба мушоҳида мерасанд, муттаҳид месозад. Духтур дар баробари ҳалли мушкилоти тиббӣ инчунин мушкилии иҷтимоиро ҳал мекунад, яъне беморро ба гурӯҳи занона ё мардонаи аҳолӣ мансуб медонад [2, с. 3].

Транвестизм бошад шакли иштиёқи таҳрифшудаи ҷинсӣ буда, дар пӯшидани либосҳо ва овехтани ороишоти ҷинси муқобил, ба ҷинси муқобил монанд намудани симои зоҳирии худ ва иҷрои нақши намояндаи ҷинси муқобил ифода меёбад [25, с. 440].

Дар зер ду мисол аз амалияи тафтишотӣ оварда мешавад, ки зарурати ҳифзи озодии ҷинсии намояндагони **гермафродитизм ва трансвестизмро** ба миён овардааст.

Гулдаста К.-и 33-сола бо зани шавҳардор Қ.Ҷ. шиносоӣ пайдо намуда, ба ӯ мунтазам кумаки моддӣ расонида, вобастагии моддии ӯро ба миён овардааст. Минбаъд, бо истифода аз вобастагии моддии ӯ Гулдаста К. нисбати Қ.Ҷ. аз соли 2013 то моҳи августи соли 2015 амали ҷимоъи зан бо зан (лесбиянство) ва дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвониро содир намудааст. Бо ошкор гардидани ин ҳолат Гулдаста К. дастгир карда шуда, нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 140 КҶ ҶТ (Маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ) оғоз карда шудааст. Ҳарчанд Гулдаста К. аз рӯи шиносномa зан буда, либосҳои занона мепӯшид ва дар ҷамъият худро ба сифати зан муаррифӣ намуда буд, дар асл симои мардона (сохти бадани мардона; мӯйбарории зиёд дар рӯй ва тамоми бадан; мушакҳои инкишофёфта) дошта, то алҳол шавҳар накарда, бо ягон мард муносибати шаҳвонӣ доир накарда буд. Бинобар ба миён омадани шубҳа дар хусуси гермофродит (хунсо) будани Гулдаста К. нисбати ӯ экспертизаи судӣ-тиббӣ таъин карда шуд. Мувофиқи санади тадқиқоти (шаҳодатгардонии) тиббӣ-судии № 7423 аз 29.09.2015 сол аз рӯи инкишофи физиологӣ, намудизоҳирӣ ва инкишофи узвҳои ҷинсияш Гулдаста К. гирифтори бемории гермофродитизм буда, ба ҷинси мард тааллуқ дорад. Гулдаста К. Қобилияти алоқаи ҷинсӣ карданро надорад, вале метавонад бо воситаи молиш додан ва анҷом додани дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ дошта нафси худро қонеъ гардонад.

Аммо мушкилӣ дар он буд, ки дар баробари доштани олати мардии сарбаста Гулдаста М. узвҳои ташаккулёфтаи ҷинсии занона дошт ва имконияти бо ӯ чун бо зан алоқаи ҷинсӣ намуданро истисно намекард. Мутобиқи санади экспертизаи судӣ-тиббӣ номбурда мансуб ба ҷинси мард буд, вале маҳз мавҷудияти узвҳои ҷинсии занона имкон намеод, ки ӯ дар як камера бо мардони дигар нигоҳ дошта шавад, ки ин хатари бевосита ба озодии ҷинсии ӯ буд. Аз ҷониби дигар, чун зан дар як камера бо занҳои дигар нигоҳ доштани ӯ хатари содир гардидани амалҳои зӯроваронаи ҷинсиро аз ҷониби худи ӯ нисбати дигар маҳбусони ҷинси зан ба вуҷуд меовард. Ҷинояти содирнамудаи Гулдаста К. ба категорияи начандон вазнин мансуб буд ва дар камераи алоҳида нигоҳ доштани ӯ ва нисбаташ татбиқ намудани низоми камеравӣ, ки чун қоида барои шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои махсусан вазнин татбиқ мегардад, нораво буд. Бо дарназардошти ин ҳолатҳо, нисбати Гулдаста К. чораи пешгирии ғайриҳабсӣ интихоб шуда, ӯ аз

Маҳкамаи нигоҳдории муваққатӣ озод карда шуд. Минбаъд аз ҷониби суди шаҳри Ваҳдат низ нисбати ӯ ҷазои ғайриҳабсӣ татбиқ карда шуд, зеро имконияти дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳ доштани ӯ мавҷуд набуд [23].

Мисоли навбатии мо бо трансвестити ҷинси мард – Оламафрӯз А.-и 31-сола бо тахаллуси «Шабнами Сурайё» вобаста аст. Ному насаби ҳофизаи маъруфи тоҷикро ӯ барои худ чун тахаллус интихоб намуда, ба монанди занон либос мепӯшид, худро рангу бор менамуд, ба худ ороишоти занона меовехт, инчунин дар ҷомеа худро ҳамчун зан муаррифӣ карда, чун шарики ғайрифаъол ба амалҳои ҳамҷинсгароёна машғул буд. Ба сабаби дуздӣ намудани телефони мобилии маъшуқи худ ва телефони мобилии собиқ ҳамсари маъшуқаш нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои «а,в» КҶ ҶТ (дуздие, ки такроран, бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд содир шудааст) оғоз гардидааст. Экспертизаи судӣ-тиббӣ маълум намуд, ки Оламафрӯз А. аз ҷиҳати физиологӣ пурра мансуб ба ҷинси мард буда, гирифтори иштиёқҳои таҳрифшудаи ҷинсӣ дар намуди трансвестизм ва ҳамҷинсгароӣ (гомосексуализм) мебошад ва ҳаёти мунтазами ҳамҷинсгароӣ мебарад.

Бо мақсади таъмини ҳифзи озодии ҷинсии Оламафрӯз А. ва пешгирии амалҳои эҳтимолии зӯроваронаи ҷинсӣ, ки нисбати ӯ аз ҷониби дигар маҳбусон дар Муассисаи тафтишотӣ ё муассисаҳои ислоҳӣ содир шуда метавонистанд, аз тарафи кормандони воҳиди тафтишотии ШВКД дар ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе нисбати номбурда чораи пешгирӣ – забонхат дар бораи набаромадан аз маҳалли истиқомат интихоб карда шуда, минбаъд аз тарафи суди ноҳия низ ба Оламафрӯз А. ҷазои ҷарима ба андозаи 8 ҳазор сомонӣ таъин ва татбиқ гардид [24].

Албатта, таъин намудани ҷазои ғайриҳабсӣ барои шахсони гирифтори чунин ихтилол роҳи ҳалли масъала нест, хусусан агар онҳо барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, яқин бояд ба ҳабс гирифта шуда, минбаъд ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шаванд. Аз ин рӯ, бояд бо такмил додани низоми муассисаҳои ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба гермофродитҳо (хунсоҳо) ва намояндагони ақаллиятҳои ҷинсӣ, аз ҷумла трансвеститҳо, ҳамҷинсгароёнва ғайра шароити нигоҳдорӣ дар маҳкамаҳои нигоҳдории муваққатӣ, муассисаҳои ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва адои ҷазо дар муассисаҳои ислоҳӣ фароҳам оварда шавад. Чунин муносибат на танҳо категорияи зикршудаи шахсонро аз таҷовузҳои шаҳвонӣ ҳифз мекунад, балки инчунин ахлоқи маҳбусони дигарро аз амалҳои ғайритабииву зиддиахлоқӣ эмин медорад.

Таъмини ҳифзи самарабахши дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ бо ҷазоҳои ҷиноятие, ки барои вайрон намудани онҳо пешбинӣ шудааст, вобастагии зич дорад. Аммо, омӯзиши қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар санксияҳои ҷиноятҳои зӯроваронаи ҷинсӣ номувофиқатӣ ба назар мерасад. Чунончи, қонунгузор хавфи ҷамъиятии онҳоро баробар шуморида, қаблан содир намудани яке аз онҳоро барои ҷинояти дигар аломати такрорӣ шуморидааст (банди «а» қисми 2 моддаи 138 ва банди «а» қисми моддаи 139 КҶ ҶТ). Аммо барои содир намудани ҷинояти таҷовуз ба номус бе ҳолатҳои вазнинкунанда қисми 1-и моддаи 138 КҶ ҶТ (таркиби оддӣ) ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба муҳлати аз 3 то 7 сол пешбинӣ намудааст. Барои таркиби оддии ҷинояти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (қисми 1-и моддаи 139 КҶ ҶТ) бошад, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 5 то 7 сол пешбинӣ гардидааст [8].

Оид ба номувофиқатиҳои дигари байни санксияҳои моддаҳои 138 ва 139 КҶ ҶТнигаред ба ҷадвали зер:

| | **Моддаи 138- Таҷовуз ба номус (ҷазои пешбинишуда)** | **Моддаи 139 Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (ҷазои пешбинишуда)** |
|---|---|---|
| **Таркиби оддӣ** (қисми 1) | **АЗ 3 ТО 7 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ | **АЗ 5 ТО 7 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ |
| **Нисбати духтари баръало ноболиғ** | **АЗ 7 ТО 12 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ | **АЗ 7 ТО 10 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ |
| **Нисбати хеши наздик** | **АЗ 12 ТО 25 СОЛ, Ё ЯКУМРА** маҳрум сохтан аз озодӣ | **АЗ 10 ТО 15 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ |
| **Нисбати шахси баръало ба синни 14-солагӣ нарасида** | **АЗ 12 ТО 25 СОЛ, Ё ЯКУМРА** маҳрум сохтан аз озодӣ | **АЗ 15 ТО 20 СОЛ** маҳрум сохтан аз озодӣ |

Дар хотима бори дигар таклифҳои зикргардида ба тариқи мӯъҷаз оварда мешавнд:

- бо ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 18-уми Кодекси мазкур чун «Ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ» номгузорӣ карда шавад;

- ба моддаи 6 КМҶ ҶТ (Мафҳумҳои асосӣ) тағйирот ворид карда шуда, бо мақсади мутобиқ намудани истилоҳоти он бо истилоҳоти КҶ ҶТ, калимаҳои «хешовандони наздик» ба калимаҳои «хешони наздик» иваз карда шавад;

- бо такмил додани мафҳуми «хешовандони наздик» (шакли нави пешниҳодшуда «хешони наздик») дар моддаи 6 КМҶ ҶТ ба он инчунин хусур (падари ҳамсар), хушдоман (модари ҳамсар), келин, домод, хоҳарон ва бародарони ҳамсар шомил карда шаванд;

- зарурати криминализатсияи алоқаҳои ихтиёронаи шаҳвонии байни хешовандони наздик, ки доираи онҳоро моддаи 6 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст (ба истиснои ҳамсар) баррасӣ карда шавад;

- зарурати баланд бардоштани синни фаророасии озодии ҷинсӣ ва ба синни никоҳӣ наздик намудани он мавриди баррасӣ қарор дода шавад;

- *системаи маҳкамаҳои нигоҳдории муваққатии мақомоти корҳои дохилӣ, муассисаҳои ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия такмил дода шуда, ба гермофродитҳо (хунсоҳо) ва намояндагони ақаллиятҳои ҷинсӣ, аз ҷумла трансвеститҳо, ҳамҷинсгароён ва ғайра шароити нигоҳдорӣ дар маҳкамаҳои нигоҳдории муваққатӣ, муассисаҳои ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳоиислоҳӣ фароҳам оварда шавад;*

- бо ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба КҶ ҶТ ҷазоҳои ҷиноятӣ, ки барои содир намудани ҷиноятҳои таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаҳои 138 ва 139 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд, ба ҳамдигар мувофиқ кунонида шаванд.

Умед аст, ки баррасӣ ва қабули пешниҳодоти зикргардида ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба таъмини риояи ҳуқуқҳои бунёдии инсон, чун дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Адабиёт:**


1. Андреева, Л.А. Состав преступления в советском уголовном процессе. Дисс. … кан. юрид. наук. – Л., 1962.
2. Голубева, И.В. Гермафродитизм (клиника, дагностика, лечение). – М., 1980. – 160 с.
3. Истеҳсолоти назоратӣ бо парвандаи ҷиноятии № 17094 нисбати Меҳроб Ч. ва Холназар Ч. Бо моддаи 138 қисми 2 бандҳои "б, д" КҶ ҶТ. – Бойгонии Прокуратураи генералии ҶТ (соли 2016).
4. Истеҳсолоти назоратӣ бо парвандаи ҷиноятии № 20562 бо айбдории Умеджон Б. бо моддаҳои 32 қисми 3, 138 қисми 2 банди «в» КҶ ҶТ. – Бойгонии Прокуратураи генералии ҶТ (2017).
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 815; мод. 816; с. 2010, № 7, мод. 551; с. 2011, № 3, мод. 159; № 7-8, мод. 609; с. 2012, № 4, мод. 259; № 7, мод. 714; № 8, мод. 815; № 12, қ. 1, мод. 1020; мод. 1025; с. 2013, № 7, мод. 510; мод. 511; с. 2014, № 3, мод. 142; № 11, мод. 643; с. 2015, № 11, мод. 950; с. 2016, № 3, мод. 128; № 5, мод. 357, № 7, мод. 610, мод. 611; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1381. Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj-/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=334.
6. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, № 682 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, № 3, мод. 201; с. 2010, № 7, мод. 546; с. 2011, № 3, мод. 177, № 12, мод. 855; с. 2013, № 3, мод. 195; с. 2015, № 11, мод. 960; с. 2016, № 3, мод. 143, №11, мод. 881; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1395. Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=343.
7. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи с.1961. – Душанбе, 1989. – 224 с.
8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, № 11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, № 8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, № 5, мод. 346, № 7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, № 3, мод. 126, № 7, мод. 399, № 12, мод. 640;с. 2007, № 7, мод. 665; с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 3, № 6, мод. 444, мод. 447, № 10, мод. 803, № 12, қ. 1, мод. 986, № 12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, № 3, мод. 80, № 7-8, мод. 501; с. 2010, № 3, мод. 155, № 7, мод. 550; с. 2011, № 3, мод. 161, № 7-8, мод. 605;с. 2012, № 4, мод. 258, № 7, мод. 694, с. 2013, № 6, мод. 403, мод. 404, № 11, мод. 785, № 12, мод. 881; с. 2014, № 3, мод. 141, № 7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, № 3, мод. 198, мод. 199, № 11, мод. 949, № 12, қ. 1, мод. 1107;с. 2016, № 3, мод. 127, № 5, мод. 355, мод. 356, № 7, мод. 608, мод. 609, № 11, мод. 874, № 11, мод. 875; с. 2017, № 2, мод. 2, мод. 3; ҚонуниҶТаз 28.08.2017 с., № 1467. Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=23.
9. Козаченко, И.Я., Новоселов, Г.П. Уголовное право. Особенная часть. Учебник для бакалавров. – М., 2014. – 857 с.
10. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный). 2-ое издание. / Под ред. профессора А. В. Бриллиантова. Том. 1. – М., 2015. – 792 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъерии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, № 1414 // Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanad-hoview.php?showdetail=&sanadID=356.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, № 7, мод. 402; с. 2007, № 7, мод. 660; с. 2008, № 10, мод. 800; с. 2011, № 12,

мод. 837; с. 2014, № 3, мод. 148; Қонунҳои ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1385; аз 24.02.2017 с., № 1386; аз 30.05.2017 с., № 1440. Манбаи электронӣ: http://base.-mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=141.

13. Қуръони Маҷид. – Душанбе, 2011. – 640 с.
14. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» // Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). – Душанбе, 2012. – 556 с.
15. Маълумотҳо аз бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2016).
16. Маълумотҳои Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи ҷинояткорӣ (СМИТ ВКД ҶТ) барои солҳои 2015-2016.
17. Маълумотҳои Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи ҷинояткорӣ (СМИТ ВКД ҶТ) барои 9 моҳи соли 2017 ва ҳамин давраи соли 2016.
18. Муллаев, М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР. – Душанбе, 1988. – 432 с.
19. Озова, Н.А. Насильственные действия сексуального характера. – М., 2006. – 192 с.
20. Парвандаи ҷиноятии № 1-85-2007 с. бо айбдории Усмон Х. бо моддаи 139 қисми 3 банди «б» КҶ ҶТ. Бойгонии суди шаҳри Қӯрғонтеппа (соли 2007).
21. Парвандаичиноятии 1-88/2007 бо айбдории Рустам Ч. Бо моддаи 139 қисми 3 банди «б» КҶ ҶТ. Бойгонии суди ш. Турсунзода (2007).
22. Парвандаи чиноятии 2-7/2011 бо айбдории Ҳикматулло Ғ. Бо моддаи 138 қисми 2 банди «д» КҶ ҶТ. – Бойгонии прокуратураи н. Рӯдакӣ (2011).
23. Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Гулдаста К. бо моддаи 140 КҶ ҶТ. – Бойгонии суди шаҳри Ваҳдат (соли 2015).
24. Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Оламафрӯз А. бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои «а, в» КҶ ҶТ. – Бойгонии суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе (соли 2016).
25. Полный справочник сексопатолога. – М., 2006. – 576 с.
26. Рауфов, Ф.Х. Риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла марбут ба озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар ҷараени ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – № 5, 2014. – 128 с.
27. Ревин, В.П., Сафаров, Х.С. Уголовное право Республики Таджикистан. Особенная часть. Учебник. – Душанбе, 2011. – 400 с.
28. Садриддин Айнӣ. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1976. – 565 с.
29. Сущенко, Ю.К. Об ответственности за развращение несовершеннолетних по УК РСФСР. – Саратов, 1964.
30. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – 880 с.
31. Уголовный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики 1935 года. – Сталинабад, 1935. – 84 с.
32. Уголовный кодекс Узбекской Советской Социалистической Республики 1926 года (с изменениями и дополнениями на 1 апреля 1930 года). – Самарканд, 1930. – 99 с.
33. Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии. Интернет-ресурс: http://constitutions.ru/?p=5854.
34. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М., 1969. – 952 с.
35. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе, 2005. – 488 с.

36. Холиқов, А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2010. – 476 с.
37. Ҳазору як шаб. Китоби 1. – Душанбе, 1992. – 270 с.
38. Шарипов, Т.Ш., Насриддинов, М. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ // Давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2002. – № 1.
39. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 / Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба ҳуқуқи инсон (барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ). – Душанбе, 2006. – 482 с.
40. Яковлев, Я.М. Половые преступления. – Душанбе, 1969. – 452 с.

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН – ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ

## ИШТИРОКИ КӮДАКОН ДАР НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА

**Раҳмонзода Ш.К.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
E-mail: sherali.rk@gmail.com

**Бобохонов Ф.А.,**
донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ)
E-mail: farodil.faridunjon@gmail.com

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.10 – ҳуқуқи байналхалқӣ; ҳуқуқи аврупо

**Муқарриз:** Раҷабов М.Н., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

***Фишурда*:** Дар мақола мушкилоти иштироки кӯдакон дар муноқишаҳои мусаллаҳона, ҷалби онҳо ба қувваҳои мусаллаҳ ва вазифаҳои давлат, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, бо дарназардошти санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалӣ тавсия медиҳанд, ки синни 18 ҳамчун синну солии ягона дар қувваҳои мусаллаҳ ва низоъҳои мусаллаҳона эътироф карда шавад.

***Калидвожаҳо*:** ҳуқуқи инсон, муноқишаҳои мусаллаҳона, ҳуқуқи байналхалқӣ, хизмати ҳарбӣ.

## УЧАСТИЯ ДЕТЕЙ В ВООРУЖЕННЫХ КОНФЛИКТАХ

**Рахмонзода Ш.К.,**
ассистент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: sherali.rk@gmail.com

**Бобохонов Ф.А.,**
студент 4-го курса по специальнности международное право юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: farodil.faridunjon@gmail.com

**Научная специальность:** 12.00.10 – международное право; европейское право

**Рецензент:** Раджабов М.Н., кандидат юридических наук, доцент

**Аннатация:** в данной статьи рассматривается проблемы участия детей в вооруженных конфликтах, их привлечения в национальные вооруженные силы и обязанности государств в особенности Республики Таджикистана в этом направлении. Авторы, с учетом международных актов, законодательство РТ и международной практики предлагают установить 18 лет как единый возраст привлечения в национальный вооруженные силы и вооруженные конфликты.

**Ключевые слова:** Права человека, вооруженные конфликты, международное право, военная служба.

## PARTICIPATION OF CHILDREN IN ARMED CONFLICTS

**Rahmonzoda Sh.K.,**
Junior lecturer of the Department of International Law of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: sherali.rk@gmail.com

**Bobokhonov F.A.,**
student of 4th grade of International Law, Faculty of Law, Tajik National University
E-mail: farodil.faridunjon@gmail.com

**Scientific specialty:** 12.00.10 – international law; european law

**Reviewer:** Rajabov M.N., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

***Annotation:*** The article examines the problematic issues of participation of children in armed conflicts and engaging them in national armed forces, and obligation states particularly Republic of Tajikistan on this, matter. The authors offer the age of 18 as appropriate age for engaging citizens to armed forces in consideration with international agreements, national legislation and international practices.

***Key words*****:** Rights of Child, Armed Conflict, International Law, Military Service.

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи байналмилалии башардустӣ, ки ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар давраи низоъҳои муслаҳона ва давраи осоишта, ҳимояи қурбониёни ҷанг бахшида шудааст, масоили ҳимояи ҳуқуқи кудаконро низ аз назари худ дур намондааст. Зеро ки аз таърих ба ҳамагон маълум аст, ки кудакон ҳамеша зери таҳқиру шиканҷа ва мавриди поймолкунии ҳуқуқи инсон қарор мегирифтанд. Яке аз ин поймолкунии ҳуқуқи кудакон, ин ҷалби маҷбурии кудакон ба низоъҳои мусалаҳона мебошад. Бинобар ин, дар баробари дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ низ масоили ҳимояи ҳуқуқи кудаконро ҳангоми низоъҳои ҳарбӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳо зери омӯзиши худ қарор додааст. Далели ҳамаи ин гуфтаҳо бошад, ин санадҳои байналмилалӣ ҳам дар бахши ҳуқуқи инсон ва ҳам дар бахши ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ мебошанд.

Ба сифати санадҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи инсон, ки ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқи кудакон дар ҳолати рух додани низоъҳо ва ё дар ҳолати осоишта нигаронида шудаанд, инҳо пеш аз ҳама Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз соли 1966, Эъломияи СММ доир ба ҳуқуқи кудак аз соли 1959 ва Конвенсияи СММ доир ба ҳуқуқи кудак аз соли 1989 баромад менамоянд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шаванд [1, м. 4]. Ё ин ки дар ҷои дигар муқаррар намудааст, ки ҳеҷ кас набояд таҳти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи тарафи ӯ қарор дода шавад [1, м. 5]. Мазмуни меъёри якум дар он аст, ки ҳеҷ як инсон чи дар ҳолати осоишта бошад ва ё чи дар ҳолати низоъҳо набояд ба ғуломӣ ҷалб карда шавад ва ҳамчунин барои ҳеҷ коре хусусан, барои ҷалби кӯдакон ба низоъҳо ва ё

қувваҳои мусаллаҳи давлатӣ набояд маҷбуркунӣ истифода карда шавад. Ҳамчунин тибқи муқаррароти меъёри дуюм ҳеҷ кудаке набояд ба асирӣ гирифта шуда, зери ҷазои сахт ва азияту шиканҷа қарор дода шавад. Бояд қайд намуд, ки ин меъёрҳо айнан дар ҳамин шакл дар моддаҳои 7 ва 8-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ низ муқаррар карда шудаанд. Ғайр аз ин Паймони мазкур меъёри дигареро муқаррар менамояд, тибқи он ҳар як кӯдак, бидуни ягон навъ табъиз аз рӯи аломати нажодӣ, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ ё таваллуд ба чунин тадбирҳои ҳимоя ҳақ дорад, ки ба ӯ ҳамчун кӯдаки хурдсол аз тарафи оилаи вай, ҷамъият ва давлат заруранд [2, м. 24]. Яъне меъёри мазкур давлатҳоро уҳдадор менамояд, ки кудаконро новобаста аз шаклҳои табъиз зери ҳимояи махсуси худ қарор диҳанд, хусусан ба амалиётҳои ҷангӣ онҳоро ҷалб нанамоянд.

Яке аз санадҳои дигари байналмилалӣ, ки масоили иштироки кудаконро дар низоъҳои мусалаҳона муқаррар менамояд, ин Конвенсия доир ба ҳуқуқҳои кудак мебошад, ки аз 20 ноябри соли 1989 қабул карда шудааст. Конвенсияи мазкур, кудак гуфта, шахси то сини 18 соларо муқаррар намуда, истисноҳои қонунгузории давлатҳоро низ пешбинӣ намудааст.

Конвенсия доир ба ҳуқуқи кудак, ки ҳуқуқу озодиҳо ва дигар масъалаҳои муҳими кудакро ба танзим медарорад, аз масъалаи иштироки кудакон дар низоъҳои мусалаҳона ва ҷалби онҳо ба қувваҳои мусалаҳи давлатӣ барканор набуда, давлатҳои аъзои худро уҳдадор менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии гуманитариро, ки дар сурати низоъҳои мусаллаҳона нисбати онҳо истифода мешаванд ва ба кӯдакон низ дахл доранд, эҳтиром намуда, риояи онҳоро таъмин созанд. Давлатҳои аъзо бояд тамоми тадбирҳои имконпазирро андешанд, ки ба иштироки бевоситаи шахсони ба синни 15 нарасида дар амалиёти ҷангӣ роҳ надиҳанд. Онҳо бояд аз даъват кардани ҳар шахси ба синни 15 нарасида ба хизмат дар қувваҳои мусаллаҳи худ худдорӣ намоянд. Ҳангоме ки шахсони ба синни 15 расида, вале ҳанӯз ба синни 18 нарасида гирифтани аскари кироя ба вуҷуд меояд, таваҷҷӯҳи давлатҳои аъзо ба синни ҳарчи калонтар нигаронида шавад [3, м. 38].

Инчунин Конвенсияи мазкур, дар ҷои дигар муқаррар менамояд, ки давлатҳои аъзо тамоми тадбирҳоро меандешанд, то ки ба барқарорсозии ҷисмонӣ, психологӣ ва ҳамгироии иҷтимоии кӯдаке, ки аз ҳама гуна шаклҳои беэътиноӣ, истисмор ё суиистифода, шиканҷа ё дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ё низоъҳои мусаллаҳона ҷабр дидааст, мусоидат намоянд. Чунин барқарорсозӣ ва ҳамгироӣ дар шароите бояд сурат гирад, ки саломатӣ, эҳтироми шахсӣ ва шаъну шарафи кӯдакро таъмин намояд [3, м. 39]. Яъне, ҳама муқарраротҳои қайд шудаи Конвенсия гувоҳи онанд, ки давлатҳои иштирокчии он бояд ба меъёрҳои Конвенсия такя намуда, аз ҷалби кудакони то сини 15 солаи худ ба низоъҳои мусалаҳона ва қувваҳои мусалаҳи давлатӣ худдорӣ намоянд.

Яке аз санадҳои муҳими байналмилалӣ доир ба масъалаи мазкур ин Протоколи иловагӣ ба Конвенсия доир ба ҳуқуқи кудак аз 20 ноябри соли 1989 мебошад, ки ба масъалаи иштироки кудакон дар низоъҳои мусалаҳона таъалуқ дошта, аз 25 уми майи соли 2000 қабул карда шудааст. Протоколи мазкур дар қисмати аввали худ муқаррар менамояд, ки давлат-иштирокчӣ тамоми чораҳои заруриро барои таъмини он ки хизматчиёни ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳи онҳо, ки синни 18 соларо пур накардаанд, барои иштирок накардан дар амалиётҳои ҷангӣ қабул кунанд [4, м. 1]. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки ҳамаи давлатҳое, ки иштирокчии

Протоколи мазкур мебошанд, бояд тамоми чораҳоро андешанд, ки кудакони ба синни 18 нарасидаро ба қувваҳои мусалаҳи худ ҷалб нанмоянд. Меъёри мазкур, дар моддаҳи 2 ва 3-и Протоколи номбурда низ қайд карда шудааст. Ғайр аз ин Протоколи мазкур дар меъёри дигари худ қайд менамояд, ки шахсоне, ки ба сини 18 нарасидаанд, вале хоҳони ба қувваҳои мусалаҳ ворид шуданро доранд, ба онҳо дар асоси мавҷудияти шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:

а) чунин даъват ҳақиқатан бо хоҳиши худ бошад;

б) чунин даъват аз тарафи падару модар ё шахсони масъули даъватшаванда розигии ҳақиқи дошта бошад;

в) чунин шахсон оиди вазифаҳои худ, ки бо хизмати ҳарбӣ пайваста мешаванд, маълумот дода мешаванд;

г) чунин шахсон шаҳодатномаи ҳақиқиро, ки оиди синни вай то қабули хизмати ҳарбии Милли пешниҳод мекунанд [4, м. 3].

Яке аз меъёрҳои муҳими Протоколи мазкур ин аст, ки гуруҳҳои мусалаҳе, ки аз қувваҳои мусалаҳи давлатӣ фаъолияти хуб доранд, новобаста аз ин фаъолияташон, ба ҷалб ва иштироки шахсони ба сини 18-сола нарасида иҷозат намедиҳанд [4, м. 4].

Моҳи декабри соли 1995, 26-умин конфренсияи байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар баргузор гардид. Дар конфронси мазкур иштирокчиён якдидигарфаҳми намуда, ба мувофиқа омаданд, ки махсусан ба тарафҳои низоъ, ки дар ихтилоф қарор доранд, тамоми роҳҳои заруриро муҳайё менамоянд, то ки ба иштироки кудакони ба синни 18-сола нарасидаро дар амалиётҳои ҷангӣ роҳ надиҳанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ба ҷуз аз санадҳои байналмилалии номбурда, инчунин дар самти ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ низ санадҳои байналмилалие, қабул карда шудааст, ки масоили иштироки кудаконро дар низоъҳо муқаррар менамоянд. Муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ дар ин самт, ин чаҳор Конвенсияи Женева аз 12-уми августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагии он аз 8-уми июни соли 1977 мебошанд. Аз чаҳор Конвенсияи Женева, Конвенсияи чоруми он, ки ба ҳимояи аҳолии шаҳрвандӣ дар давраи ҷанг бахшида шудааст, масоили иштироки кудаконро дар низоъҳои ҳарбӣ дақиқ муқаррар менамояд. Конвенсияи мазкур давлатҳои иштирокчии худро уҳдадор менамояд, ки дар давраи осоишта ва пас аз оғози амалиёти ҳарбӣ, аз ҷониби ҳарду тараф, дар куҷое ки набошад, бояд бачаҳои то синни 15-соларо аз мусибатҳои ҷанг эмин нигоҳ доранд [5, м. 14].

Инчунин, Протоколи якуми иловагӣ ба Конвенсияҳои Женева аз 12-уми августӣ соли 1949, ки ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои муслаҳонаи байналмилалӣ дахл дорад ва аз 8-уми июни соли 1977 қабул карда шудааст, якчанд меъёрҳои худро ба масоили ҳимояи кудакон ҳангоми низоъҳо бахшидааст. Аз ҷумла, дар як меъёри худ муқаррар менамояд, ки кудакон сазовори эҳтироми махсус мебошанд ва аз ҳар намуди таарузи номуносиб бояд ҳимоя карда шаванд. Иштирокчиёни Протокол уҳдадоранд ки ба иштироки мустақими бачаҳои синашон ба 15-сола нарасида ба амалиётҳои ҷангӣ иҷозат надиҳанд ва ҳангоми иштироки шахсони аз 15 то 18-сола дар асоси хоҳиши онҳо кушиш намоянд, ки шахсони аз сину соли болотарро ҷалб намоянд [6, м. 77].

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро, ки ба масоили иштирок ва ҷалби кудакон ба низоъҳои ҳарбӣ ва ё Қувваҳои мусалаҳ дахл доранд эътироф намуда, дар қонунгузории худ мустаҳкам менамояд. Ин аст, ки Тоҷикистон ба чаҳор Конвенсияи Женева аз 12 августӣ соли 1949 имзо гузоштааст, ки аз 26-уми феврали соли 1993 мавриди амал қарор гирифтаанд.

Тоҷикистон инчунин ба Конвенсия доир ба ҳуқуқҳои кудак аз 20 ноябри соли 1989 низ соли 1993 имзо

гузоштааст, ки он аз 25 ноябри соли 1993 мавриди амал қарор гирифтааст. Протоколи иловагӣ ба он ки аз 25 майи соли 2000 қабул карда шудааст, Тоҷикистон 19 июни соли 2003 имзо гузошта, он аз 5 сентябри соли 2003 эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

Мутобиқи Конвенсия ва Протоколи номбурда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор аст, ки ба Комитет доир ба ҳуқуқи кудак маърӯза пешниҳод намояд. Маърӯзаи якум дар тули ду соли аввал пешниҳод гардида, боқи баъд аз ҳар 5-сола пешниҳод карда мешавад. Бинобар ин, Тоҷикистон дар маърӯзаҳои худ ба Комитет аз рафти иҷроиши меъёрҳои Конвенсия доир ба ҳуқуқи кудак маълумот доир ба вазъи ҳуқуқии кудак дар Чумҳурии Тоҷикистон манзур менамояд.

Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи ибайналмилалиро риоя намуда, ҳуқуқу озодиҳои кудаконро зери ҳимояи махсуси худ қарор додааст [7, м. 34], ки инро бевосита худи Конститутсия муқаррар менамояд. Ғайр аз ин, мутобиқи қисми 3 моддаи 10-и Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ мавқеи намоёнро ишғол намуда, дар ҳолате, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмиллаӣ мухолифат менамоянд, он гоҳ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал менамоянд. Бояд гуфт, ки новобаста аз ин меъёр, Тоҷикистон меъёрҳои санадҳои байналмилалии вобаста ба ҷалб ва иштироки кудакон ба низоъҳои мусалаҳ дахл доштаро дар қонунгузории миллии худ мустаҳкам намудааст. Далели бевоситаи ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» мебошад, ки аз 29 ноябри соли 2000 қабул карда шуда, масоили иштироки кудакон ва ҷалби онҳоро ба қувваҳои мусалаҳ мавриди танзим қарор додааст. Қонуни мазкур дар қисмати аввали худ қайд менамояд, ки шхсони ҷинси мард то 16-сола ва ҷинси зани то 18-сола аз ухдадориҳои ҳарбӣ озод мебошанд. Инчунин дар дигар меъёри қонуни мазкур қайд карда шудааст, ки шаҳрвандони синни аз 18 то 27 сола ба хизмати ҳарбӣ ба Қувваҳои мусалаҳ даъват карда мешаванд [8, м. 1,19].

Вобаста ба даъват ба хизмати ҳарбӣ, сафарбарномоии кудакон ба ҷанг ва таълими ҳатмии ҳарбии онҳо Қонуни мазкур сину соли аз 16 то 55 барои мардҳо ва барои занҳо сину соли аз 18 то 45-ро муқаррар менамояд [8, м. 28]. Бояд гуфт, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ухдадории умумии ҳарбӣ ва химзмати ҳарбӣ» сину соли шахсони ихтиёрӣ ба сафи қувваҳои мусалаҳи давлатӣ ҷалбшавандаро аз 18 то 40 барои мардҳо ва аз 20 то 40 барои занҳо муқаррар намудааст.

Ғайр аз қонуни номбурда, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», ки 28-уми феврали соли 2004 қабул карда шудааст, муқаррар менамояд, ки ҳатто ба нерӯҳои ғайриҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бартарафнамоии вазъияти фавқулода метавонанд ҷалб карда шаванд, танҳо шахсони синни аз 18-сола боло ҷалб карда мешаванд [9, м. 18].

Ҳамин тариқ, аз муқарраротҳои боло бармеояд, ки кудакон ҳамчун категорияи ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ зери ҳимояи махсуси ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошта, кафолатдиҳандаи он бошад, тамоми низоми санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ ба ҳисоб мераванд. Чи тавре ки маълум гардид санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ давлатҳоро ухдадор менамоянд, ки ба масъалаи иштироки кудакон дар низоҳо ва ҷалби онҳо ба қувваҳои мусалаҳ диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд ва муқарраротҳои санадҳои байналмилалиро вобаста ба сину соли ҷалби кудакон ва иштироки онҳо зери роҳбарии худ қарор диҳанд.

**Адабиёт:**


1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 10 декабри соли 1948 // Махзани электронӣ.
2. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 // Махзани электронӣ.
3. Конвенсияи оид ба ҳуқуқи кудак аз 20 ноябри соли 1989 // Махзани электронӣ.
4. Протоколи иловагӣ ба Конвенсия доир ба ҳуқуқи кудак аз 20 ноябри соли 1989, оид ба иштироки кудакон дар низоъҳои мусалаҳона аз 25 майи соли 2000 // Махзани электронӣ.
5. Конвенсияи Женева (Конвенсияи 4) доир ба аҳолии мулкӣ дар замони ҷанг аз 12 августӣ соли 1949 // Махзани электронӣ.
6. Протоколи иловагӣ (Протоколи 1) ба конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949, оид ба низоъҳои мусалаҳи байналмилалӣ аз 8 июни соли 1977 //Махзани электронӣ.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 // Махзани электронӣ.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000 // Махзани электронӣ.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ», аз 28 феврали соли 2004 // Махзани электронӣ.

## НАҚШИ САНАДҲОИҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАЪМИНИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ МАРДОНУ ЗАНОН ДАР ҶОМЕА

**Бухориева С.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: bsafargul@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Диноршоев А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Фишурда.*** Дар мақолаи мазкур сухан оид ба нақш ва вазъи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон, инчунин оид ба нақши онҳо дар таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон дар ҷомеа меравад.

***Калидвожаҳо:*** санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, давлат, қонун, баробарҳуқуқӣ, қонунгузорӣ.

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПРАВОВЫЕ АКТЫ И ИХ РОЛЬ В СФЕРЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РАВНОПРАВИЯ МУЖЧИН И ЖЕНЩИН В ОБЩЕСТВЕ

**Бухориева С.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: bsafargul@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Сафарзода Б.А. доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Диноршоев А.М., доктор юридических наук, профессор

***Аннотация.*** В данной статье речь идет о роли и статусе международных правовых актов в области прав человека, а также в обеспечении равноправия мужчин и женщин в обществе.

***Ключевые слова:*** международные правовые акты, права человека, государство, закон, равноправие, законодательство.

## INTERNATIONAL LEGAL ACTS AND THEIR ROLE IN ENSURING THE EQUALITY OF MEN AND WOMEN IN SOCIETY

**Bukhorieva Safargul,**
Applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: bsafargul@mail.ru

**Scientific Specialty**: 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor**: Safarzoda B.A., Doctor of legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Dinorshoev A.M., Doctor of legal Sciences, Professor.

***Annotation.*** This article deals with the role and status of international legal acts in the field of human rights, as well as in ensuring the equality of men and women in society.
***Keywords:*** International Legal Acts, Human Rights, State, Law, Equality, Legislation.

Ҷомеа ҳамчун ҷузъи комилу муташаккил дорои хусусиятҳои хосест, ки низоми муносибатҳои мавҷударо дар он ба танзим медароранд. Аз ин нуқтаи назар тамоми ҳодисоту зуҳуроти дар он ба амалоянда дорои қонуниятҳо ва раванди иҷроиши онҳо низ ба қонуниятҳои муайян тобеъ мебошад. Дар ин марҳилаҳо маҳз давлат қодир аст, ки дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳонишавӣ ҷомеаи худро бо дарназардошти риояи ҳуқуқи инсон идора намояд.

Вобаста ба хислати муҳим пайдо намудани ҳуқуқи инсон, ки таъмини баробарҳуқуқӣ низ ҷузъи дахлнопазири он маҳсуб меёбад, масъалаи мубрами ҷомеаи муосир боқӣ мемонад. Бо ин мақсад ҷиҳати риояи ҳуқуқи инсон ва таъмини баробарҳуқуқӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дар Эъломияи ҳазорсолаи СММ, ки Қатъномаҳои 55/2 Асамблеяи генералии СММ қабул гардидааст, вобаста ба баробарҳуқуқӣ чунин гуфта шудааст: «Бояд баробарҳуқуқӣ ва имконияти баробари мардон ва занон кафолат дода шавад.» [5, с. 185]. Аз ин бар меояд, ки меъёрҳои андешидашудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти баробарҳуқуқӣ татбиқи ҳамаҷонибаи худро тақозо дорад.

Дар хусусе, ки масъалаи мазкур дар таввачуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, танҳо дар доираи қонунгузории миллӣ инъикоси ҳифзи ҳуқуқи инсон ғайри имкон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлолият ва иқдом намудан дар роҳи барпо намудани давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пешбарии рушди баробар ва одилона таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, майли худро ҷиҳати таъминоти комили воқеии ҳуқуқи инсон изҳор намуд.

Назари созандаи худро маҳз дар Конститутсия ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ иброз намуда, баробарҳуқуқиро дар ҷомеа эътироф кард. Ҳамчун узви мустақил ва комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди муносибатҳои мутақобилаи байнидавлатӣ нисбати санадҳои байналмилалӣ дар канор набуда, мавқеи мушаххаси худро дар ин самт баён намуд.

Ҳанӯз аз соли 1993 бо дарки масъулият ва бо мақсади таъмини баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа Тоҷикистон узви Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон гардид [6, с.7]. Дар баробари ин, Эъломияи Пекин ва барномаи амали онро соли 1995 қабул гардидааст, эътироф намуд. Эътирофи санадҳои мазкур дар кишвари мо замина ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи қонунгузории байналмилалӣ гардида, зарурати таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллиро дар самти мазкур ба миён овард.

Вобаста ба ин, олимони ватанӣ Динориоев А.М., Сафарзода Б.А. қайд менамоянд: ки «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи асосии амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ин эътирофи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳамчун асоси ташаккули қонунгузории миллӣ мебошад» [1, с. 10].

Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои қонунгузории миллиро бо дар назардошти стандартҳои байналмилалӣ

таҳия намуда, пеш аз ҳама ҳангоми таҳияи Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ эътибор ва аҳамияти хоса зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, дар қисми 3 моддаи 10 Конститутсия муқаррар шудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд [2]. Ин гувоҳ аз он аст, ки дар ҷомеаи мо ба меъёрҳои байналмилалӣ афзалият дода шуда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷомеаи моро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, таъмини баробарҳуқуқии мардону занон ва муҳимияти амалишавии ҳуқуқи ҳар шахс дар ҷомеа дар моддаи 17 Конститутсия инъикоси худро ёфта, дарҷ гардидааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат нажод, ҷинс забон ва эътиқоти динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Занон ва мардон баробарҳуқуқанд [2]. Маҳз дар радифи ин принсипи конститусионӣ, мавзӯи баробарҳуқуқии мардон ва занон, мафҳуми назария ва амалии худро дар ҷомеа соҳиб гардид.

Худи ҷомеа дарк намуд, ки имконияти мусоид ҷиҳати рушди баробарии мардон ва занон дар тамоми соҳаҳо фароҳам оварда шуда, хусусияти муҳимро касб намуд.

Узвияти кишвар боз дар як қатор аҳдномаву конвенсияҳо «Дар бораи ҳифзи модарӣ», «Дар бораи ҳуқуқҳои занони шавҳардор», Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии занон» Конвесия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Паймони байналхалқии оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Инчунин, протоколи факултативӣ Конвенсияи паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои байналмилалии мухталиф, ки инъикоси меъёрҳои онҳо дар қонунгузории миллӣ ва риояи он дар ҷомеаи мо аз аҳамияти хоса ва манзалати олии ҳуқуқи инсон шаҳодат медиҳад.

Дар ин хусус, номзади илмҳои ҳуқуқ, мутахассиси соҳаи мазкур Раҳмон Озода Эмомалӣ қайд менамояд: «Таҳаввулоти иқтисодӣ ва падидаҳои ҷамъиятии дар кишвар рухдода боиси ба вуқӯъ омадани тағийротҳои амиқ қабл аз ҳама дар мақоми зан гаштанд. Дар робита ба ин, масъалаи таъмини ҳимояи ҳуқуқи зан ва дарёфти равишҳои нав ба ҳалли амалии мушкилоти мақоми ҳуқуқии зан бо назардошти вазъи кунунӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии мо мебошад.» [4, с. 93-94].

Дар ҳақиқат, қонунгузорӣ дар ҳама соҳаҳо бахуссус дар самти имкониятҳои баробари мардон ва занон дар ҷомеа инъикоси сифатан нави худро ёфт. Меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ замина ҷиҳати равона намудани таъминоти ҳимояи ҳуқуқи инсон, эҷоди имконияти баробари ҳуқуқӣ ва тақвияти нақш ва ташаккули ҷойҳои он дар ҷомеаи муосир гардид.

Муҳаққик Лукашук И.И. қайд менамояд, ки «ҳуқуқи байналхалқӣ вобаста ба меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи инсон равона гардидааст ва ин меъёрҳо ва принсипҳо бояд дар қонунгузории миллӣ вазъи мутобиқ дошта бошанд» [3, с. 1].

Бо мақсади таъмини самараноку сифатнок ва муайян намудани сиёсати дарозмуддати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробар як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим дар сатҳи қонунгузории миллӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2011-2020», «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» ва «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон ва ҷавондухтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022», таҳия ва қабул гардиданд, ки иҷроиши онҳо раванд далели гуфтаҳои болост.

Дар ин раванд ҷомеаи шаҳрвандӣ низ фаъол буда, вобаста ба иштироки баробари мардон ва занон дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеа, татбиқи нақшаи миллии амалҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳо дар самти ҳуқуқи инсон ва таъмини баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа, ки доираи узвияти Тоҷикистон ба санадҳои байналмилалӣ дасдиқ гардидаанд, саҳмгузор мебошанд, ки ин ҳам аз рушд ва такомули қонунгузории миллӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз вусъати чораҳои андешидашудаи дар ин самт буд, ки соли 2014 Тоҷикистон дар СММ аъзои Комиссияи оид ба ҳуқуқи зан гардид.

Дар амал аз ҳадафҳои пайгиронаи Тоҷикистон дар доираи узвияти худ фазои эътимоди комили дурнамо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, омодагӣ ва ҳавасмандии худро ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани вазои мусоид оид ба иштироки баробари мардон ва занон вогузор менамояд.

Чунки, ки новобаста ба танзими муносибатҳо дар ин самт ва чораҳои андешидашуда оид ба рафъи ҳуқуқпоймолкунӣ иқрор мешавем, ки то ҳол камбудиҳо ҷиҳати риояи муқарраротҳои қонунгузорӣ ҷой доранд.

Бештар занон дар амал аз ҳуқуқҳои дар қонунгузорӣ дарҷ гардидаи худ дар сатҳи зарӯрӣ истифода карда наметавонанд, зеро дар баъзе минтақаҳо қолабҳое ҷой доранд, ки монеаи иштироки фаъоли онҳо дар идоракунии давлатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Зимнан, бо мақсади дарк намудани вазъи ҷомеаи муосир, шаклҳои нави муносибати байни давлат ва инсон инчунин, равандҳои инкишофи ҳуқуқӣ тақозои онро дорад, ки ин масоил дар асоси таҳқиқоти қиёсӣ-ҳуқуқӣ пайваста ва асоснок мавриди омӯзиш қарор дода шавад, то ин ки механизми нави татбиқи баробарҳуқуқии мардону занон дар ҷомеа эъҷод ва коркард карда шаванд.

Зеро, баробарҳуқуқӣ яке аз ҷузъи муҳими ҳукук ба шумор рафта, василаи муҳими аҳамият ва арзёбии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ҷомеа низ ин ҳалли масоили тавсияҳо ва ҳаҷми зарурати дарёфти роҳҳои нави ҳаётан муҳим ҷиҳати ҳифз ва тақвияти ҳуқуқҳои инсон ва таъмини иштироки баробари мардон ва занон дар ҷомеа маҳсуб мeёбад

**Адабиёт:**


1. Диноршоев А.М., Сафарзода Б.А. Государственно-правовая политика в области прав человека: проблемы формирования и основные направления в Республике Таджикистан // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 3 (03).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
3. Лукашук И.И. Международное право. Особенная часть. – М., 2010.
4. Раҳмон Озода Эмомалӣ. Саҳми занон дар рушди илм (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, саҳми занон дар рушди илм). – Душанбе, 25.06.2014с.
5. Действующее международное право. Документы в 2-х т. / Тартибдиҳандагон Колосов Ю.М., Э.Д. Кривчикова. – М., 2008.
6. Таджикистан на пути к гендерному равенству (Сборник документов). – Душанбе, 2006.

# НАҚШИ ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР ДАР ТАҲКИМИ ҲУҚУҚИ КӮДАК

**Абдулхайрзода Ҷ.,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: abdulkhayrzoda@mail.ru

**Научная специальность**: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ**: Сафарзода Б.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Рецензент:** Саидов И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

***Фишурда.*** Дар мақола нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар таҳкими ҳуқуқи кӯдак таҳлил шудааст. Муаллиф моддаҳои дахлдори Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро, ки ба кӯдакон дахл мансубанд, мавриди пажӯҳиш қарор додааст.
***Калидвожаҳо:*** Ҳуқуқи инсон, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, кӯдак, СММ, инсон.

# РОЛЬ ВСЕОБЩЕЙ ДЕКЛАРАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В УКРЕПЛЕНИИ ПРАВ РЕБЁНКА

**Абдулхайрзода Дж.,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: abdulkhayrzoda@mail.ru

**Научная специальность**: 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель**: Сафарзода Б.А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саидов И., кандидат юридических наук

***Аннотация.*** В данной статье речь идет о роли Всеобщей декларации прав человека в укреплении прав ребенка. Автор анализирует отдельную статью Всеобщей декларации прав человека, связанную с правами ребенка.
***Ключевые слова*:** права человека, Всеобщая декларация прав человека, ребенок, ООН, человек.

# THE ROLE OF THE UNIVERSAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS IN THE STRENGTHENING THE RIGHTS OF THE CHILD

**Abdulkhayrzoda J.,**
Postgraduate Student of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: abdulkhayrzoda@mail.ru

**Scientific Specialty**: 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor**: Safarzoda B.A., Doctor of legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Saidov I., Candidate of legal Sciences, Professor

***Annotation.*** The point of this article is about the role of the Universal declaration of human rights in the strengthening of the rights of the child. The author analyzes the separate article of the Universal declaration of human rights related with the right of a child.
***Keywords:*** Human Rights, Universal Declaration of Human Rights, Child, UNS, Human.

Дар таърихи инсоният санадҳои зиеди ҳифзкунандаву танзимкунандаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, Қонунҳои Хаммурапӣ, Қонунҳои Ману, Қонунҳои Фуҳӣ, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва дигар аснод ҳамчун сарчашмаҳои гаронбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ арзи вуҷуд доштаанд, ки зикри онҳо дар адабиёти таҳқиқии русӣ камтар ба чашм мерасанд. Таърих дақиқан ёд надорад, ки қонун ва ё шоҳиде, ки бори аввал масъалаи ҳуқуқи инсонро матраҳ карда бошад, мутааллиқ ба кадом даврони бостон аст. Аммо яҳудиён чунин мепиндоранд, ки ин амр тавассути қонунҳои Мӯсо сурат гирифтааст. Бар хилофи онҳо бобулиҳо дар ин хусус аз шоҳаншоҳи номварашон Хаммурапӣ, мисриён аз Трисмегист, афинагиён аз Секропсу Солон, аргивяниҳо аз Фороней, критиҳо аз Миносу Радаманта, лакедемонияниҳо аз Ликург, форсиён аз Зардушт ёд мекунанд [8].

Дар ҳар сурат касе, ки набошад, ӯ барои башар хидмати бузургеро барои инсоният анҷом додааст, зеро аз он рӯзе, ки андешаи «зӯр нозӯрро наозорад, сағирону ятимон ва бевагон аз адолат бениёз набошанд, пиеда намудани ҳақ ба манзури дар тахти адолат қарор додани озордидагон, муҳайё сохтани хайру эҳсони абадӣ» [9, 98-101] ва ё «қонунҳоро ҳам барои авом ва ҳам барои аъён яксон навиштам» вориди ҳаети рӯзмарра гардид, аз ҳамон рӯз ба ин сӯ масъалаи таъмини ҳуқуқи инсон низ рӯ ба ҳастӣ ниҳод. Дар миёни ҳама аснoди даврони бостон, ки ҷанбаҳои мухталифи ҳуқуқи инсонро тахти танзим қарор медоданд, нақш ва мавқеи Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, [2, 7, 8, 9] ки дар қарни панҷуми қабл аз мелод, пас аз фатҳи Бобул содир карда буд, хеле боарзиш аст. Тибқи андешаи баъзе аз мутахассисони таърихи ҳуқуқ санади мазкур ба сифати нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст [6, с. 116-120].

Дар замони нав ва навтарин санадҳои ҳуқуқии дигар низ мавҷуд буданд, ба монанди Петитсия оид ба ҳуқуқ соли 1628, Эъломия оид ба соҳибихтиерии ШМА соли 1776, Эъломия оиди ҳуқуқи Вирҷиния соли 1776, Конститутсия ШМА соли 1787, Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии Фаронса соли 1789, Билл оид ба ҳуқуқи америкоӣ соли 1791, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ мустаҳкам гардонида буданд. Мутаассифона аснoди мазкур танҳо мутааллиқ ба халқу миллатҳои кишварҳои алоҳида буданд ва хусусияти умумибашарию инсон-меҳварӣ барои онҳо бегона буд. Мисол, Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандии Фаронса соли 1789 ва Билл оид ба ҳуқуқи америкоӣ соли 1791 ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро танҳо барои фаронсавиҳо ва америкоиҳо кафолат дода буданд. Ду санади ҳуқуқиеро мисол овардем, ки дар онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсон ва арзиши воло доштани инсон ба маънои том шакл нагирифта буданд, аммо меъерҳо, принсипҳо ва қоидаҳоеро дар бар мегирифтанд, ки барои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар заминаи ҳуқуқӣ

гузоштанд. Баъзе аз муҳаққиқон дар байни санадҳои номбаршуда Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронсаро (соли 1789) ном мебаранд, ки мавқеи махсусро дорад [4, с. 3-8]. Дар он дуруст ва мантиқан мундариҷаи ҳуқуқи инсон, арзиши шахсияти инсонӣ, муайян намудани нақши давлат дар мустаҳкамкунии вазъи инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ кушода дода шудааст.

Аз ҷанги дуюми ҷаҳон (солҳои 1939-1945) инсоният дарси сабақ омӯхта, ба хулосае омаданд, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои одамони курраи Замин созмоне таъсис дода шавад то инсониятро аз нестшавӣ ҳимоя намояд.

Ҳамин тавр, 26 июни соли 1945 бо узвияти 50 давлати ҷаҳон Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расида, 24 октябри ҳамон сол расмият пайдо намуд. Имрӯз СММ бонуфузтарин созмони байналмилалист, ки аз 185 давлати аъзо иборат аст. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар яке аз санадҳои байналмилалии меҳварии СММ маҳсуб ефта, он бо Қатъномаи Маҷмаи умумии Ассамблеяи генералии СММ аз 10 декабри соли 1948 дар Париж қабул гардида, шомили 30 модда аст.

Эъломия – ин тавсиянома аст, қувваи ҳатмӣ надорад. Эъломия қонун нест, вай аз уҳдадориҳои юридикӣ иборат нест. Дар Эъломия санксия барои вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳо вуҷуд надорад. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар хислати бунёдӣ дорад ва ба шартномаву созишномаҳои байналхалқӣ иртибот намегирад. Матни Эъломия аз аҳкому усулҳои бунёдӣ, муқарарот, тавсияномаҳо, тавсияҳои ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсону шаҳрванд иборат аст, ки барои имрӯзу фардои инсоният хеле зарурист. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар диққати асосӣ ба эътирофи шаъну шарафи шахс, доштани ҳуқуқҳои баробар, озодӣ, адолат ва сулҳ дар ҷаҳон равона гардида, ҷиҳати нақзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон давлатҳои аъзоро ҳушдор дода, озодии сухан, виҷдон ва эътиқодро эътироф намудааст. Дар он зикр гардидааст, ки ҳуқуқҳои инсон бояд аз ҷониби давлатҳо ҳимоя шаванд ва онҳо аз зулму ситам ва муносибатҳои норавою ғайриинсонӣ эмин бошанд. Ин санади ҳуқуқӣ дар эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши ҳалкунанда бозида, ҷиҳати инкишофи муносибати дӯстонаи халқиятҳо замина фароҳам оварда, шаъну шараф ва қадру қимати инсонро новобаста аз миллат, нажод, забон, маҳал ва дигар умумиятҳои этникӣ арзиши олӣ дониста, ҷиҳати беҳбуд бахшидани инсон ба зиндагии арзанда давлатҳои узви эъломияро ба ҳамкорӣ даъват намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар асоси Эъломия ду паймон барои аъзоени СММ қабул гардид: а) Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиесӣ; б) Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Соли 1950 СММ қарор қабул кард, ки рӯзи қабули Эъломия ҳамчун рӯзи ҳуқуқи инсон дониста шавад. Ҳар сол 10 декабр ҳамчун рӯзи ҳуқуқи инсон ҷашн гирифта мешавад.

Дар моддаи 1-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд гардидааст, ки тамоми одамон озод ва аз лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар ба дуне меоянд. Онҳо соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд. Мутобиқи моддаи 4-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳеҷ кас набояд мавриди ғуломӣ ё ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шавад. Ғуломӣ ва ғуломфурӯшӣ дар ҳамаи навъҳои он манъ аст. Дар моддаи 25 ва 26 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сухан дар бораи ҳуқуқ ва мафиатҳои кӯдак меравад. Дар моддаи 25-и Эъломияи умумииҳуқуқи башар қайд гардидааст, ки модарону кӯдакон ба васоят ва кӯмаки махсус ҳақ доранд. Ҳамаи кӯдаконе, ки дар ақди никоҳ ва берун аз он таваллуд шуданд, бояд аз ҳимояи иҷтимоии баробар истифода намоянд. Илова бар ин, дар қисми 3-и моддаи 26-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд гардидааст, ки волидайн

дар бобати интихоби нави таълим барои фарзандони хурдсол ҳаққи аввалия доранд.

Дар Эъломия меъёрҳо ва қоидаҳое вуҷуд доранд, ки дигар давлатҳо онҳоро метавонанд дар қонунгузории худ истифода баранд. Тақрибан 90 Конститутсияи давлатҳои ҷаҳон пас аз соли 1948 аз тавсияҳои бунедии асосҳои ҳуқуқи инсони Эъломия истифода бурдаанд. Дар бистсолаи охир бисере аз давлатҳо дар роҳи демократисозии ҷомеа дар конститутсияи худ ҳуқуқҳои инсонро мустаҳкам намудаанд. Мисол, боби II Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» бахшида шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардид, ки он ҳамчун қонуни асосии кишвар муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад. Дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [1, 2, 3].

Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар таҳкими ҳуқуқи кӯдак яке аз мавзӯъҳои мубрами ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад. Зеро кӯдакон категорияи ниёзманди иҷтимоии аҳолианд, онҳо аз нигоҳи ҷисмонӣ ва руҳӣ ҳанӯз омода нестанд. Чӣ тавре, ки дар қисми 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: «Волидон дар бобати интихоби навъи таълим барои фарзандони хурдсол ҳаққи аввалият доранд. Ин маънои онро дорад, ки волидайн ба ҳимояву ғамхории кӯдак масъул аст. Ғайр аз ин кӯдак таҷрибаи ҳаётӣ надорад ва амалҳои худро дарк карда е ба вазъият назорат бурда наметавонад, ҳамчунин ба амалҳояш масъулияти пурра ба зимма надорад [11].

Ҳамин тариқ, дар арсаи байналмилалӣ дар ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак накш ва мавқеи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар хеле калон аст. Тибқи Эъломияи мазкур ҳуқуқи кӯдакин ҳуқуқи озодиҳое аст, ки бояд ҳар кӯдак новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, баромади миллӣ ва иҷтимоӣаз он баҳраманд бошанд. Таърифи ҳуқуқи кӯдак мантиқан аз ақидаҳои асосии Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон манша мегирад [3]. Дар моддаи 25 ва 26 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сухан дар бораи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак меравад. Илова бар ин дар қисми 3-и моддаи 26-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар қайд гардидааст, ки волидайн дар бобати интихоби нави таълим барои фарзандони хурдсол ҳаққи аввалия доранд. Мақомоти мухталифи СММ ва инчунин давлатҳои алоҳида кӯшиш менамоянд, ки таркиби Эъломияи мазкур дар қонунгузории миллӣдар мамлакатҳои алоҳида амал менамояд [10].

Ғояҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бевосита ба арзишҳои умумиинсонӣ дахл дорад.Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар қатори ҳуқуқи кӯдак вазъи ҳуқуқии оиларо низ муайян намудааст. Чунончӣ, мутобиқи қисми 3-и моддаи 16-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият буда, ба ҳимояи ҷамъиятӣ ва давлат ҳақ дорад» [2].

Оре, оила асоси хушбахтии кӯдак аст. Оиларо дарахт ва меваҳои онро фарзанд (кӯдак) хондаанд. Агар дарахт солим бошад меваҳои шаҳдбор ҳосил медиҳад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки оила ва кӯдак ба ғамхории давлат ниёз дорад ва давлат онро ҳимоя мекунад.

**Адабиет:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. - аз 10 декабри соли 1948.

3. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А., Сафаров, Д.С. Ҳуқуқи инсон. Воситаи таълимию методӣ. – Душанбе, 2010. – 344 с.
4. Павлова, Л.В. Современная концепция прав и свобод человека и ее трактовка Всеобщей декларацией прав человека 1948 г. // Белорусский журнал международного права и международных отношений. – 1998. – № 5. – С. 3-8.
5. Матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир // Маҷаллаи фарҳанги Ориено.– Душанбе, 2000. – № 7, 8, 9.
6. Солеҳ, П.А. Саргузашти қонун. Мубоҳиса аз таърихи ҳуқуқ // Дурнамое аз рӯзгорони пешин то имрӯз. – Теҳрон, 1348. – С. 116-120.
7. Gobineau, C. De Histoire-des Perses. V/ 1/ Paris/ 1869/ P/ 343-438.
8. Ҳамидов, Х. Ҳуқуқи башар: Пайванди дирӯз бо замони мо. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир // Такомули қонуни асосии Тоҷикистони муосир. – Душанбе: Қонуният, 2005. – 192 с.
9. Крашенинникова, Н.А. История права Востока: курс лекций. – М., 1994. – С. 98-101.
10. Зиёзода, Т.Н., Ҷононов, С., Кунтувдий, Н.А., Ашуралиев, М.И., Давлатов, Ф.Ш., Солиев, Б.Х., Солиев, Ш.Х. Шаҳрвандшиносӣ. Дастури таълимию методӣ барои таълимгоҳҳои олии касбӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 432 с.
11. Зиёзода, Т.Н., Багаутдинова, Ф., Исмоилов, Лутфонов, Г., Муродова, Н., Павленко, Е., Салихова, Р., Шаснович, И. Ҳуқуқи инсон. Дастури таълимию методӣ барои омӯзгорон: синфи 11. – Душанбе: Контраст, 2014. – 504 с.

# ТАТБИҚИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАЪМИНИ АДОЛАТИ СУДӢ

**Асрорзода Зуҳуриддин,**
сардори раёсати таъмини ташкили кори судҳо, ҷамъбасти амалияи судӣ, омори судӣ ва арзу шикоятҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи якум
E-mail: Asrorzoda.Z@mail.ru

***Фишурда:*** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрамӣ татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таъмини адолати судӣ таҳлил шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур дар сандҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилӣ оид ба татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таъмини адолати судӣ баъзе мушкилотҳо ошкор карда шудааст, ҳамзамон аз ҷониби муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳодҳои судманди илмӣ ва амалӣ манзур шудааст.

***Калидвожаҳо:*** адолати судӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, сандҳо, принсипҳои байналмилалӣ, санадҳои судӣ, фармон, ҳалнома, таъинот, ҳукм, қарор.

# ПРЕМЕНЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ АКТОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ СУДЕБНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ

**Асрорзода Зухуриддин,**
начальник управления организационног обеспечения деятельности судов, обобщения судебной практики, статистики, жалоб и заявлений Высшего экономического суда Республики Таджикистан, советник юстиции первого класса
E-mail:Asrorzoda.Z@mail.ru

***Аннотация.*** В этой статье анализируются практические вопросы реализации международно-правовых документов по обеспечению правосудия. При рассмотрении этого вопроса были выявлены некоторые проблемы в применении международно-правовых актов для осуществления правосудия, и в то же время автором предоставлены необходимые научные и практические предложения по устранению выявленных недостатков.

***Ключевые слова*:** правосудие, международное право, кодексы, международные принципы, судебное разбирательство, указ, декрет, назначение, приговор, решение.

# THE APPLICATION OF INTERNATIONAL LEGAL ACTS IN THE SUPPLY OF JUDICIAL JUSTICE

**Asrorzoda Zuhuriddin,**
Head of Department for the Organization of Judicial Works, the Conclusion of Judicial Proceedings, Judicial Statistics and Appeals of the High Economic Court of the Republic of Tajikistan
E-mail: Asrorzoda.Z@mail.ru

***Annotation.*** This article analyzes practical issues of realization of international legal documents on ensuring justice. In considering this issue, some problems were identified in the appli-

cation of international legal acts for the administration the justice, and at the same time the necessary scientific and practical proposals for the elimination of disadvantages was provided by author.

***Keywords:*** Justice, International Law, Codes, International Principles, Judicial Proceedings, Decree, Decree, Appointment, Verdict, Decision.

Давлати ҳуқуқбунёд ба маънии васеъ давлатест, ки дар он ҳуқуқ ҳукмрон аст. Ба ҷумлаи нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд волоияти қонун, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҷзияи ҳокимият ва мустақилияти ҳокимияти судӣ дохил аст. Дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни асосиву мустақил ва мутаносибан ба дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ баробар эътироф карда шудааст.

Тазакур бояд дод, ки бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд (қ. 3 ва 4 м. 10). Инчунин ба ин монанд муқаррарот дар заминаи конститутсия дар моддаҳои 9, 10 ва 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти аҳамияти бузурги нақши ҳокимияти судӣ дар кори мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, дар давраи баъд аз ба даст овардани истиқлолият ба фаъолияти ҳокимияти судӣ диққати махсус медиҳанд. Дар ин бора он далел шаҳодат медиҳад, ки дар давоми солҳои охир аз ҷониби Президенти мамлакат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ силсилаи санадҳое ба тасвиб расиданд, ки онҳо ба мустаҳкам намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ нигаронида шудаанд.

Ҳокимияти судӣ вобаста ба таъмини адолати судӣ, ки аз Конститутсияи ҶТ бармеояд, волоияти қонун ва таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, дар ҷомеа нақш ва мавқеи хосса дорад. Тоҷикистони соҳибихтиёр имрӯз дар марҳилаи таърихии инкишофи худ қарор дорад. Ин давра талаб мекунад, ки рушду нумӯи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар шароити нав таъмин шавад. Дар ин иртибот муносибатҳои нави ҷамъиятӣ пеш аз ҳама ба танзими қонунӣ ва кафолати ҳифзи судӣ эҳтиёҷ доранд. Таҳкими кафолати ҳифзи судии муносибатҳои ҷамъиятӣ рушду такомули онҳоро таъмин намуда, барои инкишофи пешравии ҷомеа муҳим ва зарур мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат ва ҷамъият санадҳои дар баробари қонунгузории миллӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон низ нақши бориз доранд.

Таъмини пурраи адолати судӣ аз иҷрои санадҳои қабулгардида вобастагии калон дошта, дар ин замина Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2016 чунин қайд карда буданд «Бояд зикр кард, ки дар таъмини адолати судӣ иҷрои қарорҳои судӣ нақши муҳим дорад. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан қарорҳои судӣ муҳлатҳои зиёд ба иҷро расонида намешаванд».

Аз ин лиҳоз, Президенти мамлакат барои бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта бобати иҷрои санадҳои судӣ ба Вазорати адлия, Суди Олӣ, Су-

ди Олии иқтисодӣ ва Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки бо дарназардошти таҷрибаи пешқадам механизми самараноки таъмини иҷрои қарорҳои судӣ ва чораҳоро ҷиҳати таъмини фаъолияти иҷрочиёни суд таҳия ва пешниҳод намоянд.

Бо вуҷуди дар таъмини адолати судӣ нақши бориз доштани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳанӯз мушкилотҳо бобати таъмини иҷрои санадҳои судӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҷой дошта, бартараф кардани онҳо ва коркарди механизими дурусти иҷрои санадҳои судӣ мувофиқи мақсад ва ба манфиати татбиқи ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Ҳукуқ ба ҳимояи судӣ ва ҳуқуқи дастрасии суд дар чандин санадҳои байналмилалӣ, аз қабили б. 1, м. 47 Хартияи иттифоқи Аврупо дар хусуси ҳуқуқҳои асосӣ аз соли 2000; б. 1, м. 14 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои граждании ва сиёсӣ; м. 8 ва 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва ғ. пешбинӣ шудааст. Масъалаи мазкур дар назария ва амалияи аксари давлатҳои ҷаҳон баҳснок мебошад. Ҷанбаҳои зерини ҳалли ин масъала нишон дода мешавад:

- ташкили теъдоди кофии судҳо ва судяҳо (вобаста ба шумораи парвандаҳо, ҳудуд ва шумораи аҳолӣ);
- соддакунии тартиботи баррасии парвандаҳо;
- таъмини ёрии ҳуқуқии касбӣ;
- таъмини адолати судии ройгон ба табақаи камбизоати аҳолӣ;
- тахассусигардонии судҳо.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи дастрасии судӣ ин мавҷудияти кафолатҳои мурофиавӣ мебошад, ки ҳуқуқи иштирокчиёни эҳтимолии мурофиаро ба муҳокимаи одилонаи судӣ таъмин мекунад. Чунин ҳуқуқ ду уҳдадории давлатро ба вуҷуд меорад:

1) ба ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба дастрасии суд дахолат накунад;

2) иҷозат ва шароити амалию самаранокро фароҳам орад.

Яке аз хусусиятҳои умумиэътирофшудаи адолати судӣ амалисозии он дар шакли муқаррарнамудаи ҳуқуқи мурофиавӣ ва бо тартиби ҷиддии муқарраршуда мебошад. Ба расмиёти судӣ то ҳадде аҳамияти калон дода мешавад, ки як қатор муқаррароти муҳими асосиаш мақоми меъёрҳои конститутсионӣ дошта, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам шудаанд. Расмиёти мурофиавӣ ҳамчун кафолати муҳокимаи одилонаи судӣ баррасӣ мешавад, ки ҳар инсон ва шаҳрванд ба он ҳуқуқ дорад. Дар м. 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: «Ҳар як инсон барои муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳояш ва барои муқаррар намудани асоснокии айби ҷиноятии ба ӯ эълоншуда дар асоси баробарии комил ҳуқуқ ба он дорад, ки парвандаи ӯ ошкоро ва бо риояи ҳамаи талаботи адолати судӣ аз ҷониби суди мустақил ва беғараз баррасӣ шавад». Ҳуқуқи шабеҳ дар қ. 1, м. 14 Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва қ. 1, м. 6 Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мустаҳкам гардидааст: «Ҳар кас ҳангоми муайяннамоии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои ӯ ё ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятии дилхоҳ, ки ба ӯ айб карда эълон шудааст, ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи оммавии парванда дар муҳлати оқилона аз ҷониби суди мустақил ва беғараз, ки дар асоси қонун таъсис ёфтааст, дорад».

Бо дақиқияти том тасдиқ кардан мумкин аст, ки суди марҳилаи якум асоси адолати судӣ мебошад. Бинобар ин, танзими самараноки тартиби мурофиа аз рӯйи парвандаҳо дар суди марҳилаи якум аз он вобаста аст, ки то кадом дараҷа худи адолати судӣ самаранок мебошад ва то кадом ҳад ҳуқуқи дастрасӣ ба он воқеӣ аст. Аз ин ҷо танзими ҳуқуқии давраи муҳокимаи парванда дар суди марҳилаи якум (муҳокимаи судӣ) бояд инҳоро таъмин намояд:

- имконияти воқеии амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ (дастрасӣ ба адолати судӣ) аз тарафи шахсони манфиатдор;

- амалисозии принсипҳои ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ;

- аз тарафи суд имконияти вазифаи адолати судиро дар маҷмӯъ ва мақсаду вазифаҳои мурофиаи судии гражданиро дар алоҳидагӣ иҷро намудан, аз м. 14 Конститутсияи ҶТ (таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон) ва м. 3 КМГ ҶТ («Вазифаҳои мурофиаи судии гражданӣ аз дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои гражданӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шаҳрвандон (шахсони воқеӣ), шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҶТ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзил, замин, экологӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии гражданӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқ ва суд бояд мусоидат намояд») бармеоянд.

Бо ҷорӣ шудани мурофиаи граждании фармонӣ ва ғоибона имкониятҳои минбаъдаи тафриқасозии мурофиа бо мақсади баланд бардоштани самаранокии адолати судӣ ва осонгардонии дастрасӣ ба онро анҷом намебахшад. Дар ин масъала ба тавсияҳои Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо «Нисбат ба роҳҳои осонгардонии дастрасӣ ба адолати судӣ» № R (81)7 аз 14 майи соли 1981 ва «Нисбат ба принсипҳои мурофиавии судии гражданӣ, ки ба мукаммалсозии низоми судӣ равона шудааст» № R (84) 5 аз 28 феврали соли 1984 қабул шудаанд, муроҷиат намудан судманд аст. Дар тавсияҳои мазкур ба давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо пешниҳод шудааст, ки ҷиҳати соддагардонӣ ва тезонидани муҳокимаи парвандаҳои гражданӣ дар суд, ташкили расмиёти махсуси баррасии парвандаҳои хислати бебаҳс дорад ё даъво барои маблағи ночиз пешниҳод карда шуда бошад ва пешгирии рафтори бевиҷдононаи тарафҳо чораҳо андешанд.

Масалан, дар б. 15 тавсия аз 14 майи соли 1981 пешниҳоди зерин нисбат ба ташкили тартиби махсус омадааст: «Барои баҳсҳо аз рӯйи талаби даъвоӣ нисбат ба маблағи кам бояд расмиёте муқаррар карда шавад, ки ба тарафҳо бидуни хароҷоти нобаробар ба мавзӯи баҳс ҷиҳати муроҷиат ба суд имкон диҳад. Бо ин мақсад пешбинӣ намудани мурофиаи соддакардашудаи судӣ, канораҷӯӣ аз маҷлисҳои судии нолозим ва маҳдуд кардани ҳуқуқи шикоят имконпазир аст».

Дар Тавсия аз 28 феврали соли 1984 нӯҳ «принсипҳои» мурофиаи судии гражданӣ, ки барои мукаммалсозии муҳокимаи судӣ равона шудаанд, пешниҳод шудааст. Сетои онҳо (принсипҳои 1, 2 ва 8) муносибати бевосита бо масъалаи муҳокимашавандаро доранд, бинобар ин, матни онҳоро бапуррагӣ меорем.

«Принсипи 1

1. Мурофиаи судӣ одатан набояд зиёда аз ду маҷлиси судӣ иборат бошад: маҷлиси якум маҷлиси пешакии дорои хислати омодашавӣ буда, дар рафти маҷлиси дуюм далелҳо пешниҳод шуда, ваҷҳҳои тарафҳо шунида мешавад ва агар имконпазир бошад, ҳалнома қабул карда мешавад. Барои он, ки амалҳои зарурӣ барои гузаронидани маҷлиси дуюм сари вақт ва барои он, ки ба таъхир роҳ дода нашвад, суд бояд чораҳо андешад.

2. Нисбат ба тарафе, ки хабарномаи судиро гирифта, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун ё суд амалҳои мурофиавиро ба анҷом намерасонад, бояд муҷозот татбиқ карда шавад. Вобаста ба ҳолатҳо ба чунин муҷозот маҳрум кардан аз амали мурофиавӣ, қарор дар бораи ҷуброни зарар ва пӯшонидани хароҷот, бастани ҷарима ва бебаррасӣ мондани ариза дохил мешавад.

3. Суд бояд имконияти даъват намудани шоҳидонро дошта бошад, дар сурати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан нисбат ба чунин шоҳидон бояд муҷозоти дахлдор (дар намуди

ҷарима, ҷуброни зарар ва ғ.) татбиқ карда шавад. Дар сурати ҳозир нашудани шоҳид суд мустақилонаи масъалаи идомаи муҳокимаи судиро бе шунидани шоҳид ҳал мекунад. Барои осонгардонии тартиби шунидани нишондоди шоҳидон бояд дар ҳолатҳои дахлдор истифодаи воситаҳои техникии муосир, аз қабили алоқаи телефонӣ ё таҷҳизоти видеоӣ пешбинӣ карда шавад.

4. Агар коршиноси аз тарафи суд таъиншуда маърӯзаи худро пешниҳод накунад ё бе сабабҳои узрнок пешниҳоди онро ба таъхир гузорад, нисбат ба он муҷозоти дахлдор бояд татбиқ карда мешавад. Онҳо дар намуди кам кардани ҳаққи хизмат, қарор дар бораи пардохти хароҷот ё ҷуброни зарар, инчунин қабули чораҳои интизомӣ аз тарафи суд ё ташкилоти касбӣ, вобаста ба ҳолатҳои кор баромад карда метавонанд.

Принсипи 2

1. Вақте тараф даъвои баръало беасос пешниҳод мекунад, суд бояд ваколати қабули қарор аз рӯи парванда дар асоси расмиёти соддашуда дошта бошад ва агар зарур бошад, ин тарафро ҷарима бандад ё қарор дар бораи ҷуброни зарар ба дигар тараф барорад.

2. Вақте тараф дар рафти муҳокимаи судӣ бо мақсади кашол додани мурофиа бевиҷдонона рафтор мекунад ё расмиётро баръало вайрон мекунад, суд бояд дорои ваколати ё фавран қабул намудани қарор аз рӯи моҳияти кор, ё татбиқи чунин муҷозот, аз қабили ҷарима бастан, барои ҷуброни зарар ӯҳдадор кардан ё маҳрум кардани аз амалиёти мурофиавиро дошта бошад; дар ҳолатҳои махсус аз адвокат хароҷоти судиро рӯёнад.

3. Ассотсиатсияҳои касбии ҳуқуқшиносон бояд татбиқи чораҳои интизомиро дар ҳолати рафтори яке аз аъзои он хислатҳои дар бандҳои дар боло тавсифшударо доштан идома диҳанд.

Принсипи 8

1. Ба ғайр аз ин, бояд қоидаҳои мушаххас ё маҷмӯи қоидаҳое, ки ҳалли баҳсро метезонанд, пешбинӣ карда шавад:

a) дар ҳолатҳое, ки таъхирнопазиранд;

b) Дар ҳолатҳое, ки бо ҳуқуқи баҳснашаванда, зарари пешакӣ муайяншуда, инчунин ҳолатҳое, ки бо даъво ба маблағи начандон калон алоқаманданд;

c) Дар иртибот бо ҳодисаҳои нақлиётӣ, баҳсҳои меҳнатӣ, масъалаҳое, ки муносибати байни иҷорадеҳ ва иҷорагири манзил дахл дорад ва баъзе масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ, аз ҷумла муқаррар намудан ва тағйир додани андозаи алимент.

2. Бо ин мақсад мумкин аст як ё якчанд чораҳои мазкур истифода бурда шаванд: усулҳои содашудаи оғози муҳокима; гузаронидани муҳокимаи судӣ бе маҷлис ё гузаронидани танҳо як маҷлис ё вобаста ба ҳолатҳои кор гузаронидани маҷлиси пешакии судӣ; гузаронидани мурофиаи судии танҳо хаттӣ ё шифоҳӣ – вобаста ба ҳолатҳо; манъ кардан ё маҳдуд кардани баъзе норозигӣ ва баёнот; қоидаҳои нисбатан чандирии додани нишондод; амалисозии мурофиаи бетанаффус ё танаффуси начандон бардавом; таъини коршиноси судӣ ё ex officio ё бо дархости тараф, агар имконпазир бошад, то оғози мурофиаи судӣ; иштироки фаъоли суд дар пешбурди парванда ва даъвати шоҳидон ва шунидани нишондодҳо.

3. Ин қоидаҳои мушаххас ё маҷмӯи қоидаҳо вобаста ба ҳолатҳо метавонанд ҳангоми дархости тараф ё бо розигии ҳамаи тарафҳо ҳатмӣ карда шаванд».

Қобили зикр аст, ки бисёр муқарраротӣ КМГ ва КМИ, ки мувофиқан мурофиаро дар суди марҳилаи якуми юрисдиксияи умумӣ ва иқтисодӣ ба танзим медароранд, ба тавсияҳои Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо мувофиқ аст. Аз ҷумла боби 26 Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ баррасии парвандаҳо бо тартиби истеҳсолоти соддакардашуда пешбинӣ гардида, парвандаҳои иқтисодӣ, ки талаби даъвогар хислати бебаҳс дорад ва аз

тарафи ҷавобгар эътироф карда мешавад ё даъво барои маблағи ночиз пешниҳод карда шуда бошад, бо тартиби истеҳсолоти соддакардашуда баррасӣ карда мешавад.

Тибқи м. 207 Кодекси зикргардида бо тартиби истеҳсолоти соддакардашуда парвандаҳои зеринро баррасӣ намудан мумкин аст:

- оид ба талаби молу мулк, ки бо ҳуҷҷатҳо оид ба қарзҳояшон барои пардохти музди истифодаи қувваи барқ, газ, об, гармидиҳӣ, хизмати алоқа, пардохти маблағи иҷора ва дигар хароҷотҳое, ки ба истифодаи бино бо мақсади соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ асос ёфтаанд, тасдиқ мегардад;

- оид ба даъвоҳое, ки даъвогар бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда уҳдадориҳои молу мулкии ҷавобгарро тасдиқ мекунад, аммо ҷавобгар ин уҳдадориҳоро эътироф кунад ҳам, вале онҳоро иҷро намекунад;

- оид ба даъвоҳои шахсони ҳуқуқӣ ба маблағи то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар қонун муқаррар карда шудааст, бо даъвои соҳибкорони инфиродӣ бошад, ба маблағи то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар қонун муқаррар карда шудааст.

Инчунин тибқи қ. 2, м. 208 Кодекси мазкур парвандаҳои истеҳсолоти соддакардашуда аз тарафи судя танҳо дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ аз рӯзи дохилшавии аризаи даъвогӣ ба суди иқтисодӣ, бо назардошти мӯҳлати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва қабули ҳалнома оид ба парванда баррасӣ карда мешавад

Қобили зикр аст, ки дар Тавсия аз 14 майи соли 1981 пешниҳод шудааст, ки чораҳо нисбат ба талаботи даъвоии шикоятнашуда ва бебаҳс андешида шаванд, то ин ки ҳалнома зудтар, бидуни расмиёти нолозим, ҳозиршавӣ ба суд ё хароҷоти иловагӣ қабул карда шавад. Ба ин тавсия мурофиаи фармонӣ ба пуррагӣ мутобиқат мекунад. Дар баробари ин, чунин ба назар мерасад, ки қабул намудани дигар пешниҳодҳо, ки дар тавсияҳо пешбинӣ шудааст, барои мурофиаи судии мо судманд буда, барои осонгардонии дастрасӣ ба адолати судӣ ва баланд бардоштани самаранокии он мусоидат мекунад.

Қабул намудани ин мавввқеи Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва ба таркиби принсипҳои мурофиаи граждании (дар ҳолати муайян) ворид намудани принсипи хаттӣ будани муҳокимаи судӣ, ба ақидаи мо, ба манфиати кор аст. Ҳамин принсип метавонад нисбат ба баррасии баъзе намудҳои шикоят дар суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ амал намояд. Амалишавии он ҳамчунин дастрасӣ ба адолати судиро осон менамояд.

Ҳарчанд бо қабул шудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти № 9 аз 18 ноябри соли 2013 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» ва қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии ҶТ таҳти № 6 аз 25 декабри соли 2015 «Дар бораи аз ҷониби судҳои иқтисодӣ татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» тартиби татбиқи санадҳои байналмилалӣ тавзеҳот дода шуда бошад ҳам, то ҳол мушкилоти зиёд на танҳо дар қонунгузории миллӣ, балки дар санадҳои байналмилалӣ мавҷуданд, ки дар фаъолияти судӣ монеа эҷод мекунанд.

Ғайр аз ин, яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ин шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, тартиби ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ, ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 1326 аз 23 июни соли 2016 ба танзим медарорад.

Дар ин замина Тоҷикистон иштирокчии Конвенсияи Кишенёв оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ буда,

фасли III-и он ба эътироф ва иҷрои санадҳои судӣ аз ҷониби давлатҳои иштирокчиро ба танзим медарорад.

Тибқи моддаи 54 Конвенсия ҳар як давлати иштирокчӣ дар шароити муқарраркардаи ҳамин Конвенсия дар ҳудуди давлати худ санадҳои судии зерини аз ҷониби давлатҳои иштирокчӣ қабул гардидаро эътироф ва иҷро менамояд.

Аз ҷумла ҳалномаи суд доир ба парвандаҳои гражданӣ ва оилавӣ, бо дарназардошти созиши оштии тарафҳо, ки аз ҷониби суд тасдиқ гардидааст, ҳукми суд бо парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми рӯёнидани ҷуброни зарар, ҷарима ва мусодираи молу мулк, ҳалномаҳои суд дар хусуси ҳаби молу мулк, маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ бо мақсади таъмини даъво.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 57 Конвенсияи мазкур тартиби эътироф ва иҷрои санадҳои судии давлатҳои иштирокчӣ бо қонунгузории давлате, ки дар ҳудуди он бояд иҷро гардад муқаррар карда мешавад.

Дар КМГ ҶТ ва КМИ ҶТ танҳо эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ, инчунин **эътироф ва ичро намудани ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷӣ** мувофиқан дар бобҳои 44 ва 28 пешбинӣ гардидааст.

Тибқи моддаи 14 КМГ ҶТ ва моддаи 15 КМИ ҶТ судҳои умумӣ санадҳои судиро дар шакли фармон, ҳалнома, таъинот ва қарор, инчунин судҳои иқтисодӣ дар шакли ҳалнома, таъинот ва қарор қабул менамоянд.

Дар Кодексҳои мурофиавӣ вобаста ба иҷрои санадҳои судӣ дар шакли фармон, таъинот ва қарор меъёр тамоман вуҷуд надорад.

Ҳамчунин дар замини Конвенсия дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва ё Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тартиби иҷрои санадҳои судии давлатҳои хориҷӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, муосидираи молу мулк ва ҷуброни товони зарар тамоман меъёр вуҷуд надорад.

Ин ҷо якчанд мушкилотро дар шакли фишурда номбар кардан мумкин аст:

1. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ санадҳои судӣ (фармон, ҳалнома, таъинот, ҳукм ва қарор) ба таври мушаххас пешбинӣ нагардидааст, ки ҷиҳати таъмини иҷрои онҳо мушкилот вуҷуд доранд.

2. Дар заминаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бобати таъмини иҷрои санадҳои судӣ дар шакли фармон, таъинот ва қарор бо парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва ҳукм, таъинот ва қарор бо парвандаҳои ҷиноятӣ андешидани табирҳои зарурӣ дар сатҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМГ, КМИ, КМҶ ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад, зеро дар таҷрибаи судӣ чунин масъалаҳо тамоман ҳалли худро намеёбанд, зеро муқаррарот дар хусуси иҷрои он дар қонунгузории миллӣ вуҷуд надоранд)

3. Дар санадҳои байналхалқӣ дар хусуси иҷрои санади судӣ дар намуди фармон тамоман меъёр вуҷуд надорад, ки пешбини кардани он дар таъмини пурраи адолати судӣ мусоидат менамояд.

4. Пешбинӣ намудани ҳатмӣ будани додани нусхаи санадҳои аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиш, прокуратура ва суд доир ба ҳамаи парвандаҳо ва ё мавод зарурат дорад, зеро барои татбиқи саривақтӣ ва дурустии ҳуқуқҳои инсону шаҳрванд ва ғайра ба ҳимоя зарур мебошанд.

5. Пешбинӣ намудани иҷрои санадҳои судӣ ва қарорҳои шахсони мансабдор оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

6. Бо мақсади татбиқи дурусти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар робита ба қонунгузории миллӣ ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи дар боло зикргардида пешниҳод карда мешавад, ки қарори Пленуми Суди Олии ҶТ таҳти № 9 аз 18 ноябри соли 2013 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намуда-

ни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» ва қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии ҶТ таҳти № 6 аз 25 декабри соли 2015 «Дар бораи аз ҷониби судҳои иқтисодӣ татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» такмил дода шаванд.

# ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР ВА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ТАҲСИЛ

**Файзализода Б.Ф.,**
унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: musavir_1994@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбарииилмӣ:** Раҳмон Д.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Саидов И.И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

***Фишурда:*** Муаллиф дар мақолаи мазкур сабабҳо ва тартиби қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва аҳамияти Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро дар инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахусус дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил муайян намудааст. Ҳамчунин ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил тобиши илмӣ бахшидааст.

***Калидвожаҳо**:* хуқуқ, эъломия, инсон, таҳсил, конститутсия, кафолат, амалигардии ҳуқуқ, озодӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, меъёри ҳуқуқӣ.

# ВСЕОБЩАЯ ДЕКЛАРАЦИЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И РАЗВИТИЕ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА НА ОБРАЗОВАНИЕ

**Файзализода Б.Ф.,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: musavir_1994@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Рахмон Д.С., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Саидов И.И., кандидат юридических наук, доцент

***Аннотация.*** В статье речь идет о причинах и порядке принятия Всеобщей декларации прав человека и ее значении в развитии прав человека и гражданина, и права на образование в частности. А также расматриваются понятие и сущность права человека на образоваие.

***Ключевые слова:*** права человека, образование, декларация, конституция, законодательство.

# THE UNIVERSAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS AND THE DEVELOPMENT OF THE HUMAN RIGHT TO EDUCATION

**Faizalizoda B.F.,**
The Applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University
E-mail: musavir_1994@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor:** Rahmon D.S., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor
**Reviewer:** Saidov I.I., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

***Annotation.*** The article deals with the reasons and procedure for the adoption of the Universal Declaration of Human Rights and its significance in the development of the rights of human and citizen, and right to education in particular. The concept and essence of the human right to education is also considered.

***Keywords**:* Human Rights, Education, Declaration, Constitution, Legislation.

Инсон шакли махсус ва зинаи олии инкишофи мавҷудоти зинда дар руи замин, субекти равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, эҷодкору қувваи ҳаракатдиҳандаи таърих ва бунёдгари маданият аст.

Ташаккули ҳуқуқи инсон таърихи тулонӣ дорад. Ҳануз дар Юнони қадим яке софистони Юнони Протогор чунин қайд карда буд, ки «Инсон ченаки ҳама арзишҳост» [6].

Санаи 10 декабри соли 1948 Созмони Милали Муттаҳид санадеро ба тасвиб расонд, ки шараф ва ҳуқуқу озодиҳои бунёдии ҳамаи одамони рӯи ҷаҳонро қонунӣ гардонд.

Таъсири Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ба таърихи шасту нуҳ соли охири инсоният онгуна бузург гардид, ки бисёре инсонҳо аз ҳаммаи ҳуқуқҳои худ бархурдор шуда, амалигардии ҳуқуқҳои аҳли сайёра авҷ гирифт. Яке аз инқилобиёни фаронсавӣ гуфтааст, ҳуқуқи ман то ҷое пахн мешавад, ки ба ҳуқуқи дигарон осеб наорад. Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар гӯё ин фикрро идома дод: ҳуқуқи дигарон низ то марзе мерасад, ки ҳуқуқи шуморо маҳдуд накунад.

Дар баробари дигар санадҳои байналмилалӣ ин санади муҳими таърихӣ тараннумкунандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил низ мебошад.

Дар соли 1215 шоҳи инглис Ҷон Магна Карта «Либертатум» ё «Ҳукми Кабири Озодӣ»-ро нашр кард, ки ҳадафаш бартарӣ додан ба адл буд. Соли 1789 маҷлиси миллии Фаронса Эъломияи ҳуқуқи мардҳо ва шаҳрвандон ва ду сол баъдаш дар 1791 аввалин конгрессии Иёлоти Муттаҳида Амрико Қонуни ҳуқуқҳоро ба тасвиб расонданд, ки дар ҳардуи ин санадҳо ҳуқуқи шаҳрвандонашон ба таҳсил кафолат дода мешуд.

Ин ҷо фарқ ин буд, ки яке аз ин санадҳо ҳуқуқи таҳсили шаҳрвандони фаронса ва дигаре аз ҳуқуқи таҳсили шаҳрвандони Амрико дифоъ мекард. Дар тафовут бо ин ва ҳамаи дигар асноди ҳифзи ҳуқуқ, Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар, ки рӯзи 10-уми декабри соли 1948 Созмони Милали Муттаҳид дар Порис қабул кард, ҳуқуқи инсон ба таҳсилро мансуби ин ё он миллату нажод ё мазҳабу мамлакат на, балки мансуби тамоми аҳли башар донист.

Бо дарназардошти ин, ки эътирофи қадру қимат ба ҳамаи аҳли башар хос буда, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири онҳо асоси озоди, адолат ва сулҳи умум аст, бо дарназардошти ин, ки таҳқиру беэътинои ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориҷ бошанд, ҳамчун волотарин орзуи одамон эълон гардидааст, ҳамчунин бо дарназардошти ин, ки ҳуқуқи башар бояд бо ҳукми қонун ҳимоят карда шавад, то башар ҳамчун охирин илоҷ ба қиёми зидди зулму истибдод маҷбур нагардад, бо дарназардошти ин, ки ба густариши муносибатҳои дӯстонаи миёни халқҳо мусоидат намудан зарур

аст, бо дарназардошти ин, ки халқҳои Милали Муттаҳид имони худро ба ҳуқуқи асосии башар, шараф ва қимати шахсияти инсонию баробарии ҳуқуқи марду зан дар Оиннома эълон кардаанд ва қарор додаанд, ки ба пешрафти иҷтимоӣ мусоидат карда ва дар муҳити озодтар вазъи зиндагии беҳтаре ба вуҷуд оваранд ва аз сабаби оне, ки давлатҳои аъзо уҳдадор шудаанд ба эҳтироми риояи воқеии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ намоянд, бо дарназардошти ин, ки ҳусни тафоҳуми умумӣ дар мавриди ин ҳуқуқу озодиҳо дар иҷрои пурраи ин уҳдадори аҳамияти бузург дорад [4].

Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро ҳамчун вазифаи тамоми халқҳо ва тамоми давлатҳо эълон медорад, то ҳар фард ва ҳар мақоми давлатӣ онро доиман дар мадди назар дошта бошад ва ҷидду ҷаҳд намояд, ки тавассути омӯзишу таълим ва бо тадбирҳои пешрафтаи миллию байналмилали эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро чи дар миёни халқҳои давлатҳои узви Созмон ва чи дар миёни халқҳои қаламрави таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарордошта ба эҳтироми ин ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намояд.

Ҳомиёни ҳуқуқи инсон имрӯз мегӯянд, аҳамияти эъломияи шастунуҳсоларо замоне метавон дарк кард, ки агар фикр кунем, чунин санаде аслан ҳаргиз вуҷуд надоштааст ва нест. Он гоҳ ҳазорон ё шояд садҳо ҳазор қонуни дигаре ки чи дар сатҳи байналмилалӣ ва чи дар сатҳи кишварҳо навишта ва қабул шуданд, низ вуҷуд дошта наметавонистанд. Агар ба таҷрибаи қабули санадҳои байналмилаи назар афканем, маълум мегардад, ки **ҳамаи санаду паймони баъдии қабулгашта вобаста ба ҳуқуқи инсон, ба монанди конвенсия дар бораи манъи табъиз нисбати занон, конвенсия дар бораи зидди шиканҷа, конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, мубориза зидди нобаробариҳои нажодӣ ё ҳфизи ҳуқуқи кӯдак, ҳамагӣ ба эъломияи умумии ҳуқуқи башар асос ёфтаанд, ки он як пойдевори бузурги ҳуқуқӣ дар таърихи ҷаҳон ба шумор меравад.**

Тибқи «Китоби рекордҳои Гиннес», Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар паҳншудатарин санад дар ҷаҳон аст, ки аз лиҳози тарҷума ба забонҳои дунё дар ҷои аввал қарор дорад. Ҳарчанд бархе онро танқид мекунанд, ки ҳаққи саркашӣ аз ширкат дар ҷангро қойил нест ва ё кишварҳое чун Покистон, Эрон ва Арабистони Саудӣ мегӯянд, эъломияи вижагиҳои фарҳангию мазҳабии онҳоро ба назар нагирифтааст ва ё мегӯянд, ин санад дандони газ надорад ва кишварҳои гунаҳкорро ҷазо дода наметавонад, бузургтарин дастовардаш ин аст, ки як зани бенаво дар Африқо ё муҳоҷире дар Русия медонанд, ки чунин эъломия ҳаст, онҳо ҳақ ва ҳуқуқ доранд, барои ҳуқуқи худ мубориза мекунанд ва камтаринаш метавонанд аз аъмоли давлати худ шикоят кунанд. ба Созмони Милали Муттаҳид, яъне ба ҳамаи ҷаҳон.

Қабули ин санада байналмилали ва амалкарди он дар ин кадар муҳлати тулонӣ метавон гуфт, ки боиси инкишоф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон гаштааст.

Яке аз ҳуқуқҳои инсон, ки асос ва воситаи амалигардии тамоми ҳуқуқҳои дигари инсон ба ҳисоб меравад, ин ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад, ки Эъломияи ҳуқуқи башар низ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилали дар худ онро мустаҳкам намуда амали гардии онро низ кафолат додааст.

Масалан, Эъломияи ҳуқуқи башар ҳамчун санади муҳими байналмилали, ки дар рушду инкишоф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши беандоза дорад, моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар моддаи 26 муқаррар кардааст, ки мувофиқи он « Ҳар як инсон ҳуқуқи таҳсил дорад. Ақаллан таҳсили ибтидоӣ ва миёна бояд бепул бошад. Таҳсили ибтидоӣ бояд ҳатмӣ бошад. Таълими техникӣ ва касбӣ бояд дастраси ҳамагон бошад. Таҳсили олӣ

бояд мувофиқи қобилияти ҳар кас ба ҳама як хел дастрас бошад» [9].

Дар баробари муайян намудани шаклҳои таҳсил ҳамчунин мақсади таҳсилро низ муайян кардааст, ки « мақсади таълим бояд рушди хамаҷонибаи шахсияти инсон, афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад. Таълим бояд ба ҳусни тафоҳум, бурдборию дӯстии миёни тамоми миллатҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳаби ва ҳамчунин ба вусъати фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи ҳифзи сулҳ мусоидат намояд». Волидайн дар бобати интихоби навъи таълим барои фарзандони хурдсол ҳаққи аввалият доранд.

Қабули ин санадаи байналмилали давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳидро водор месозад, ки бахри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва амалигардии ҳуқуқу озодиҳои онҳо аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил, ки тавассути омӯзишу таълим ва бо тадбирҳои пешрафтаи миллию байналмилали эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро чи дар миёни халқҳои давлатҳои узви Созмон ва чи дар миёни халқҳои қаламрави таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарордошта ба эҳтироми ин ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намояд.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил аз ҷумлаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор рафта, ба гуруҳи хуқуқу озодиҳои фарҳангӣ ва насли дуюми ҳуқуқи инсон шомил мебошад. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил – ин ҳуқуқи шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ гирифтани таълим ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ мебошад. Ҳуқуқи инсон ба таҳсилро метаваонем ҳамчун ҳуқуқи таъминкунандаи имкониятҳо барои амалигардии ҳуқуқҳои дигари инсон, таъмини фаъолият ва ҳаракти инсон дар робита бо давлат ва ҷомеа тавсиф намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 1992 аъзои созмони комилхуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардид. Бо гузашти солҳо, ҳар давлате, ки арзи вуҷуд кард, сарқонуни худро қабул намуд. Зеро, он асоси рушди кишварҳоро дар тамоми самтҳо таъмин менамояд.

Ба андешаи Саъдизода Ҷ. ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон аст, ки ба амалишавии дигар ҳуқуқу озодиҳо мусоидат менамояд. Бинобар ҳамин, Конститутсияи ҶТ онро дар сатҳи дахлдор кафолат додааст [10].

Баъди қабули конститутсия ва қабули санадҳои меъёри ҳуқуқии миллӣ Тоҷикистон тавонист низоми ҳуқуқии худро муайян намуда, низоми қонунгузории худро мустаҳкам гардонад. Дар низоми қонунгузори Тоҷикистон Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Тоҷикистон Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд [7]. Аз ин муқарраароти конститутсионӣ дида мешавад, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башар низ дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон мавқеъ ва нуфузи хоссаро соҳиб аст.

Бо назардошти ин санади байналмилалӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсон ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои муҳим шуморида, меъёри мустақили худро ба ин масъала бахшид. Мувофиқи моддаи 41 Конститутсия «Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлати кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад». Ин аз он аҳамияти муҳими ҷамъи-

ятию байналмилалӣ доштани ҳуқуқи инсон ба таҳсил шаҳодат медиҳад.

Хулоса, аҳамияи Эъломияи ҳуқуқи башар дар рушду нумуи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи арзиши олии инсонӣ дошта бениҳоят муҳим ва самарабахш ба шумор меравад. Чунки инсонҳо хабардор аз он гардиданд, ки бе гирифтани таҳсил ва бе дасртрас кардани дониши муайян имконияти оядаи дурахшони худро сохтанро надоранд. Ва ҳамчунин хабардор аз он гардиданд, ки дар баробари санадҳои меъёри ҳуқуқии милли боз санади дигари байналмилалие бо номи Эъломияи ҳуқуқи башар мавҷуд аст, ки ҳимоякунанда ва амалигардонандаи ҳуқуқи онҳост.

**Адабиёт:**

1. Джордж, Дж., Андреапулос и Ричард Пьер Клод. Образование в области прав человека в XXI веке. – М., 1997.
2. Диноршоев, А.М. Право человека. Учебник для вузов. – Душанбе, 2010.
3. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А. Формиравание прав человека в Таджикистане: история и современность. – Волгоград, 2014.
4. Диноршоев, А.М, Права человека. Сборник международных и национальных документов в 8-ми томах. Т. 4. – Душанбе, 2009.
5. Конституционное право. Словарь. – М., 2001.
6. Сотиволдыев, Р.Ш. История политических и правовых учений (на таджикском языке). – Душанбе, 2011.
7. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.
8. Холиқов, А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Маориф ва фарҳангн, 2007.
9. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабрисоли 1948.
10. Саъдизода, Ҷ. Ҳуқуқ ба таҳсил дар партави Сарқонун. // Ҳуқуқшинос. № 28 (39). – аз 17.12.2009 сол.

# КАФОЛАТИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ ДАР ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР

**Одиназода С.В.,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саидов И.И., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

***Фишурда.*** Озодии виҷдон яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии инсон буда, озодии шахсиятро аз хама гуна назорати идеологӣ, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад. Муаллиф маф-ҳум, моҳият ва танзими ҳуқуқии озодии виҷдон ва эътиқоди диниро зери таҳлил қарор додааст.

***Калидвожаҳо:*** озодии виҷдон, озодии эътиқоди динӣ, Конститутсия, санадҳои байналмилалӣ.

# ГАРАНТИЯ СВОБОДЫ СОВЕСТИ И ВЕРОИСПОВЕДАНИЯ В КОНТЕКСТЕ ВСЕОБЩЕЙ ДЕКЛАРАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Одиназода С.В.,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Азиззода У.А. доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саидов И.И., кандидат юридических наук, доцент

***Аннотация.*** В данной статье автором рассматриваются проблемы правового регулирования свободы совести и вероисповедания в международно-правовых документах и законодательстве Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** свобода совести, свобода вероисповедания, Конституция, международно-правовые акты.

# THE GUARANTEE OF THE FREEDOM OF CONSCIENCE AND CONFESSION IN THE CONTEXT OF THE UNIVERSAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS

**Odinazoda S.V.,**
The Applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor:** Azizzoda U.A., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Saidov I.I., Candidate of Legal Sciences, Assistant Professor

***Annotation.*** In this article, the author deals with the problems of legal regulation of freedom of conscience and confession in international legal acts and in the legislation of the Republic of Tajikistan.

***Keywords:*** Freedom of Conscience, Freedom of Confession, the Constitution, International Legal Acts.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар нахустин ҳуҷҷатест, ки тамоми инсониятро новобаста аз миллат, нажод, ранги пуст, эътиқоди динӣ, маҳалли зист, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра баробар эълон намуд. Санади мазкур, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳояшро арзиши оли эътироф менамояд, ҳамчун асос ва сарчашма ҳангоми созмон додани низоми ҳуқуқии миллии давлатҳои алоҳида хизмат менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиклол, ки узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷахонист, дар созмон додани низоми ҳуқуқии худ ба нишондодҳои санадҳои байналмилалӣ, алалхусус ба Эъломияи ҳуқуқи башар пайравӣ намудааст. Дар асоси қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд ва мувофиқан ба он дар сурати мухолифати қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои байналмилали волоияти амал ба санадҳои байналмилалӣ дода мешаванд [1, с. 4].

Яке аз дастовардҳои мухиме, ки инсоният дар самти таъмини хукуку озодихои инсон ба даст овардааст, ин эълон доштани озодии вичдон ва эътикоди дини ба хисоб меравад. Хар як давлати хозираи демократии хукукбунёд пеш аз хама озодии вичдонро тахким бахшида, кафолат медихад [6, с. 75].

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди диниро дар сатҳи байналмиллали эътироф ва ҳимоя намуда, мавриди танзим қарор додааст. Чунончи моддаи 18-и санади зикргардида озодии виҷдон ва эътиқоди диниро ба тариқи зайл пешбини намудааст: «Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ аз тағйири озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чи бо тартиби инфиродӣ ва чи якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст» [2, с. 6].

Доир ба нишондодхои санади зикргардида хукуки инсон оид ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ аз чанд ҷабха иборат аст:

- Ҳуқуқи эътиқод овардан ба ҳар дин;
- Ҳуқуқи ба ҷо овардани расму оинҳои динӣ;
- Ҳуқуқи тағйири дин;
- Ҳуқуқи гирифтани таълими динӣ.

Дар асоси нишондодҳои моддаи 18 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар инсон метавонад аз дин пайравӣ кунад, метавонад накунад ва ё пайрави дини дигар бошад, ин ҳуқуқи вай аст. Яъне инсон ҳуқуқи пайравӣ кардан, накардан ва ё қабул кардани дини дигарро дорад. Дар моддаи мазкур мавқеи озодии муносибати шахс ба дин то дараҷаест, ки шахс метавонад нисбат ба дин муносибати инкорӣ дошта бошад. Касе ҳақ надорад дар ин самт ҳар амалеро, ки инсон зарур мешуморад, маҳдуд намояд ва ё баръакс, маҷбур намояд. Ин меъёр озодии шахсро дар гуногун будани фаҳмиши динӣ нишон дода, инсонро дар муқобили фахмиши динӣ озод қарор додааст. Ҳар шахс метавонад ҷаҳонбинии худро нисбат ба дин озодона муайян намояд. Ин ҳуҷҷати байналхалқӣ дар ин модда яке аз озодиҳои асосии инсон - озодии эътиқод ва виҷдонро муқаррар кардааст, ки дар гурухи озодиҳои

инсон нақши муҳим дорад. Ҳуқуқи пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон ҳаққи мустақил аст, ки шакли амалӣ гаштани муносибати инсонро ба дин муқаррар мекунад. Одамон метавонанд ба дин пайрави кунанд ё пайрави накунанд. Якҷоя пайрави намудан ба дин ҳуқуқи шахсро барои шомил шудан ба иттиҳодияҳое мефаҳмонад, ки дар асоси дине таъсис дода шудаанд ва ё берун аз фахмиши динӣ қарор доранд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи дар моддаи 18 хукуки иштирок дар маросим ва расму оинҳои диниро муқаррар кардааст. Инсон ҳуқуқ дорад дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд. Шахс метавонад аз ин ҳуқуқ истифода барад, яъне аз имконияти дар ихтиёр доштааш истифода барад ё аз ин имконият даст кашад.

Ҳуқуқ доштан, яъне имконият доштан аст, яъне имконият дар ихтиёри шахс аст, агар хоҳад, онро амалӣ мекунад ва ё нахоҳад метавонад аз амали кардани имконияти дар ихтиёр доштааш сарфи назар намояд. [4, с. 150].

Дар Конститутсияи ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ кафолат дода мешавад, ки дастоварди муҳими мамлакат дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас ҳуқуқ додааст, ки муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайрави намояд ва ё пайрави накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд (моддаи 26) [1, с. 12].

Таҳкими минбаъдаи худро ин ҳуқуқ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дарёфтааст. Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, ҳеч як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд (моддаи 8 Конститутсия). Давлат барои фаъолияти ҳама иттиходияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла динӣ имкониятҳои баробар фароҳам меорад. Ин баробари аз тарафи қонун бо чораҳои гуногун кафолат дода мешавад.

Ҳамин тарик, озодии виҷдон озодона баён кардани ақидаи ахлоқӣ аз тарафи шахс аст (чӣ гуна рафтор некӣ ва бадӣ аст, накӯкори ва ё разилона аст ва ғ). Озодии динӣ (мазҳаби) имконияти бовари доштан ба мавҷудияти ҳодисоти ғайри оддӣ, ки аз ҳама пок, боадолат, инсондӯст мебошад, дар бораи ахлоқи поки ҳар як шахс фикр кардан, ба роҳи дуруст ҳидоят намудан аст [5, с. 363].

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз соли 2009.
4. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.
5. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: Эр-граф, 2009.
6. Диноршоев, А.М., Сафаров, Б.А., Сафаров, Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2011.

# ДИСКУССИОНЫЕ ВОПРОСЫ ОТНОСИТЕЛЬНО ЦЕННОСТНОГО ПОНИМАНИЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

**Тохирова Н.А.,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений

**Научный руководитель:** Сафарзода Б.А. доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Диноршоев А.М., доктор юридических наук, профессор

***Аннотация***: Права человека в современном мире как социально-духовное явление относятся к категории основных общечеловеческих ценностей. Первые представления о свободе, равенстве, справедливости, которые заложили основные концепции прав человека, возникли еще в древнейших цивилизациях. Автор в статье анализирует различные теоретические взгляды на ценностное понимание прав человека.
***Ключевые слова***: ценность, права человека, Конституция, концепция.

# ФАҲМИШИ АРЗИШИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУБОҲИСАВӢ

**Тоҳирова Н.А.,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Б.А, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Диноршоев А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

***Фишурда:*** Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир ба сифати зуҳуроти асосии инсони эътроф шудааст. Аввалин ақидаҳо дар бораи баробарӣ ва адолат, ки ба сифати падидаҳои бунёдии ҳуқуқи инсон ба шумор мераванд, алҳол дар замони қадим ба вуҷуд омадаанд. Муаллиф дар мақола назарияҳои гуногуни олимонро оиди фаҳмиши арзишии ҳуқуқи инсонро таҳлил намудааст.
***Калидвожаҳо***: арзиш, ҳуқуқи инсон, Конститутсия, назария.

# DISCUSSION ISSUES REGARDING THE VALUABLE UNDERSTANDING OF HUMAN RIGHTS

**Tohirova N.A.,**
The Applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty, Tajik National University

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of law and state; history of legal and political doctrines

**Research supervisor:** Safarzoda B.A., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Dinorshoev A.M Doctor of Legal Sciences, Professor

***Annotation***: Human rights in the modern world as a socio-spiritual phenomenon belong to the category of basic universal values. The first ideas about freedom, equality, justice, which laid the basic concepts of human rights, arose even in ancient civilizations. The author in the article analyzes various theoretical views on the value understanding of human rights.
***Keywords***: value, human rights, Constitution, concept.

Современные конституции большинства стран мира, при закреплении прав человека пошли по пути ценностного ориентира их закрепления. Права и свободы человека признаются как прирожденные и неотчуждаемые. Не является исключением и Конституция Республики Таджикистан. Как отмечает Б.А. Сафарзода «в Конституции Таджикистана закреплена антропоцентристская модель понимания прав человека на основе естественно-правовой концепции. Она исходит из идеологии естественных и неотчуждаемых прав человека, которые, признаются существующими объективно и по своему происхождению носят дозаконотворческий характер, очерчивающими сферу индивидуальной свободы и тем самым ограничивающими государственную власть». [6]. В свою очередь Ф.Т. Тахиров, отмечает, что «концепцию естественного права, закрепленную в Конституции Республики Таджикистан 1994 года (ст. 5), следует рассматривать как наиболее оптимальный для современного таджикского общества вариант эпохи перехода от тоталитарного строя к демократическому. В современном Таджикистане она составляет основу современного понимания прав человека и правового государства». [8, с. 27]. Далее он отмечает, что «хотя связанность государства естественными и неотчуждаемыми правами человека пока что не более чем цель, это – перспектива развития, к чему должны стремиться общество и государство. Поэтому уважение и соблюдение Конституции, законов всеми членами общества, всеми должностными лицами и органами государства считаются неотъемлемой чертой демократического государства. [7, с. 27]. Д.М. Зоиров по данному вопросу указывает, что «в главе второй Конституции РТ получило воплощение либерально-этатистская модель, предусматривающая права, свободы, основные обязанности человека и гражданина». [2, с. 253]. А.М. Диноршоев и С.М. Салохидинова указывают, что «признание прав человека в Конституции Республики Таджикистан в качестве высшей ценности, имеет принципиальное значение, поскольку оно определяет отношения человека с государством, ставит его интересы на первое место и является предпосылкой регулирования правового статуса человека и гражданина. Следует сказать, что в Конституции РТ формулировка «высшая ценность» используется только по отношению прав и свобод человека и гражданина. Никакой другой конституционно-правовой институт не имеет такую характеристику». [1, с. 27].

Действительно Конституция Республики Таджикистан исходит из признания прав и свобод человека высшей ценностью, закрепляет неприкосновенность прав и свобод человека, которые признаются, соблюдаются и защищаются государством (ст. 5); закрепляет непосредственное осуществление прав и свобод человека и гражданина с ограничениями, допустимыми только с целью обеспечения прав и свобод других граждан, общественного порядка, защиты конституционного строя и территориальной целостности республики. Права и свободы человека и гражданина, по Конституции республики, определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной и местной властей, органов местного само-

управления и обеспечиваются судебной властью (ст. 14) [4]. Приведенные положения Конституции РТ дают основание говорить о естественной направленности Конституции.

Рассуждая о ценностном подходе к пониманию прав человека, нельзя не отметить, что в науке (юридической, политологической, философской) существуют мнения, не признающие данный подход. Так, В.И. Карпец пишет, что «человек, и тем более его права, не могут быть «высшими ценностями» просто потому, что таковыми не являются. Высшие ценности всегда трансцендентны, «иноприродны» и «нездешни»» [3]. Б.А. Куркин и И.С. Искевич в свою очередь указывают, что «объявляя человека высшей ценностью, мы неизбежно должны определить некую абсолютную ценность и ее человеческие параметры. И провозглашая человека «высшей ценностью» становится невозможно уже уйти от вопроса о качестве этого человека. Падший человек – тоже человек. Он будет «высшей ценностью»? Модусы человечности вообще беспредельны. Налицо чисто идеологический лозунг, не имеющий к реально жизни никакого отношения». [5, с. 18-26].

С критической позиции ценностный подход анализируется в работе К Шмитта «Тирания ценностей». Так, он отмечает, что «если рассматривать основные права как ценности, то сразу же возникает вопрос о том, почему эти ценности (равенство, свобода мнений и т.д.) должны рассматриваться в качестве таковых лишь по отношению к государству? Логично было бы распространить такое отношение к ним и на правоотношения, возникающие между гражданами» [9, с. 35]. Далее К. Шмитт отмечает, что «облеченная в субъективность свобода подменяется объективностью ценностей, являющуюся объективностью лишь по видимости. Ибо тот, кто ссылается на ценности, не может ничего противопоставить стремлению к переоценке, дискредитации или сомнению в той или иной ценности. Конечно, можно было бы рассматривать конституционные нормы в качестве выражения «системы ценностей» или «естественно-правовой системы». Однако неизбежным следствием этого и расплатой за это будет обесценивание самого текста конституции и ее понятийной структуры» [9, с. 35]. Данная ситуация по К. Шмитту приводит к тому, что «либо основные права ценности и подлежат одинаковой правовой защите как в отношениях между гражданами и государством, так и между самим гражданами, либо в одном случае основные права – это непреходящие вечные ценности, в другом – субъективные преходящие права» [9, с. 35].

С представленными позициями сложно согласится. Во-первых, когда речь идет о человеке и его правах, как ценности, то нужно отметить, что под ними понимаются выработанные на протяжении всей истории потребности человека. Эти потребности определяют взаимоотношения человека с государством, устанавливая рамки дозволенного поведения государства в отношении человека. Во-вторых, права человека как было не раз подчеркнуто, это взаимоотношения человека с государством. Даже если человек совершает противоправное действие или по выражению Б.А. Куркина и И.С. Искевич является «падшим человеком», от этого он не перестаёт быть человеком и государство должно вести себя с ним именно как субъектом обладающим человеческим достоинством. Иными словами, даже с преступником государство должно вести себя правильно в рамках установленных норм, а не уподобляться ему и применят незаконные меры. Государство, нарушающее права человека, ничем не лучше человека, совершившего преступление. И если государство провозглашает себя правовым и демократическим, оно должно соблюдать и охранять провозглашенные в стране ценности, к которым относятся человек и его права. Иными словами, власть не должна произвольно ограничивать или отчуждать свободу человека. При этом рамки поведения власти определяются как сложившимися исторически в данном обществе

ценностями, так и нормативно-правовыми регуляторами, в которых закреплены эти ценности.

**Литература:**

1. Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе 2017.
2. Зоиров Д.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности. (историко-правовой анализ). – СПб: Реноме, 2014.
3. Карпец В. И. Русь Меровингов и корень Рюрика. – М.: ЭКСМО, 2006.
4. Конституция Республики Таджикистан 6 ноября 1994 г.
5. Куркин Б.А. Искевич И.С. Права человека: два взгляда на феномен // Право: история и современность. – № 1. – 2017.
6. Сафарзода Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016.
7. Тахиров Ф.Т. Конституция Республики Таджикистан 1994 года и некоторые проблемы формирования правовой системы // Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009.
8. Тахиров Ф.Т. Современное национальное государство таджикского народа и перспективы его развития // Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009.
9. Schmitt C. Die Tyrannei der Werte, Hamburg: Lutherisches Verlagshaus, 1979.

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»:**

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2,5 см, левое – по 1,5 см и правое – по 3,5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) рецензия;

2) аннотации на русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

3) ключевые слова (пять — семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на русском и английском языках;

4) перевод на английский язык названия статьи;

5) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества автора статьи;

6) электронный адрес автора;

7) указывается научная специальность (код);

8) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества научного руководителя автора статьи;

9) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества рецензента статьи.

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.